**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ С. АЙНӢ**

**КДУ 90 (575,3)** **Бо ҳуқуқи дастнавис**

**АХМЕДОВ ФАРРУХЗОД ҲАСАНОВИЧ**

# ИНЪИКОСИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСАРҲОИ АКАДЕМИК АБДУЛҒАНӢ МИРЗОЕВ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**
**аз рӯйи ихтисоси 07.00.09- таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ**
**ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих)**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор Ҳ.Ш. Камолов**

**Душанбе - 2020**

# ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРҲО**……………………………………………..……………..4

**МУҚАДДИМА**………………………………………….....……………5-22

**БОБИ I. АКАДЕМИК А. МИРЗОЕВ ОЛИМИ БАРҶАСТА ВА СОЗМОНДЕҲИ ИЛМИ АКАДЕМИИ ШАРҚШИНОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**…………………………………………………..…23-69

I.1Марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва фаъолияти илмии академик А.Мирзоев…………………………………………………………..……23-47

I.2. Академик А. Мирзоев созмондеҳи илми шарқшиносӣ ва мураббии олимони ҷавон…………………………………………………..……48-69

**БОБИ II. САҲМИ АКАДЕМИК А. МИРЗОЕВ ДАР ПЕШРАФТИ ИЛМИ ТАЪРИХ ДАР ТОҶИКИСТОН** ………………………..……70-175

II.1. Академик А.Мирзоев муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик……...…70-85

II.2. Бозтоби масоили таърихи сиёсии давлати Сомониён дар осори академик А.Мирзоев……………………..…………………………86-110

II.3. Инъикоси рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хурусони нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри XVI дар асарҳои академик А. Мирзоев ………………………………………………..………………111-136

II.4. Баррасии масоили таърихии асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII дар рисолаи «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»-и академик А.Мирзоев…………………………………………………137-155

II.5. Инъикоси воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIX-и аморати Бухоро дар осори Аҳмади Дониш ва баррасиҳои онҳо аз тарафи академик А.Мирзоев…………………………..……………………156-175

**ХУЛОСА**………………..……………………………………………176-182
**РӮЙХАТИ САРЧАШМҲО ВА АДАБИЁТИ ИЛМӢ**……………183-198

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРҲО

АИ – Академияи илмҳо

АФ ИРСС – Академияи фанҳои Иттифоқи республикаи советии сотсиалистӣ

АФ РССТ – Академияи фанҳои Республикаи советии сотсиалистии Тоҷикистон

ДДТ – Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон

ИҶШСС – Иттифоқи ҷумҳурии шӯравии советии сотсиалистӣ

ИП – Институти педагогӣ

КИМ ҶМСС – Комитети иҷроияи марказии Ҷумҳурии мухтори советии сотсиалистӣ

КМ ПК – Комитети марказии Партияи комунистӣ

КМ ПК(б) – Комитети марказии партияи комунисти болшевекӣ

ЛИФЛИ – Ленинградский институт философии, литературы и истории

РСС– Республикаи советии социалистӣ

СССР – Союз советских социалистических республик

ФТАФ – Филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳо

ҶБВ – Ҷанги Бузурги Ватанӣ

РМСС – Республикаи мухтори советии сотсиалистӣ

РССТ – Республикаи советии сотсиалистии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот.** Академики Академияи фанҳои Тоҷикистон Абдулғанӣ Мирзоев бо осори гаронбаҳояш ҳамчун муаррих, адабиётшинос, забоншинос, файласуф, фолклоршинос, мунаққид ва муҳимтар аз ҳама созмондеҳ дар умури илм ва мураббии олимони ҷавон дар Тоҷикистон ва хориҷ аз он шинохта шудааст. Ӯ ба илми шарқшиносӣ солҳои 40-50-ум асри гузашта ворид шуда, солҳои 60-70-ум чун соҳибназари илми шарқшиносӣ ҷойгоҳи хосе барои худ касб кард.

А.Мирзоев солҳои 1947-1951 Институти таърих, археология, этнография, забон ва адабиёт шӯъбаи Тоҷикистонии АФ СССР-ро роҳбарӣ намуда, бо дастгирии академик Б.Ғафуров ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмии Москва ва Ленинград бо дарназардошти имконоти мавҷудаи он замон дар институти мазкур фазои мусоидеро фароҳам меоварад, ки донишмандони зиёде аз муассисаҳои илмии Иттиҳоди Шӯравӣ ба Тоҷикистон даъват мешаванд ва ба омӯзиши густурдаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшисносии халқи тоҷик оғоз менамоянд.

Академик А.Мирзоев аз рӯзҳои нахустини таъсиси Шӯъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ дар назди Шӯъбаи адабиёти класикии тоҷик ва дастхатҳои шарқшиносии Институти забон ва адабиёти раёсати Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон (1958) ва ба Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон табдил ёфтани он (1970), то охири ҳаёташ (1976) аз вазифаи мудири шӯъба то ба вазифаи директори институт кор карда, дар баробари фаъолияти пурсамари илмӣ ба корҳои маъмурӣ, илмию ташкилӣ ва тарбияи олимони шарқшинос ҳизмати шоиста кардааст.

Академик А.Мирзоев яке аз баргузор ва фаъолони конгресҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ, ташаббускори робитаҳои адабии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ дар даҳаи солҳои ҳафтодуми асри XX ба шумор меравад.

Дар тӯли фаъолияти илмии худ академик А.Мирзоев беш аз 400 рисола, китоби дарсӣ ва мақолаҳои илмӣ-оммавӣ навишта ва ин фаъолияти пурмаҳсули илмии академик А.Мирзоев ба як мактаби илмию омӯзишие табдил ёфт, ки аз он бисёр наслҳои олимон баҳра гирифтаанд ва дар оянда низ аз он баҳраманд хоҳанд шуд.

Доир ба осори офаридаи академик А.Мирзоев дар соҳаи адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, робитаҳои адабӣ ва адабиёти шифоҳӣ донишмандон ибрози назар кардаанд ва мақолаву рисолаҳо навишта, ҷойгоҳи олимро дар ин соҳаҳои илм мушаххас намудаанд.

Академик А.Мирзоев дар асарҳои дар самти адабиётшиносӣ офаридааш дар баробари инъикоси вазъи адабии ин ва ё он давр доир ба ҳодисаҳои таърихии замони мавриди таҳқиқи хеш ибрози назар мекунад. Таваҷҷуҳи ӯ ба илми таърих аз замони ҳамкориҳояш бо академик Б.Ғафуров, ки дар раванди ҷустуҷӯ ва омӯхтани сарчашмаҳои таърихӣ барои навиштани «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947) ба муаллиф мусоидат карда, муҳарририи ин асарро ба зимма доштааст, бештар мегардад.

Таҳқиқоти академии А.Мирзоев «Биноӣ» (Сталинобод, 1957) ва «Камал-ад-Дин Бинаи» (Москва, 1976) яке аз муҳимтарин пажӯҳишҳои таърихӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри XVI Мовароуннаҳру Хуросон хеле густурда инъикос ёфтаанд. Ҳамчунин ба ҳангоми таҳлили осори Мулҳами Бухороӣ, Малеҳои Самарқандӣ ва Сайидои Насафӣ вазъи таърихии ин давр – асрҳои XVII-XVIII-ро, ки ба замони ҳукумати Аштархониҳо баробар аст, хеле хуб баррасӣ мекунад. Дар силсиламақолаҳои ӯ, ки ба Аҳмади Дониш ва осораш бахшида шудаанд, роҷеъ ба авзои сиёсии аморати Бухорои нимаи дуюми асри XIX маълумот медиҳад.

Академик А.Мирзоев бо дарназардошти ин ки осори таърихии гузаштаро хуб медонист, аз ин рӯ ҳангоми баррасии масъалаҳои адабиётшиносӣ, пеш аз ҳама ба таърихи он замон назар мекард,

пешрафту ақибмонии ҳаёти адабию фарҳангиро аз ҳодисаҳои сиёсии замон меҷуст ва хеле муваффақона онҳоро таҳлил менамуд. Академик А.Мирзоев чун муҳаққиқи дақиқназар собит сохт, ки омӯзиши масоили таърихи фарҳанги ин ва ё он даври мардуми тоҷик бе таҳқиқи бунёдӣ ва дарки масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии он имконнопазир аст. Бинобар ин А.Мирзоев баъд аз омӯзиш ва таҳлили комили як давраи таърихӣ иқдом ба навиштани шарҳи ҳол ва мероси адабии ин ва ё он шоир мекард. Ин услуби таҳқиқ, ки А.Мирзоев онро дар адабиёти тоҷик асос гузошт, минбаъд аз ҷониби олимон чун меъёри таҳқиқи илмӣ қабул гардид ва то кунун идома дорад. Чунин услуби пажӯҳиш буд, ки теъдоди зиёде аз адабиётшиносони тоҷик дар омӯзиши мавзӯъҳои таърихӣ муваффақ гардиданд.

То кунун осори ба илми таърих бахшидаи А.Мирзоев мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтаанд ва нақши олим дар илми таърихнигории тоҷик то имрӯз мушаххас нашудааст. Ин ҳолат мубрам будани мавзӯъи мавриди таҳқиқро муайян мекунад ва он дар чунин нуктаҳо хулоса мешавад:

- академик А.Мирзоев дар омӯзиш ва баррасии ҳодисаҳои таърихии асрҳои миёна ва пасини Мовароуннаҳру Хуросон осори арзишманди илмӣ офаридааст, ки онҳо дар равшан кардани баъзе масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии таърихи халқи тоҷик нақши муҳим дошта, то кунун арзиши илмии худро ҳифз кардаанд;

- муаллифи рисола кӯшидааст таҳқиқоти дар илми таърихи халқи тоҷик офаридаи академик А.Мирзоевро, ки то ба кунун мавриди баррасии таърихнигорон қарор нагирифтаанд, омӯхта, ҷойгоҳи олимро, ки бешубҳа дар радифи таърихнигорони шинохта қарор дорад, муайян созад;

- академик А.Мирзоев услуби пажӯҳиши таърихию адабиро дар адабиёти советии тоҷик поягузорӣ кард, ки он дар солҳои баъдӣ аз ҷониби дигар олимон чун меъёри таҳқиқоти илмӣ пазируфта шуд ва идома пайдо кард. Чунин муносибати густурда ба омӯзиши масъалаи

мавриди пажӯҳиш буд, ки теъдоди зиёде аз адабиётшиносони тоҷик дар таҳқиқи мавзӯъҳои таърихӣ комёб гардиданд;

- академик А.Мирзоев дар мактаби таърихнигорие тарбият ёфтааст, ки аз он шахсиятҳои маъруфе чун академикҳо С.Айнӣ,(1878-1954) Е.Э. Бертелс (1890-1957)ва Б.Ғафуров(1909-1977) омӯзиш дидаанд. Омӯхтану баҳра бардоштан аз ин мактаб барои ҷавононе, ки ба омӯзиши таърихи ниёгони худ рӯй овардаанд, мактаби ибрат ва таҳқиқоту омӯзиш маҳсуб мегардад.

**Сатҳи омӯзиши илмии мавзӯъ.** То он ҷое, ки маълум аст, доир ба фаъолиятии илмии академик А.Мирзоев ҳамчун таърихнигор ва созмондеҳи илми академии шарқшиносӣ дар Тоҷикистон таҳқиқоти назаррасе таълиф нашудааст. Аммо пиромуни осори дар соҳаи улуми филологӣ офаридаи олим китобҳои ҷудогона, мақолаҳои зиёд ва рисолаи илмӣ аз ҷониби олимони гуногун навишта шудаанд.

Омӯзиш ва баррасии осори илмӣ ва фаъолияти роҳбарии академик А.Мирзоевро, ки аз ҷониби олимон анҷом ёфтааст, метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Ба гурӯҳи аввал китоб, мақолаҳои ҷудогона ва маҷмӯаи мақолаҳое шомил мешаванд, ки дар онҳо паҳлуҳои мухталифи фаъолияти илмӣ ва роҳбарии олим дар меҳвари таҳқиқ қарор гирифтаанд.

**Ба гурӯҳи аввал** китоби А.Афсаҳзод(1935-1999)«Академик Абдулғанӣ Мирзоев»[1], мақолаҳои алоҳидаи дар солҳои гуногун чопшуда, маҷмӯаи мақолоти «Ёдномаи Академик Абдулғанӣ Мирзоев»[2] ва «Шарқшиносии тоҷик»[3] шомил мешаванд.

Мақолаҳои А.П.Колпаков,[4] А. Деҳотӣ,[5] С. Табаров[6] ва М.Муллоев,

---

[1] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. Душанбе: Ирфон, 1985. -80 с.
[2] Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. Мураттибон: А. Алимардонов, Р. Аҳмад. Душанбе: Дониш, 2008. - 425 с.
[3] Шаркшиносии тоҷик. Мураттибон: А.М. Хуросонӣ ва Н. Амиршоҳӣ. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. -629 с.
[4] Колпаков А.П. Абдулгани Мирзаев и роль его в изучение история персидского литература// Маориф ва Маданият. 11 майи 1957. С.11-16.
[5] Деҳотӣ А. Қуллиёт иборат аз панҷ ҷилд. Ҷ.2. Душанбе: Ирфон, 1966. -218 с.
[6] Табаров С. А. Мирзоев ва хотироти неки ӯ// Маориф ва Маданият. 20-марти 1979. С 12-15.

Ш.Муҳаммадиев[1] дар замонҳои мухталиф ба табъ расида, роҷеъ ба навгӯиҳое, ки дар заминаи омӯзиши масоили таърихи забон ва адабиёти классикии форсӣ- тоҷикӣ академик А.Мирзоев кардаанд, баҳс намуда, мақоми олимро дар рушди шарқшиносӣ дар Тоҷикистон, омӯзиши саҳифаҳои норавшани таъриху адабиёту фарҳанги тоҷик ва дигар мардумони Шарқ бузург арзёбӣ менамоянд.

Доктори илмҳои филологӣ А.Афсаҳзод дар рисолаи хеш «Академик Абдулғанӣ Мирзоев» доир ба баъзе ҷиҳатҳои фаъолияти илмии олим ибрози андеша намуда, ҷараёни зиндагии ӯро то кашфи қуллаҳои илм баён кардааст[2]. Ҳамчунин ин олим дар мақолае бо номи, “Абдулғанӣ Мирзоев” ки дар маҷмӯаи мақолаҳои «Ёдномаи Академик Абдулғанӣ Мирзоев» ба нашр расидааст, зикре аз хислатҳои ҳамидаи А.Мирзоев мекунад ва менависад: «Мирзоев чун инсон хислатҳои мақбули зиёде дошт. Илова ба ҷомеияти илмӣ, фазлу хирад ва қобилияти шоистаи роҳбарӣ, марде буд рост, холисақида, тавоно, устувор, ҳасос, кӯшо, хоксор, нисбат ба ороиш, зебу зиннат беэътибор, худбиниро намедонист, хушсурат, хушлибос ва ниҳоят китобдӯст буд. Шахси хунгарм буд. Ин хунгармии ӯ махсусан ҳангоми баҳсҳояш аён мешуд. Дар баҳс мағлубнопазир буд, далелу бурҳон, мантиқ, аёният ва ҳарорати сухани ӯро дар баҳс ба ҷанговар ё шикорчӣ монанд мекард. Суханҳояш ҳамеша нишонрас буданд. Оромии зоҳирӣ, оташи ниҳонӣ, таранг шудани асабҳояшро пинҳон кардан наметавонист. Бо дӯстон ва ҳамкорон самимона суҳбат мекард».[3]

Доктори улуми филологӣ, академик Х.Отахонова (1932-2016) аз ҷойгоҳи баланди илмии академик А.Мирзоев ёд карда, менависад, ки ҷустуҷӯйҳои илмии А.Мирзоев самтҳои гуногуни филологияи тоҷикро фаро гирифтаанд ва бешак ӯ забоншинос, муҳаққиқи таърихи адабиёт ва робитаҳои адабӣ, фолклоршинос, мунаққид, сарчашмашинос ва

---

[1] Муллоев М., Муҳаммадиев Ш. Шарқшиноси номдори тоҷик // Маориф ва Маданият. 24 декабри 1988.15-18.

[2] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. С. 18-27.

[3] Афзаҳзод А. Абдулғанӣ Мирзоев //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. Душанбе: Дониш, 2008. С. 198-211.

пажӯҳишгари пайвандҳои адабӣ мебошад.[1]

Адабиётшинос, профессор А.Сатторзода дар мақолаи хеш «Ҷойи ӯ холист» пиромуни фаъолияти А.Мирзоев дар соҳаи илми шарқшиносӣ ба ин назар аст, ки «ҳамаи таълифоти ин донишманди номӣ, бидуни истисно, аз навиштаҳои ҳампешагон ва ҳамзамононаш бо амиқии таҳлил ва чашмандози фарох бартарӣ дошт ва аз ин сабаб сармашқе барои онҳо буд».[2]

Профессор Х.Шарифов дар мақолаи худ «Абдулғанӣ Мирзоев ва китоби «Binoӣ»-и ӯ дар бораи донишу огоҳиҳои фаровон, иродаи қавӣ, истеъдоди расо ва хеле пуркору дақиқкор будани А.Мирзоев зикр карда, менависад: «Дар илму таҳқиқ дақиқкориро меписандид, истодагарӣ дар баҳсҳои илмӣ зоҳир мекард ва рақиби ба назари ӯ ба андешаи ғалат рафтаро бо далелҳои қавӣ ва фишори фикрӣ ислоҳ мекард»[3].

Дар силсилаи мақолаҳои адабиётшинос, номзади илмҳои филологӣ А.Алимардонов мақоми илмии академик А.Мирзоев дар омӯзиши таърихи адабиёт ва забони тоҷикӣ, робитаҳои адабӣ ва осори хаттӣ мушаххас шудааст. Аз ҷумла дар мақолаи «Нақши бузурги академик А.М.Мирзоев дар омӯзиши таърихи адабиёти форс-тоҷик ва масоили муҳимми он»[4] нақши академик А.Мирзоев дар омӯзиши илмҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, таърихи адабиёти форсу тоҷик, таърихи мусиқӣ ва робитаҳои адабӣ муайян гардида, дар бораи фаъолияти олим дар солҳои ҶБВ дар сафоратхонаи ИРСС дар Эрон ва пас аз ҶБВ дар Институти таърих, забон ва адабиёти филиали Тоҷикистони АФ ИРСС ибрози назар шудааст. А.Алимардонов ба ин назар аст, ки дар ин давра (солҳои 1945-1955) дар натиҷаи дақиқ омӯхтани асарҳои назариявӣ ва маъхазҳои таърихию адабӣ доираи ҷаҳонбинии

---

[1] Отахонова Х. Ёде аз устод Абулғанӣ Мирзоев // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.333-340.
[2] Сатторзода А. Ҷойи ӯ холист // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.191-197.
[3] Шарифов Х. Абдулғанӣ Мирзоев ва китоби «Биноӣ» -и ӯ // Ёдномаи академик Абдулғанӣ С.198-211.
[4] Алимардонов А. Нақши бузурги академик А. М. Мирзоев дар омӯзиши таърихи адабиёти форс-тоҷик ва масоили муҳимми он // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С 212-224.

А.Мирзоев васеъ ва амиқ гардида, маҳорати муҳаққиқиаш такмил меёбад. Ӯ ба таҳрири таҳқиқотҳои таърихӣ, адабиётшиносӣ, таърихи мусиқӣ, адабиёти шифоҳӣ ва афкори ҷамъиятии халқи тоҷик, ки дар Тоҷикистон, Маскав ва Ленинград анҷом дода мешуданд, ҷалб мешавад. Ба ақидаи А.Алимардонов ҳангоми омӯхтану таҳқиқи адабиёти асрҳои XVI-XIX ва маъхазҳои он А.Мирзоев теъдоде аз нусхаҳои дастнависи асарҳоеро, монанди «Музаккиру-л-асҳоб»-и Малеҳои Самарқандӣ, «Нусхаи зебои Ҷаҳонгирӣ»-и Мутрибӣ, нусхаи маснавии Ҳилолӣ, «Номуси аъзам» ва нусхаи аслии «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Зафарнома»-и Бадруддини Кашмирӣ, «Девони Сайфии Бухороӣ» ва нусхаҳои осори Мулҳами Бухороиро пайдо мекунад, ки то он замон дар доираҳои илмӣ зиёд шинохташуда набуданд. А. Алимардонов(1938-2010) аз нақши бузурги академик А. М. Мирзоев дар таҳқиқи маданият, таърих, фалсафа, забон, фолклор, адабиёти форс-тоҷик ва дастраси оммаи васеи хонандагон гардонидани беҳтарин намунаҳои адабиёти форсизабонони ҷаҳон зикр карда менависад: «Доираи фаъолияти илмии ин устоди дақиқназару меҳнатдӯст бисёр васеъ ва доманадор буда, аз таълифи мақолаҳо, дастурҳои таълимию китобҳои дарсӣ ва тавсифи дастнависҳо то офаридани асарҳои мукаммали адабиётшиносӣ, назарияи адабиёт ва робитаҳои адабиро фаро мегирад». А. Алимардонов дар ин ҷо аз А.Мирзоев ба унвони яке аз нахустин ва машҳуртарин муҳақиқони давраи шӯравии тоҷик ном мебарад.

А. Алимардонов дар мақолаи дигари худ “Саҳми Академик А. М. Мирзоев дар омӯхтани робитаҳои адабӣ” доираи фаъолияти илмии донишманди пухтакору меҳнатдӯст академик А. М. Мирзоевро дар самти робитаҳои адабӣ баррасӣ мекунад.[1]

Дар мақолаи “Нақши Академик А.М. Мирзоев дар ҷамъоварӣ ва омӯзиши ёдгориҳои хаттӣ” А.Алимардонов сабаби асосии ба муваффақиятҳои чашмгир ноил гардидан ва мавриди таваҷҷуҳу

эътирофи ховаршиносони шӯравию хориҷӣ қарор гирифтани таҳқиқотҳои А.М.Мирзоевро, пеш аз ҳама, дар заминаи тадқиқу таҳлили ҳамаҷонибаю амиқи маъхазҳои хаттии боэътимод навишта шудани ин осор мебинад.[2]

А.Алимардонов дар мақолаи ба забони русӣ навиштааш “Роль Академика А. М. Мирзоева в выявлении, собрании и изучении памятников письменной культуры” аз нақши калидии А.Мирзоев дар таҳқиқи таърихи фарҳанги миллати тоҷик ва халқҳои ҳамсоя ибрози назар мекунад”.[3]

Профессор М.Муллоаҳмад ва номзади илмҳои филологӣ С.Қурбонова дар мақолаи муштаракашон бо номи «Рӯдакишиносӣ дар чашмандози илмии А.Мирзоев» ба ин назаранд, ки таҳқиқи осори асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ аз рукнҳои асосии осори илмии академик А.Мирзоев ба шумор меравад. А.Мирзоев ба тадқиқи аҳволу осори Рӯдакӣ, асосан, дар остонаи ҷашни 1100-солагии бунёдгузори адабиёти классикии форс-тоҷик, ки соли 1958 ҷашн гирифта шуд, шурӯъ намудааст.[4]

Дар мақолаи «Аҳмияти осори академик А. Мирзоев дар омӯзиш ва таҳқиқи афкори адабӣ, иҷтимоӣ ва фалсафии халқи тоҷик», ки ба қалами узви вобастаи академияи илмҳои ҶТ Ғ.Ашӯров марбут аст, муаллиф ба хулосае мерасад, ки дар асарҳои ӯ, ба хусус таҳқиқоти «Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ» масъалаҳое, мисли ташаккули халқи тоҷик дар аҳди Сомониён, пайдоиш ва инкишофи забони форсӣ-дарӣ дар асрҳои IX-X ва дар замони Сомониён мақоми давлатӣ гирифтани ин забон, мавҷудияти давлати миллӣ ва аҳамияти вай дар рушду нумӯи халқи соҳибдавлат таҳлилу баррасӣ шудаанд, ки барои ҷомеаи

---

1 Алимардонов А. Саҳми академик А. М. Мирзоев дар омӯхтани робитаҳои адабӣ //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев, 2008. С 253-261.

2 Алимардонов А. Нақши академик А.М. Мирзоев дар ҷамъоварӣ ва омӯзиши ёдгориҳои хаттӣ // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев, 2008. С. 303-309.

3 Алимардонов А. Роль Академика А. М. Мирзоева в выявлении, собрании и изучении памятников письменной культуры // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С 358-364.

4 Муллоаҳмад М., Қурбонова С. Рӯдакишиносӣ дар чашмандози илмии А.Мирзоев //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.225-239.

имрӯзаи Тоҷикистон беш аз пеш аҳамият пайдо кардаанд. Аз шуҳрати байналмилалии академик А.Мирзоев сухан ронда, муаллиф зикр мекунад, ки ӯ яке аз беҳтарин муҳаққиқони адабиёти классикии тоҷикӣ - форсӣ дар Эрон, Афғонистон, Ҳинду Покистон шинохта шудааст.[1]

Академики АИ Тоҷикистон, доктори улуми фалсафа К.Олимов аз дониши васеъ, тафаккури таҳлилии амиқ, ҷиддият дар муҳокима ва баррасии мавзӯи таҳқиқшаванда, муайян кардани самтҳои асосии таҳқиқ, ки аз хусусиятҳои муҳимтарини пажӯҳиши академик А.Мирзоев буд, зикр карда, менависад, ки «Абдулғанӣ Мирзоев аз тарзи таҳқиқ ва методологияи илми шӯравӣ ва ҷаҳонӣ хуб огоҳ буданд, дар осори худ усули истифода ва такя намудан ба манбаъҳои аввалдараҷаро меъёри асосии хулосаҳои илмӣ медонистанд».[2]

Доир ба усули пажӯҳиши А.Мирзоев доктори улуми филологӣ Қ.Восеъ ба ин назар аст, ки «агар ба амиқрафти тарзу усули таҳқиқи адабиёти муосири ватаниамон сар фурӯ барем, мебинем, ки усули таҳқиқоти академик Абдулғанӣ Мирзоев хоси мактаби адабиётшиносии худашон будааст. Дар воқеъ, шахсияти ин дарёдониши шаҳир бо силсилаи таҳқиқоти доманадору муассир мактаби тозаи адабиёт-шиносии моро, ки маълумот дар асоси сарчашмаҳост, таҳрезӣ намуда, ба тамоми намояндагони дунё нишон доданд, ки мактаби илмии он кас шоистатарин ва саҳеҳтарин роҳи адабиётшиносист».[3]

Доктори улуми филологӣ У.Каримов (1920-1997) дар мақолаи худ «Донишманде, ки шуҳрати ҷаҳонӣ дорад» аз донишу биниш, хираду заковати А.Мирзоев, ки дар асарҳояш таҷассум ёфтаанд, бардоштҳое мекунад.[4]

Бо дарназардошти имкониятҳои молии Институти шарқшиносии

---

[1] Ашӯров Ғ. Аҳмияти осори академик А. Мирзоев дар омӯзиш ва таҳқиқи афкори адабӣ, иҷтимоӣ ва фалсафии халқи тоҷик //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С. 240-245.
[2] Олимов К. Олими Бузург ва ховаршиноси ҷаҳоншумул //Ёдномаи академик Абдулғанӣ. С.246-252.
[3] Восеъ Қ. Фозили соҳибмактаб //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.418-425.
[4] Каримов У. Донишманде, ки шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.262-275.

АИ Тоҷикистон бо ташаббуси академик А.Мирзоев шӯъбаву бахшҳои нав, аз ҷумла бахшҳои Эрон, Афғонистон, Ҳинду Покистон ва мамолики арабӣ таъсис дода шуд, ки дар онҳо таъриху иқтисод, адабиёту забонҳои ин кишварҳо мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор мегирифтанд. Барои пиёда кардани ин нақшаҳо, пеш аз ҳама, кадрҳои ҷавону мутахассис лозим буд. Дар интихоби кадрҳои лоиқ бевосита худи академик А.Мирзоев машғул шуда, мутахассисони забонҳои арабию форсӣ, ҳиндиву урду, дариву паштуро, ки факултаҳои шарқшиносии Санк-Петербург, Москва, Тошканд ва Душанберо бомуваффақият хатм карда буданд, барои кор ба Институти шарқшиносӣ ҷалб менамуд. Ин нуктаҳо дар мақолаи О.Хоҷамуродов «Академик Абдулғанӣ Мирзоев бунёдгузори илми шарқшиносии тоҷик»[1] баён шудаанд.

Яке аз шарқшиносони маъруфи тоҷик, шодравон З.Аҳрорӣ, ки солиёни дароз бо академик А.Мирзоев дар Институти шарқшиносӣ ҳамкорӣ кардааст, зикри хубе аз ин олим карда, дар зимн менависад, ки «устоди равоншод Абдулғанӣ Мирзоев аз шумори чунин родмардон, донишмандони камназирест, ки ростӣ хокаш сурмаи чашми зиндагист. Ӯ дар роҳи пешрафти илму ҳунар, тарбия ва парвариши силсилаи мутахассисони варзида, ҳамчунин ободӣ ва иқтидори кишвари маҳбуб хидматҳои шоистае ба ҷо оварда, ки боиси ҷовидонагии номи ӯ мебошад».[2] Ин сухан дар мақолаи муштараки У. Обидов ва М. Олимов «Ба дониш бувад мардро обрӯй» тақвият ёфта, муаллифони мақола таъкид мекунанд, ки академик А.Мирзоев маънии зиндагиро, пеш аз ҳама, дар кору хидмат ба халқу Ватан медонист ва онро ба ҳамкасбон, ҳамкорон ва шогирдон ҳавола мекард. [3]

Академик А.Мирзоев аз зумраи он донишмандони камназирест, ки таълифоти бунёдии серсоҳа дорад. Ӯ бо осори офаридааш миёни

---

[1] Хоҷамуродов О. Академик Абдулғанӣ Мирзоев бунёдгзори илми Шарқшиносии тоҷик // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.276-281.
[2] Аҳрорӣ З. Ёде аз устод // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.389-417.
[3] Обидов У., Олимов М. Ба дониш бувад мардро обрӯй //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.365-372.

донишмандони соҳаи забоншиносӣ ва адабиёти шифоҳӣ низ чун олими соҳибназар пазируфта шудааст. Ба назари Д.Хоҷаев ҳар гоҳ сухан аз чеҳраҳои маъруфи забоншиносии тоҷик равад, пеш аз ҳама, бо зикри хайр номи академик А.Мирзоевро бояд ба забон овард.[1] Дар зимн Ш. Пӯлодова ба ин назар аст, ки дар илми забоншиносӣ ва ҷанбаҳои гуногуни он академик А.Мирзоев дониши амиқ дошта, дар корҳои илмиашон пухтагии он кас аз лиҳози назариявӣ ва дақиқназарӣ нисбат ба мавзӯи таҳқиқот бештар ба назар мерасид.[2]

Муҳаққиқи адабиёти шифоҳӣ Р.Аҳмад дар мақолаҳои худ «Ёдбуди шарқшиноси тавоно»[3] ва «Саҳми Академик А. Мирзоев дар соҳаи фолклоршиносӣ» фарохназарӣ, бисёрсоҳагии пажӯҳишҳои олимро қайд карда, зикр мекунад, ки асарҳои таълифнамудаи А.Мирзоев дар ҳаллу фасли масоили ниҳоят муҳим ва муаммоҳои ҳалталаби забон, таърихи адабиёт, афкори фалсафию иҷтимоӣ, робитаҳои адабӣ, аз ҷумла адабиёти шифоҳӣ нақши муҳим доранд. [4]

Муаллифи мақолаи «Ситораи тобони ховаршиносӣ» А.Сомонӣ бо такя ба суханони донишманди номии адабиёти тоҷик, шарқшиноси чех академик Ян Рипка, ки гуфта буд: «Абдулғанӣ Мирзоев дар таърихи адабиёти форсизабон тавассути таҳқиқоти худ доираи адабиёти асрҳои XVI-XIX - як давраи пурраи барғалатфаромӯшшударо аз нав зинда гардонд», менависад, ки омӯзиши ин давраи адабиёти тоҷику форс бе пажӯҳишҳои академик А.Мирзоев тасаввурнопазир аст.[5]

Пажӯҳишҳои тозаи худро академик А.Мирзоев аз тариқи ҳамоишҳои байналмилалӣ ба доираҳои илми шарқшиносии мамлакатҳои мухталиф арза медошт ва мавриди пазириш ва таҳсин қарор мегирифт. Дар зимн доктор Муҳаммад Яъқуби Воҳидӣ ба ин

---

[1] Хоҷаев Д. Саҳми Академик Абдулғанӣ Мирзоев дар рушди илми забоншиносии тоҷик // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.282-287.
[2] Пулодова Ш. Ёди айёме. //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.341-350.
[3] Аҳмад Р. Ёдбуди шарқшиноси тавоно //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.384-388.
[4] Аҳмад Р. Саҳми Академик А. Мирзоев дар соҳаи фолклоршиносӣ//Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С. 288-302.
[5] Сомонӣ. А. Ситораи тобони ховаршиносӣ //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.351-357.

назар аст, ки «шарқшиноси тавонои шӯравии тоҷик академик А.Мирзоев бо асарҳои таҳқиқотӣ ва илмии гаронмояаш бисёр масъалаҳои торик ва баҳсталаби илму адаби гузаштаи моро равшан ва ҳаллу фасл намудааст. Ӯ дар чандин симпозиум ва конгресҳои байналмилалӣ ширкат варзида, бо маърӯза ва гузоришҳои ҷиддӣ обрӯю эътибори илми шарқшиносии шӯравии тоҷикро баланд бардошта буд».[1]

Академик А.Мирзоев фаъолияти эҷодии худро аз рӯзноманигорӣ дар нахустин рӯзномаи тоҷикии «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» оғоз бахшид. Рӯзноманигори маъруф, номзади илмҳои филологӣ, шодравон Пайванди Гулмурод менависад, ки «Абдулғанӣ Мирзоев дар мактаби ҷасорату худшиносии рӯзномаҳои нахустини тоҷикӣ «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» («Тоҷикистони сурх») дар Самарқанду Душанбе ба камол расида, минбаъд чун адабиётшиноси маъруфи тоҷик дар рушду нумӯи илму фарҳанги тоҷик чун шогирди дигари ин мактаб академик Б. Ғафуров хидматҳои шоёнеро ба ҷо овард».[2]

**Ба гурӯҳи дуюм** рисолаҳои пажӯҳишие шомил мешаванд, ки барои гирифтани унвони илмӣ осори академик А.Мирзоев меҳвари таҳқиқот қарор гирифтаанд. Дар зимн танҳо аз як рисола «Абулғанӣ Мирзоев – муҳаққиқи таърихи адабиёти форс-тоҷик», ки ба қалами Курбонова С.И.[3] тааллуқ дорад ва барои дарёфти унвони номзади илми филология навишта шудааст, метавон ном бурд.

Ҳамчуноне ки аз пажӯҳишҳои дар боло зикршуда пайдост, муҳаққиқон асосан осори ба улуми филологӣ ва шарқшиносӣ бахшидаи академик А.Мирзоевро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Бидуни тардид А.Мирзоев баъд аз Садриддин Айнӣ донишманди тавонои таърихи адабиёти классикии форс-тоҷик шинохта шуда, як силсила масъалаҳои печидаи соҳаи забон, адабиёт, таърих, фалсафа ва фарҳанги мардуми

---

[1]Муҳаммад Яъқуби Воҳидӣ //Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.329-332.

[2]Гулмурод П. Мактаби ҷасорату худшиносӣ // Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.310-321.

[3]Курбонова С.И. Абдулгани Мирзоев - исследователь истории персидско-таджикской литературы. Дисс. канд. фил. наук. Душанбе, 2007. -153 с.; Автореферат дисс. канд. фил. наук. Душанбе, 2007. -26 с.

эронинажодро бо пажӯҳишҳои бунёдиаш ҳаллу фасл кардааст.

Академик А.Мирзоев солиёни зиёде илми ховаршиносии тоҷикро сарварӣ намуда, теъдоди зиёди шарқшиносони ҷавонро тарбият карда, мактаби шарқшиносии тоҷикро дар қаламрави СССР ба вуҷуд овард.

Чуноне ки ба назар мерасад осори дар заминаи таърихи халқи тоҷик навиштаи ӯ, ки арзиши балани илмӣ доранд, аз баррасии пажӯҳандагон канор мондаанд. Дар ҳоле ки аз ин асарҳо таърихнигорон ба ҳангоми пажӯҳиши ҳодисаҳои таърихии ин ва ё он давр истинод меоваранд. Танҳо дар пажӯҳишҳои доктори улуми таърих Ҳ. Камол ба нақши муҳими олим дар омӯзиши таърихи фарҳанги садаҳои миёна ва баррасии баъзе масоили таърихии садаи XVI ишораҳое шудааст.[1] Барои аз байн бурдани ин камбуди дар омӯзиши осори академик А.Мирзоев мавзӯи мавриди пажӯҳиш интихоб гардид.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ барои солҳои 2015-2019 дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи халқи тоҷик дар асрҳои XVI-XX» иҷро шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот:** Дар асоси муҳим будани мавзӯи мавриди пажӯҳиш, ҳадафи муаллифи рисола нигориши мухтасари илмии тарҷумаи ҳол, баррасӣ, тавзеҳ ва натиҷагирӣ аз саҳми академик А.Мирзоев дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Бидуни иддао дар баёни комили тамоми ҷанбаҳои мавзӯъ, муаллиф иқдом ба таъйини моҳият ва муҳтавои дастовардҳои олим дар соҳаи илми таърих карда, таҳаввули андешаҳои таърихии ӯро думбол намуда, саҳми донишмандро дар омӯзиши таърихи ватанӣ мушаххас кардааст. Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда, ҳалли вазифаҳои зерини таҳқиқотӣ дар назар дошта шудаанд:

- баёни мухтасари зиндагиномаи олим аз тариқи роҳи паймудаи ӯ ба илм;
- мушаххас кардани саҳми А.Мирзоев дар таъсиси Институти шарқшиносии АФ Тоҷикистон ва ташаккули илми шарқшиносии тоҷик;
- таҳлили раванди ташаккули дидгоҳҳои таърихии олим;
- тавзеҳи саҳми фаъолияти илмии А.Мирзоев дар рушди таърихнигории тоҷик;
- баррасии осори А.Мирзоев, ки ба таҳқиқи воқеаҳои таърихии асрҳои IX-XIX Мовароуннаҳр ва Хуросон бахшида шудаанд;
- нишон додани фаъолияти А.Мирзоев дар заминаи маъруфгардонӣ ва истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Мероси илмии академик Абдулғанӣ Мирзоев, аз ҷумла осори ба табъ расидаи академик А.Мирзоев дар шакли рисолаю мақолаҳо ва асарҳои зери муҳаррирӣ ва роҳбарии ӯ нашршуда.

**Предмети таҳқиқот.** Инъикоси таърихи асримиёнагии халқи тоҷик дар асарҳои академик А. Мирзоев.

**Чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот.** Чаҳорчӯби замони таҳқиқот солҳои 40-70-уми асри XX-ро фаро мегирад. Маҳз ин давра оғоз ва рушди фаъолияти илмии А.Мирзоев ба ҳисоб меравад.

**Заминаҳои методологии диссертатсия.** Ба ҳангоми пажӯҳиш аз равиши чи умумӣ ва чи махсус, ки бо меъёрҳои айният ҷавобгӯ ҳастанд, кор гирифта шуд. Барои муқаррар кардани шабоҳат ва тафовути масоили мавриди таҳқиқ аз равиши татбиқӣ (муқоисавӣ) истифода гардид. Ба манзури он, ки донишҳои таърихӣ дар ин бахш дар робитаи дуҷониба бо марҳилаҳои аслии рушди равандҳои таърихӣ нишон дода шаванд, равиши илмӣ-таърихии таҳлил истифода шуд. Методологияи таҳқиқоти мазкур нисбат ба омӯзиши масъалаҳои таърихӣ муносибати маҷмӯиро тақозо дорад. Дар аснои пажӯҳиш муаллиф методҳои проблемавӣ-хронологӣ,

---

[1] Камол Х. История вторжения кочевых племен Дашт-и Кипчака в Мавераннахр и Хорасан. Душанбе: Дониш, 2012. С.17, 45, 55.

таърихӣ-қиёсӣ, таҳлили ва омӯзиши сарчашмаҳои таърихиро ба кор гирифтааст.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Сарчашмаҳои истифодашуда дар ин рисоларо метавон ба чаҳор гурӯҳ тақсим кард:

**Ба гурӯҳи аввал** сарчашмаҳои таърихӣ чун: «Таърихи Бухоро»-и Абӯбакр Муҳаммади Наршахӣ,[1] «Таърихи Табари»-и Балъамӣ,[2] «Сиёсатнома»-и Хоҷа Низомулмулк,[3] «Ҳабибу-с-сияр»-и Хондамир,[4] «Бабурнаме» Захир ад-Дин Мухаммад Бабур,[5] «Ҷаҳонкушои хоқон»-и муаллифи номаълум,[6]. «Тухфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ,[7] «Тазкираи Муқимхонӣ»-и Муҳаммад Юсуфи Муншӣ,[8] «Матлабу-т-толибин»-и Абулаббос Муҳаммадтолиб ибни Ҳоҷӣ Тоҷиддин,[9] «Дастур «Дастур ал-мулук»-и Хоҷа Самандари Тирмизӣ,[10] «Тоҷу-т-таворих»-и Муҳаммадшариф ибни Муҳаммаднақӣ,[11] «Маҷмау-т-таворих»-и Ахсикентӣ,[12] “Наводир-ул-вақоеъ” «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмад Махдуми Дониш[13] (1827-1897) ва « Баёзи мансур ва манзум»[14] дохил мешаванд. Аз маводи ин сарчашмаҳо ба ҳангоми баррасии татбиқӣ бо осори таърихнигории

---

[1] Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Мураттибон Ғ.Ғоибов, К.Олимов, Н.Амиршоҳӣ. Душанбе: Пайванд, 2012. -736 с.

[2] Балъамӣ А. Таърихи Табарӣ. Бо муқаддима ва тавзеҳоти М. Умаров ва Ф. Бобоев.- Теҳрон: Замон, 2001, дар 2 ҷилд. Ҷ.1.-817 с.; Ҷ.2.-1632 с.

[3] Хоҷа Низомулмулк. Сиёсатнома. Нақду таҳлил ва вероиши матн, тавзеҳот ва феҳристҳо М. Истеъломӣ. Теҳрон: Нигоҳ, 1390. -325 с.

[4] Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. Ҷ.4, нашри. 4. Теҳрон: Хайём, 1380. -796 с.

[5] Захир ад-Дин Мухаммад Бабур. Бабурнаме. Перевод М.Салье.Ташкент, 1958.-528 с.

[6] Муаллифи номаълум. Ҷаҳонкушои хоқон. Пешгуфтор ва омодакунандаи чоп А.Музтар. Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон. Исломобод, 1986. -663 с.

[7] Соммирзои Сафавӣ. Туҳфаи Сомӣ. Ба эҳтимоми Рукнуддини Хумоюнфаррух. Теҳрон (бидуни соли нашр).

[8] Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Ф.Саррофон. Чопи аввал. Теҳрон: маркази нашри Мероси мактуб, 1380. -354 с.

[9] Абулаббос Муҳаммадтолиб ибни Ҳоҷӣ Тоҷиддин. Матлабу-т-толибин. Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ. № 80.

[10] Ходжа Самандар Тирмизи. Дастур ал-мулук. Факсимиле старейшей рукописи, перевод с персидского, предисловие, примечания и указатели М.А. Салахетдиновой, М., 1971.

[11] Муҳаммадшариф ибни Муҳаммаднақӣ. Тоҷу-т-таворих. Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, № 2282.

[12] Ахсикентӣ. Маҷмау-т-таворих. Муқаддима, тавзеҳот ва аксбардории пораҳое аз дастхат А.Т.Тагирджанов. Ленингард, 1960.

[13] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. Таҳия, тасҳеҳ, тавзеҳот ва шарҳи луғот Аҳмад Ҳоҷизодаи Мадрушкатӣ. Душанбе: Дониш, 2010. -179 с.

[14] Баёзи мансур ва манзум. Нусхаи китобхонаи Институти шарқшиносӣ. №2273.

академик А.Мирзоев истифода шудааст.

**Ба гурӯҳи дуюм** осори ба табъ расидаи академик А.Мирзоев дар шакли рисолаю мақолаҳо, асарҳои зери муҳаррирӣ ва роҳбарии ӯ нашршуда[1] ва номаҳои олим[2] шомил мешаванд. Баррасии ин осор комилтарин тасвир аз саҳми академик А.Мирзоев дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар асрҳои миёна ва пасинро медиҳанд.

**Ба гурӯҳи сеюм** мақолаҳои ҳамкорон дар Институти шарқшиносӣ ва дигар марказҳои илмии Академияи илмҳои Тоҷикистон шомил мешаванд, ки ба тариқи ҷудогона ва ё дар шакли маҷмӯаи мақолаҳо интишор гардидаанд ва инчунин рисолаи пажӯҳишии дифоъшуда.[3]

**Ба гурӯҳи чаҳорум** хотироти наздикони А.Мирзоев, аз ҷумла писараш М.Мирзоев, ҳамкорони ӯ профессор М.Аҳмадов,(1930-2018) узви вобастаи АИ Тоҷикистон М.Муллоаҳмад ва доктори илмҳои таърих, профессор А.Саидовро, ки ҳангоми суҳбатҳо иброз доштанд, метавон ворид кард.

Манобеи истифодашуда дар ин рисола, бешакк гуногун буда, дар амри муаррифии истеъдоди таърихнигории академик А.Мирзоев кумак

---

[1] Мирзоев А. Замони Сайидо //Шарқи сурх. 1946. №7. С.39-43; Ҳамин муаллиф. Тазкираи Малеҳо ва баъзе масъалаҳои таърих // Шарқи сурх. 1946. №1. С.29-35; Ҳамин муаллиф. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. Сталинобод, 1947. 199 с.; Ҳамин муаллиф. Мулҳами Бухороӣ. Сталинобод, 1948. 124 с.; Ҳамин муаллиф. Оид ба мероси адабӣ (Як воқеаи муҳими таърихӣ дар бораи масъалаи ҳаёти адабии мо) // Шарқи сурх, 1949. -№3 С.11-18; Ҳамин муаллиф. Ба муқобили вайрон карда шудани ҳақиқати таърихӣ // Шарқи сурх. 1952. -№12. С.89-101; Ҳамин муаллиф. Биноӣ ва масъалаи танқиди замони феодалӣ // Известия Отд-ния обществ наук АН Тадж ССР, вып.9. 1956. С.21-35; Ҳамин муаллиф. Биноӣ. Сталинобод, 1957. -491 с.; Ҳамин муаллиф. Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Сталинобод, 1958. 439 с.; Ҳамин муаллиф. Боз як аҳамияти муҳими тазкираи Малеҳо // Шарқи сурх, 1961. -№7. С.148-152; Ҳамин муаллиф. Камалуддин Бинаи. Москва: Наука, 1976; Ҳамин муаллиф. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). Душанбе, 2017. -140 с.; Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Муҳаррир А.Мирзоев. Сталинобод, 1958. -407 с.; Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷ.1. Муҳаррир А. Мирзоев. Сталинобод, 1947. -384 с.; Раджабов З. Садриддин Айни – историк таджикского народа (Краткий исторический очерк). Под редакции А. Мирзоева. Сталинабад, 1951. -87 с.; Айнӣ С. Абдулқодири Бедил. Муҳаррирон А.Мирзоев А. Деҳотӣ. Сталинобод, 1954. -340 с.; Рӯдакӣ ва замони ӯ (маҷмӯаи мақолаҳо) Муҳаррир А.Мирзоев. Сталинобод, 1958. -240 с.

[2] Номаҳои А.Мирзоев ба академик А.А.Семёнов. Фонд А.А.Семёнова. Опись №3. Ед. хранения 14.

[3] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. Душанбе, 1985-80с; Саидмуродов Д.С., Мальцев Ю.С. Из истории востоковедения в Таджикистане (1917-1958). Душанбе: Дониш, 1990. -208 с.; Шарқшиносии тоҷик. Маҷмӯаи мақолаҳо. Душанбе, 2008-629с; Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев. Маҷмӯаи мақолаҳо. Душанбе, 2008-425с; Курбонова С.И. Абдулгани Мирзоев - исследователь истории персидско-таджикской литературы. Дисс. канд фил. наук. Душанбе, 2007. 153 с.

намудаанд.

**Нововарии илмии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки:

- муаллиф ба исбот расонидааст, ки академик А.Мирзоев он роҳи илмиеро паймуд, ки тавонист мактаби илмии худ ва шарқшиносии тоҷикро таъсис ва ташаккул диҳад;
- дар рисола ба таври маҷмӯӣ раванди ташаккули дидгоҳҳои таърихии академик А.Мирзоев, нақши ӯ дар таҳлил ва тавзеҳи масоили таърихӣ ва баррасии таърихи фарҳанги халқи тоҷик нишон дода шудааст;
- ба таври воқеӣ нақши мактаби илмии академик А. Мирзоев ва саҳми шахсии ӯ дар муаррифии манобеи таърихӣ ба таври барҷаста дар рисола баён гардида аст;
- исбот гардидааст, ки хулосаҳои илмии академик А.Мирзоев роҷеъ ба масоили таърихи асри миёна ва пасини халқи тоҷик ҳанӯз ҳам аҳамияти хешро дар доираҳои илмӣ ҳифз мекунад;
- барои омӯзиши минбаъдаи мероси илмии академик А.Мирзоев, ки метавонанд дар омӯзиши таърих ва муаррифии сарчашмаҳои таърихӣ хидмат кунанд, пешниҳодҳо карда шудааст.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:**

- роҳи паймудаи академик А.Мирзоев дар масири илм шоистаи ибрат ва пайравӣ;

- академик А.Мирзоев донишманди барҷаста ва созмондеҳи илми академии шарқшиносӣ дар Тоҷикистон;

- масоили таърихи асрҳои миёна ва пасини халқи тоҷик дар баррасиҳои илмии академик А. Мирзоев;

- академик А.Мирзоев ва саҳми ӯ дар шиносонидани манобеи таърихии асрҳои миёна ва пасин;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он хулоса мешавад, ки бори нахуст дар асоси манобеъ ва маводи воқеии гуногун осори дар илми таърих офаридаи академик А.Мирзоев ба таври ҷамъбастӣ таҳлил мегарданд. Натиҷаи таҳқиқро метавон ба ҳангоми баррасиҳои таърихии ин ва ё он даври

таърихи халқи тоҷик, ҳамчунин барои навиштани энсклопедияҳо ва китобҳое, ки дар он чеҳраҳои мондагори илми таърихнигорӣ муаррифӣ мешаванд, истифода кард. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллифро метавон дар пояи баланд бардоштани сатҳи маърифату дониши шаҳрвандон ва дар тарбияти тавачҷуҳ ба касби илм намудани ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол муассир истифода намуд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар ба даст овардани натиҷаҳо иборат аст аз: таҳқиқи осори академик А. Мирзоев ва мушаххас намудани саҳми олим дар омӯзиши таърихи асрҳои миёна ва пасини халқи тоҷик; муқоисаи ҳаводиси таърихии дар сарчашмаҳои таърихӣ инъикос шуда бо баррасиҳои илмии академик А.Мирзоев; ба гардиши илми таърихнигорӣ ворид кардани таҳқиқотҳои дар соҳаи таърих анҷомдодаи А. Мирзоев; ба чоп расонидани мақолаҳо роҷеъ ба мавзӯи таҳқиқотӣ. Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда шахсан аз ҷониби худи муаллиф ба даст оварда шудаанд.

**Апробатсияи диссертатсия.** Натиҷагириҳои асосии илмии рисола дар шаш мақолаҳои муаллиф дар маҷаллаҳои қобили эътибори КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Рисола дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод гардид (Протокол № 4 аз 27 ноябри 2019).

**Сохтор ва ҳаҷми рисола.** Диссертатсия дар ҳаҷми 198 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, сохтори он созгор бо ҳадафи аслӣ ва вазоифи рисола буда, нишондиҳандаи мантиқии раванди таҳқиқ мебошад. Рисола аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (227 номгӯй) иборат аст.

# БОБИ I
# АКАДЕМИК А. МИРЗОЕВ ОЛИМИ БАРҶАСТА ВА СОЗМОНДЕҲИ ИЛМИ АКАДЕМИИ ШАРҚШИНОСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

## I.1 Марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва фаъолияти кории академик А.Мирзоев

Академики Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, узви Иттифоқи нависандагони СССР, ходими хизмат-нишондодаи илми РСС Тоҷикистон ва Ходими хизматнишондодаи илми РСС Ӯзбекистон, дорандаи лауреати мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, собиқ директори Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон Абдулғанӣ Мирзоев фақат ба ҷуз як сафарномааш дар бозгашт аз Эрон (соли 1976) дигар ёддоште нанавиштааст, ҳатто дар бойгониҳо тарҷумаи ҳоли муфассали ӯ мавҷуд нест. Тарҷумаи ҳолҳое, ки дар давраҳои мухталиф чун ҳуҷҷат пешниҳод шудаанд, аз як ё ду саҳифа бештар нестанд. Албатта, ин донишманди мумтоз тамоми эҳсосоти хотирмони худро дар мероси гаронбаҳои илмиаш дар мавқеҳои муносиб баён кардааст. Бисёр муҳим мебуд, ки тафсилоти зиндагӣ, роҳи пурпечу тоби тай кардаи олим дар расидан ба ҷойгоҳи шоиста дар илм равшан бошад. Зеро рӯзгори чунин одамон барои мардум, ба хусус барои наслҳои оянда, ки дар масири илм қадам мезананд, ибратомӯз ҳаст.

Нахустин иқдом ба мақсади муайян намудани роҳи зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатии академик А. Мирзоев аз ҷониби доктори илмҳои филология Аълохон Афсаҳзод, ки солиёни дароз бо академик А.Мирзоев ҳамкор буд, гирифта шудааст. Ба ин манзур А.Афсаҳзод на фақат тамоми осори чопӣ ва бойгонии шахсии ӯро омӯхта, ҳуҷҷатҳои лозимиро аз назар гузаронидааст, балки ёддоштҳои чанде дӯстону ҳамкорони ӯро низ гирд овардааст. Чун ин ҳама маводҳо барои

равшанӣ андохтан ба марҳилаҳои зиндагии А.Мирзоев кифоят намекарданд, олим зарур медонад то ба зодгоҳи олим, деҳаи Варганзаи ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё ва Бухоро, ки бисёр хешу табори А.Мирзоев зиндагӣ мекарданд, низ сафар кунад. 29 июни соли 1977 А.Афсаҳзод бо ҳамроҳии писари калонии А. Мирзоев Масрур Мирзоев аз Душанбе роҳи вилояти Қашқадарёи РСС Ӯзбекистонро пеш мегирад, ки масофаи роҳ то деҳаи Варганза 501 км будааст. А.Афсаҳзод ба кумаки муаллими мактаби деҳаи Варганза Даврон Шарипов бо ҳамаи он шахсоне, ки А. Мирзоевро хуб медонистанд, суҳбатҳо мерояанд ва дар натиҷа дар бораи айёми хурдсолӣ ва мактабхонӣ, фаъолияти падару модар, аҳли авлод ва хешу табор маводи муҳим дастрас мегардад. Он маводи гирдовардашударо А.Афсаҳзод дар шакли китобе омода карда, ба унвони «Академик Абдулғанӣ Мирзоев»[1] чоп мекунад. И.С.Курбонова ин китобро бештар аз як очерки хуб намеҳисобад, ки бо шеваи аз силсилаи «Зиндагии шахсиятҳои бузур» навишта шудааст.[2] Мо дар навиштани давраҳои асосии ҳаёт ва фаъолияти меҳнатии академик А.Мирзоев, ки дар китоби А.Афсаҳзод ҷамъбаст шудаанд, инчунин аз маҷмӯаҳои мақолоти «Ёдномаи Академик Абдулғанӣ Мирзоев»[3] ва «Шарқшиносии тоҷик» (1958-2008)[4] истифода намудем.

Абдулғанӣ Муҳаммадович Мирзоев 22 ноябри соли 1908 дар шаҳри Китоби аморати Бухоро (ҳоло вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон) таваллуд шудааст. Падари ӯ Мирзо Муҳаммад (1865-1928) бухороиасл, ки шахси соҳибилм буд, касби мирзоӣ ва хаттотӣ дошт, дар ибтидо аз ин касб ва ҳосили як миқдор замин, ки худаш дар он кор мекард, рӯз мегузаронд. Муддате ӯ дар бекигарии Ҳисор ба кори маъмурӣ ҷалб шуда, то ба мансаби тӯқсабо, ки он

---

[1] Аълохони Афсаҳзод. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. Душанбе: Ирфон 1985. - 80 с.
[2] Курбонова С.И. Абулгани Мирзоев – иследователь истории персидско-таджикской литературы. Автореф. дисс. Душанбе, 2007. С.5.
[3] Ёдномаи Академик Абдулғанӣ Мирзоев. Мураттибон: А. Алимардонов, Р. Аҳмад. Душанбе: Дониш, 2008. - 425 с.
[4]Шаркшиносии тоҷик. Мураттибон: А.М. Хуросонӣ ва Н. Амиршоҳӣ. Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. -629 с.

дараҷаи ҳафтум аз понздаҳ дараҷаи унвон-мансабҳои маъмурии аморати Бухоро ва бекигарии Ҳисор буд, мерасад. Бо сабаби мувофиқ наомадани хислати беки Ҳисор бо Мирзо Муҳаммад ӯ аз он мансаб даст кашида, ба деҳаи Варганзаи Китоб, ки ватани хешу табори модарӣ ва ҳамсараш буд, баргашта, дар маҳаллаи Саригузар замину боғ харида, соҳиби манзил мешавад. Баъдтар ӯ дар ин деҳаи калони сернуфус бо маблағи худ мадрасае ҳам месозад.

Бино ба нақли А. Мирзоев деҳаи Варганза дорои таърихи қадима буда, аз замонҳои бостон Роҳи Бузурги Абрешим аз ҳамин ҷо мегузаштааст. Доманаи кӯҳҳои Хӯҷамасчид, Сафаруштӣ ва Чилдухтарон ҳама ҷангалзору мевазор будааст. Аммо оҳиста-оҳиста ҳамааш аз мушкилоти рӯзгори мардум ва зулми ҳокимон аз байн меравад. Тибқи ахбори А. Мирзоев соли 1917, ки соли мор буд, ҳама зироат аз гармӣ нобуд мешавад ва соли 1918, ки соли асп будаст, қиматӣ омада, соли 1919 (соли гӯсфанд), касалии вабо домангири мардум мешавад. Беки Шаҳрисабз Акрамхон барои айшу ишрати худ ва наздиконаш мардумро бештар тороҷ мекунад. Дар натиҷа мардум соли 1919 даст ба шӯриш мезананд ва бекро аз Шаҳрисабз берун карда, андозҳояшро бекор менамоянд. Дар ин исёни мардумӣ варганзагиҳо низ ширкат доштанд. Варганза пеш аз инқилоб 9 масҷид дошт ва дар назди масҷидҳо мактаб фаъолият мекард.[1]

Модари А. Мирзоев Офтоб (1881-1959), зани фозилаи босаводе буд, ки мактабдорӣ карда, ба бачаҳои хурдсол ва духтарони маҳаллаи худ аз «Ҳафтяк» ва ашъори Ҳофиз, Ҷомӣ ва Бедил дарс мегуфт. Ӯ бисёр мехост фарзандонаш донишманд шаванд. Бинобар ин ба кӯдаконаш Миралӣ, Мирғанӣ (яъне Абдулғанӣ) ва духтараш Муттасил савод омӯзонд.[1]

Абдулғанӣ аз хурдӣ ба таълим ҷалб шуда, саводашро дар назди волидон бароварда, чанд муддате дар мадрасаи бинокардаи падараш, назди омӯзгори маҳаллӣ Мулло Валӣ, ки муҳандис ва шахси

---

[1] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. Душанбе: Ирфон, 1985. С. 4-5.

адабиётдӯст буд, мехонад ва баъдан бо ҳамроҳии бародараш Миралӣ таҳсилро дар мадрасаи Деҳнав давом медиҳад. Солҳои 1922-1923, замоне, ки дар шаҳри Китоб мактабҳои ибтидоии шӯравӣ оғоз ба фаъолият мекунанд, Абдулғанӣ шомили яке аз онҳо шуда, маълумоташро такмил медиҳад. Тарзи нави таълим, фанҳои нав - забони тоҷикӣ, ҳисоб, ҷуғрофия ва таърих дунёи наверо барои Абдулғании ҷавон боз карданд. Соли 1927 Абдулғанӣ Мирзоев соҳиби маълумоти миёна мешавад .[2]

Вақте ки аввали соли 1926 дар ҷамоати Ҷиндидарёи коммиҷроияи кент ташкил мешавад, раиси он Ҳайдаров, ки аз мавзеи Яккабоғ буд, А.Мирзоевро котиби худ таъйин менамояд. Фаъолияти меҳнатии ӯ аз синни 16- солагӣ оғоз мегардад. Ду моҳи охири соли 1926-ро А.Мирзоев дар вазифаи масъули котиби комитети интихоботии вилоят гузаронида, баъди ҷамъбасти интихоботи шӯрои вилоятӣ, ки дар баргузории он саҳм гирифта буд, аввали соли 1927 мудири шӯъбаи умумии комиҷроияи ноҳияи Шаҳрисабз таъйин мешавад ва дар ин вазифа то моҳи октябри соли 1928 кор мекунад.[3]

Бинобар нақли Қорӣ Олим Комилов, ки он вақтҳо бо А.Мирзоев ҳамкор буд, А. Мирзоев илова бад-он ки ҷавони шеърдӯст, зебонавис, дорои хотираи қавӣ буд, дар гӯштин касе аз ҳамсолонаш пушти ӯро ба замин расонда наметавонист. Аммо ба хондан бештар таваҷҷуҳ дошт. Барои такмили дониш дар Қаршӣ барои муддати се моҳ ҷой ҷудо шуд ва комиҷроияи ноҳияи Шаҳрисабз А. Мирзоевро барои хондан ба он ҷо мефиристад.

Ҳамкори дигари он вақтаи А.Мирзоев Ю.Қудратов нақл мекунад, ки котиби комиҷроия Баҳрӣ Маннонов ба Абдулғанӣ ҳама вақт таъкид мекард, ки «ту бояд хонӣ. Абдулғанӣ китобу газета бисёр

---

[1] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. С. 6.
[2]. Ҳамон ҷо. С.6-8.
[3] Шарқшиносии тоҷик (1958-2008). С.49.

мехонд. Охираш академик шуд. Лекин моро фаромӯш накард».[1]

Дар ин солҳо А. Мирзоев дар баробари адои вазифаи давлатӣ, бо рӯзномаи «Овози тоҷик» ва рӯзномаи узбекии «Камбағал-Деҳқон», ки ҳар ду ҳам нашрияи КМ ПК (б) Ӯзбекистон буданд, ба сифати мухбири махсус ҳамкорӣ намуда, бо имзои Гулханӣ, Шаҳдӣ ва Абдулғанӣ хабару мақолаҳо нашр мекунад. Моҳи октябри соли 1928 А.Мирзоев бо дастури идораи рӯзномаи «Овози тоҷик» ба пойтахти РАСС Тоҷикистон шаҳри Душанбе меояд ва барои он рӯзнома муштариён ҷамъ мекунад. Аз моҳи октябри соли 1928 то моҳи августи соли 1930 дар дастгоҳи КИМ РАСС Тоҷикистон кор карда, фаъолияти мухбириашро идома медиҳад. Сипас комилан ба кори матбуот гузашта, дар идораи рӯзномаи «Бедории тоҷик», ки баъдан номи «Тоҷикистони сурх»-ро гирифт, ибтидо ба ҳайси мудири шӯъбаи адабиёт ва баъдан дар вазифаи мудири сектори пахта фаъолият мекунад. Дар се соли фаъолият дар ин рӯзнома А. Мирзоев бештар мақолаҳо навишта, бунёдсозони сотсиализм, хусусан зарбдорони сохтмон ва пахтакорони водии Вахшро васф менамуд. Китоби ӯ «Зироати зархез», ки соли 1933 нашр шуд[2], ба ин мавзӯъ бахшида шуда буд.

Соли 1933 Комиссариати халқии маорифи РСС Тоҷикистон истеъдоди академики оянда, А.Мирзоевро дар фарогирии илму дониш ба назар гирифта, ӯро барои идомаи таҳсил ба Донишгоҳи давлатии Ленинград мефиристад. А.Мирзоев дар факултети забоншиносии Институти таърих, фалсафа, адабиёт ва забоншиносии Ленинград (ЛИФЛИ) таҳсил намуда, сипас дар шӯъбаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград дар бахши эроншиносӣ таҳсилро давом медиҳад. А.Мирзоев бо роҳбарии донишмандони маъруфи сатҳи ҷаҳонӣ академикҳои АФ СССР Н.Я.Мар

---

[1] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. С. 8.

[2] А. Мирзоев. Зироати зархез. (Очерки агрономӣ). Душанбе: Нашрдавлтоҷик, Сектори адабиёти нафиса, 1933.- 99 с.

(1865-1934), ИИ. Мешанинов (1883-1976), И.Ю. Крачковский (1883-1958), аъзо-корреспондентони АФ СССР А.А.Фрейман (1879-1968), А.Ю.Якубовский (1886-1953) ва дигар устодони бузург забонҳои русӣ, ангилисӣ, туркӣ, арабӣ, форсии қадиму миёна, хатҳои мехию оромиро фаро гирифта, инчунин курсҳои мухтасари мардумшиносӣ ва таъриху бостоншиносиро меомӯзад.[1]

А. Мирзоев дар солҳои донишҷӯӣ дар Донишгоҳи Ленинград як силсила маърӯзаҳои илмӣ, корҳои курсӣ ва рисолаи дипломиашро ба шакли мақолаю рисолаҳо дароварда, баъзеи онҳоро дар маҷаллаҳои «Барои адабиёти сосиалистӣ» ва «Мактаби Советӣ» ба табъ расонд. А. Мирзоев дар солҳои донишҷӯӣ ба илми забоншиносӣ таваҷҷуҳ карда, як қатор мақолаҳои илмӣ доир ба забоншиносӣ навишт. Аз ҷумла мақолаҳои «Фарқҳои семантикии суффикси ак» (1936)[2] ва «Семантикаи функсиявии академик Мар» (1939),[3] «Баъзе мулоҳизаҳо дар атрофи калимаҳои нумеративӣ» (1940) [4] ва брошюраи «Духтархона чист?» (1940)[5] аз он шуморанд, ки ба онҳо олимони шинохта Е.Э. Бертелс ва С. Айнӣ тақриз навиштаанд.[1]

Профессор Е.Э. Бертелс (1890-1957) дар ин донишгоҳ ба тадриси курси адабиётшиносӣ ва таърихи адабиёти классикии форсию тоҷикӣ машғул буд ва дар соҳаи забоншиносӣ низ ӯро олими соҳибназар мешинохтанд. Ӯ ба корҳои илмӣ ва маърӯзаҳои А.Мирзоев, ки ҳама аз забоншиносӣ буданд, роҳбарӣ мекард. Ин қаробати

---

[1] Саидмуродов Д.С., Мальцев Ю.С. Из истории востоковедения в Таджикистане (1917-1958). Душанбе: Дониш, 1990. С.39.

[2] А. Мирзоев. Фарқҳои семантикии суффикси «ак».// «Барои адабиёти сотсиалистӣ», 1936, № 10, с. 16-20; № 11, с. 22-27.

[3] А. Мирзоев. Семантикаи функсиявии академик Марр. // «Мактаби Советӣ», 1939, № 10, с. 21-24.

[4] А. Мирзоев. Баъзе мулоҳизаҳо дар атрофи калимаҳои нумеративи. Ленинград: Нашрдавтоҷик, 1936.- 56 с.

[5] А. Мирзоев. «Духтархона чист?» . Редактори масъул С. Айнӣ. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1940.- 70 с.

устоду шогирд ба муҳаббати дӯстона пайванд гардида, Е.Э. Бертелс то охири умри худ дар муваффақиятҳои илмии А. Мирзоев шарик буд.[2]

Бояд зикр кард, ки дар он солҳо ба донишҷӯёни тоҷик бар иловаи 90-сӯми стипендияи умумӣ, намояндагии Тоҷикистон дар Москва боз 60-сӯми дигар медод. А. Мирзоев аз захираи адабии Иттифоқи нависандагони СССР низ ҳар моҳ кӯмакпули мегирифт, зеро ӯ соли 1934 ба узвияти Иттифоқи нависандагониСССР шомил гардида, ба ин ҳуқуқ молик шуда буд. Соли 1939 А Мирзоев Донишгоҳи давлатии Ленинградро хатм намуда, ба ватан бар мегардад.[3]

Аз 1 июли ҳамон сол то 20 декабри соли 1942 А. Мирзоев дар нахустин донишкадаи олии ҷумҳурӣ – Институти педагогии Тоҷикистон ба номи Т.Г. Шевченко ба сифати муаллими калон кор карда, аз забоншиносии умумӣ ва таърихи забони тоҷикӣ дарс медиҳад. Доир ба фанни аввал китобҳои дарсию васоити таълимӣ ба забони тоҷикӣ кам бошад ҳам, ба забони русӣ вуҷуд доштанд, аммо оид ба таърихи забони тоҷикӣ ба ҷуз мақолаҳои хурди парешони шарқшиносони рус ва ғарб чизи дигаре мавҷуд набуд. Барномаи таълим ҳам вуҷуд надошт. А.Мирзоев ба ҷои барномаи расмӣ нақшаи муфассали дарсие тартиб дода, онро дар шӯрои илмӣ тасдиқ менамояд ва аз рӯи он дарс мегӯяд. Ба ин кор таҷрибаи муаллимони эроншинос-тоҷикшиносони ленинградӣ ва конспектҳои аз онҳо навиштааш кор медоданд. Ӯ аз муаллимони собиқаш маслиҳат пурсида, нақшаашро такмил медод. Дар ин нақша таърихи забони адабии тоҷик асосан ба се давра: давраи қадим, миёна ва нав тақсим шуда, махсусан ба инкишофи беназири забони тоҷикӣ баъди Инқилоби Октябр, таъсири самарбахши забони русӣ дар ғанӣ гардидани лексика ва такмили сохти граматикии забони тоҷикӣ аҳамият дода мешавад.

А.Мирзоев солҳои 1939-1942 дар баробари шуғли муаллимӣ ва

---

[1].Шарқшиносии тоҷик (1958-2008). С.48.
[2] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.10.
[3]Ҳамонҷо С.12.

иштирок дар ҳаёти илмию адабӣ ва матбуоту нашриёти ҷумҳурӣ, ба таълифи китобҳои дарсии забон ва адабиёти тоҷик барои мактабҳои миёнаи нопурра мепардозад. Ӯ ҳамроҳи донишманди маъруфи таърихи адабиёти тоҷик Холиқ Мирзозода нахуст «Адабиёти ватан» - хрестоматия барои синфи 5-ро[1] тартиб дод, ки он бори нахуст соли 1941 аз чоп баромада, солҳои 1945, 1948, 1950 такроран нашр шуд. Китоби дувуме, ки А.Мирзоев ҳамроҳи Х. Мирзозода навишт, «Адабиёти ватан» - хрестоматия барои синфи 6-ум[2] буд, ки он солҳои 1942 ва 1947 нашр шуда, аз рӯи он хонандагон ёздаҳ сол таълим гирифтанд. Баъдан А. Мирзоев онро ҳамроҳи Р. Амонов аз нав тартиб дод, ки он нуҳ бор (1952-1961) чоп шуда, мавриди истифодаи муаллимон ва талабагон қарор гирифт. А.Мирзоев ҳамроҳи Шавқат Ниёзӣ ва Муҳаммадамин Ғафуров «Грамматикаи забони тоҷикӣ» (қисми 2-синтаксис)-ро[3] барои мактабҳои миёна ва нопура навиштанд, ки он се бор (1942, 1945, 1948) ба табъ расид.

Замоне ки дар РСС Тоҷикистон ва маҳаллаҳои тоҷикнишини Ӯзбекистону Қирғизистон ва Қазоқистон гирифтани маълумоти миёна вусъат пайдо кард, А.Мирзоев аввалин шуда китоби «Адабиёт» (1948)-ро навишта, ба чоп расонд, ки ҳамчун воситаи ёрирасон ба адабиёти асрҳои XVI-XIX тоҷик барои муаллимону хонандагони синфи нуҳум хизмат мекард. Минбаъд ӯ яке аз муаллифони нашрҳои гуногуни китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 9 буд, ки дар таълифҳои гуногуни он (1951-1982) ҳайати муаллифон чандин бор дигар шуданд, вале А. Мирзоев аз муаллифони доимӣ боқӣ монд. Хрестоматияи адабиёти тоҷик барои синфи 9, ки[4]

---

[1] А.Мирзоев. Х.Мирзозода. Адабиёти ватан. Хрестоматия. Барои синфи 5. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1941. -272с.

[2] А.Мирзоев. Х.Мирзозода. Адабиёти ватан. Хрестоматия. Барои синфи 6. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1942.- 444с.

[3] А.Мирзоев. Ш.Ниёзи. ва М. Гафуров. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1942. -88с.

[4] А. Мирзоев. Хрестоматияи адабиёт. Барои синфи 9. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1951. -419 с.

роҳбари мураттибон ва яке аз тартибдиҳандагон А. Мирзоев буд, солҳои (1951-1962) чанд бор ба табъ расид.

А.Мирзоев ҳамеша таъкид мекард, ки китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна ҳар чи бештар аз камбудӣ ва нуқсон орӣ бошанд. Ҳатто ин масъаларо баъдан ҳамчун депутат дар яке аз сесияҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон (1954) матраҳ карда, дар суханронии худ дар баробари муваффақиятҳо аз камбудиҳои ҷиддии мактабҳои ҷумҳурӣ сухан ронда, қайд намуд, ки дар мактабҳои мо китобҳои дарсии устувор мавҷуд нестанд, нақшаи китобҳои дарсӣ ба иҷро намерасад. Институти таҳқиқоти илмии мактабҳо ва маҷаллаи «Мактаби Советӣ» ба талабот ҷавоб дода наметавонанд. Китобҳои бачагона ва китобхонаҳои мактаб ниҳоят каманд, таҷрибаи муаллимони пешқадам густариш намеёбад. Баъди қабули қарори Совети Олии Тоҷикистон ӯ дар кори беҳтар намудани мактаб шахсан иштирок намуда, китобҳои дарсии таълиф кардаи худро аз нав кор карда баромад.[1]

Дар ибтидои солҳои 40-ум А.Мирзоев ба омӯзиши амиқтари таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик оғоз мекунад. Мақолаи «Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ»-ро ки А.Мирзоев дар китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик» соли 1940[2] ба табъ расонида буд, нахустин мақола доир ба таърихи адабиёт дар таҳқиқоти гуногунсоҳаи 15- солаи ӯ буд. А.Мирзоев маҳз аз ҳамин замон сар карда, асосан ба масъалаҳои адабиётшиносӣ ва гоҳе ба адабиёти шифоҳӣ - фолклор таваҷҷуҳ намуда, дигар ба масоили забоншиносӣ машғул намешавад. Худи ӯ низ дар замина мегӯяд: «Ман аз соли 1940 пурра ба соҳаи адабиётшиносӣ гузашта, аз он вақт боз дигар махсус ба таҳқиқи масъалаҳои забоншиносӣ машғул нестам».[3] А.Мирзоев доир ба адабиёту фолклор як рисола ва чаҳор мақола

---

[1] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. С. 12-15.
[2] Намунаҳои адабиёти тоҷик. Нашриёти давлатии РСС Тоҷикистон: Сталинобод, 1940- 604 с. С. 134-135.

[3] Ҳамонҷо с.17.

нашр мекунад, ки дар он солҳо дар адабиётшиносии тоҷик ҳарфҳои тоза буданд, ки муҳақиқи ҷавон мухлисони зиёде пайдо мекунад. Аз ҷумла рисолаи А.Мирзоев дар соҳаи адабиёт «Зарбулмасалҳои тоҷик (дар контекст)»[1] ном дошта, онро Нашриёти давлатии Тоҷикистон соли 1940 дар ду қисм бо таҳрири Мирзо Тусунзода нашр мекунад.

Маҷалаи «Шарқи Сурх» ду мақолаи А. Мирзоевро «Дар бораи зарбулмасалҳо»[2] ва «Дар бораи достони Гӯруғлӣ»[3] ба табъ мерасонад. Фаъолияти минбаъдаи фолклоршиносии А. Мирзоев бо нашри ин мақолаҳо маҳдуд намешавад.[4]

А. Мирзоев дар солҳои 1940-1941 доир ба ҳаёт ва фаъолияти Сайидои Насафӣ ва муосири ӯ Малеҳои Самарқандӣ, ки тазкираи ӯ аз манбаъҳои муҳими омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Сайидо буд, бо номҳои «Муҳимтарин сарчашмаи таърихи адабиёти асри XVII»,[5] «Шоири шеърҳои оташин»[6] ва «Сарояндаи шеърҳои оташин»[7] се мақола навишта, онҳоро дар журнали «Шарқи Сурх» интишор дода, соли 1940 таҳияи матни оммавии «Девони мунтахаб»-и Сайидоро[8] бо сарсухан ва тавзеҳу луғат ба итмом мерасонад.

30 январи соли 1940 бо Фармони Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон А. Мирзоев дар радифи чанд нафар ходимони илму адаб, мисли Б.Ғ. Ғафуров, (1909-1977) С. Улуғзода,(1911-1997) А. Деҳотӣ, (1911-1962) М.Миршакар, (1912-1993) Б.Ниёзмуҳаммадов, (1906-1979) Ҳ.Карим, С.Ҷ. Арзуманов ва дигарон ба ҳайати комисияи ҳукуматӣ оид ба гузаштан ба ҳуруфоти нав дар асоси алифбои русӣ

---

[1] А. Мирзоев. Зарбулмасалҳои тоҷик (дар контекст). Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1940. -88 с.

[2] Мирзоев А. Дар бораи зарбулмасалҳо // «Шарқи сурх», 1940,- №2-3, С.63-68
[3] Мирзоев А. Дар бораи достони Гӯруглӣ // «Шарқи сурх», 1940,-№ 1, С.35-39
[4] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. с.17-18.
[5] А. Мирзоев. Муҳимтарин сарчашмаи таърихи адабиёти асри XYII\\«Шарқи сурх», 1940, №5, с. 21-24.

[6] А. Мирзоев. Шоири шерҳои оташин. \\«Шарқи сурх», 1941, № 1, с. 29-35.

[7] А. Мирзоев. Сарояндаи шеърҳои оташин.\\ «Шарқи сурх», 1941, № 2, с. 45-51.

[8] А. Мирзоев. Девони мунтахаб. Муҳарир. Б.И.Сирус. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1944.- 212с.

212с.

шомил гардид. Комиссия ин тадбири муҳими сиёсӣ-маданиро бомуваффақият анҷом дод. Ба ин муносибат дар қатори аъзои фаъоли комиссияи мазкур Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон А.Мирзоевро бо Грамотаи фахрии худ мукофотонид.[1]

Саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ барномаҳои илмӣ ва машғулиятҳои педагогии Абдулғанӣ Мирзоевро муваққатан боз медорад. 10 декабри соли 1942 ӯ ба сифати референти сафорати СССР дар Эрон ба Теҳрон ба маъмурияти дипломатӣ фиристода мешавад. Дар ин вазифаи масъул ӯ то моҳи августи соли 1944 кор кардааст.[1]

А. Мирзоев соли 1944 баъди хатми маъмурияти дипломатӣ аз Эрон ба ватан бозгашта, бо дарназардошти таҷрибаи ҳосилнамудаи дипломатӣ муддате дар Комиссариати халқии навташкили корҳои хориҷии РСС Тоҷикистон ба сифати референти масъул вазифа иҷро карда, аз ибтидои соли 1945 ӯ ба Академия фанҳои РСС Тоҷикистон (солҳои 1945-1951 Филиали тоҷикистонии академияи фанҳои СССР ва минбаъд Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон) ба кор гузашта, дар ин боргоҳи илм беш аз 31 сол бидуни фосила хизмат мекунад.

Дар ин муддат А.Мирзоев дубора ба адабиёт ва таҳқиқи он рӯй меоварад ва маърӯзаҳои ӯ дар съезди дуюми нависандагони Тоҷикистон (1947) дар мавзӯи «Назми советии тоҷик» ва баъдан дар съезди чаҳоруми он (1959) дар мавзӯи «Оид ба баъзе масъалаҳои мероси адабӣ ва омӯхта шудани он» гувоҳи ин матлабанд. А.Мирзоев дар ин гузоришҳои худ масъалаҳои умдаи ҳаёти адабии ҷумҳуриро баррасӣ карда, уфуқҳои инкишофи ояндаи онро муайян мекунад.

Илова ба корҳои илмӣ А.Мирзоев дар ташаккули созмонҳое, ки илму донишро дар миёни мардум тарғиб менамуданд, ширкати фаъол меварзид. Аз ибтидои таъсиси ҷамъияти «Дониш» дар Тоҷикистон (1947) А.Мирзоев аз узви фаъол ва яке аз аввалин муовинҳои раиси нахустини он академик Е.Н.Павловский(1884-1965) буд. Ҳамчунин ӯ

---
[1] Ҳамонҷо с.78.

узви ҳайати нахустин раёсати ҷамъияти умумииттифоқии «Дониш» интихоб гардид.[2]

А. Мирзоев соли 1945 барои офаридани асарҳои пурарзиши илмӣ ба унвони ходими хурди илмӣ ноил гадид. Моҳи декабри соли 1946 ӯ дар Университети давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар мавзӯи «Сайидои Насафӣ ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»[3] рисола дифоъ намуда, ба гирифтани унвони номзади илмҳои филология мушарраф шуд. Роҳбари кори номзадиаш профессор Е.Э. Бертелс буд. Соли 1947 асари бунёдии А. Мирзоев тахти унвони «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»[4] аз чоп баромад, ки ин асар аз сарсухан, бобҳои «Замони Сайидо», «Таъсири сабки ҳиндӣ», «Ҳаёти Сайидо», «Мероси адабӣ» ва «Эҷодиёти Сайидо» иборат аст. А. Мирзоев ба омӯзиши замон ва осори Сайидо беш аз 35 сол машғул шудааст.

А. Мирзоев баъд аз ба Академияи фанҳои Тоҷикистон ба кор гузаштан, дар як муддати кӯтоҳ доир ба масъалаҳои гуногуни адабиёти классикии тоҷик, мисли «Камол ва як шарти муҳими омӯхтани он»,[5] «Ҷомӣ ва таҳсили илму ҳунар», «Дасхати тозаи як маснавии Ҳилолӣ»,[6] хусусан, дар бораи зиндагӣ, эҷодиёт ва муҳити таърихии Сайидо, Малеҳо ва Аҳмади Дониш як силсила мақолаҳое бо услуби манбаъшиносӣ ва таърихӣ-адабӣ менависад. Қайдҳои ӯ дар хусуси шеъри рӯз, ки дар мақолаи «Назаре ба шеърҳои ҷавонон» [7]баён шудаанд, дар ҳаёти илмию адабии Тоҷикистон арзиши хос доштанд.

---

[1] Ҳамонҷо с.16.
[2] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. С. 79.
[3] Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. (Дисс. барои гирифтани унвони номзади фанҳои филологи). Душанбе, 1946. -244с.

[4] Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1947.- 199с.

[5] А. Мирзоев. Камол ва як шарти муҳими омӯхтани он.\\«Шарқи сурх», 1946, №2, с. 24-27.

[6] А. Мирзоев. Дасхати тозаи як маснавии Ҳилолӣ.\\ «Шарқи сурх», 1948, №12, с. 32-33.

[7] А. Мирзоев. Назаре ба шеърҳои ҷавонон.\\ «Тоҷикистони сурх», 1945 5 окт.

Нашри рисолаи А.Мирзоев «Мулҳами Бухороӣ» (1948),[1] ки доир ба зиндагӣ ва осори адиби муосири Сайидои Насафӣ- шоири оҳангар Мулҳами Бухороӣ баҳс мекунад, рисолаи «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»-ро такмил медиҳад.

А.Мирзоев чуноне ки зикр шуд, баъди соли 1945 фаъолияти худро ба таври доимӣ ба Академияи фанҳои Тоҷикистон пайваст ва дар вазифаҳои масъули роҳбарӣ фаъолият намуд. Ӯ ба ҳайси мудири шӯъбаи адабиёт (1945), ходими хурди илмӣ (1946-1947), роҳбари Институти таърих, забон ва адабиёти филиали тоҷикистонии АФ, СССР(октябри 1947-1951) ва директори ҳамин муассисаи илмӣ (моҳҳои апрел-октябри соли 1951) кор кард. Бояд гуфт, ки дар рисолаи С.Қурбонова замони роҳбари Институти таърих, забон ва адабиёти филиали тоҷикистонии АФ СССР будани А.Мирзоев ба иштибоҳ солҳои 1947-1953 зикр шудааст.[2] Дар охири соли 1947 институт 15 нафар корманди илмӣ дошт, ки як нафарашон доктор, се нафарашон номзадҳои илм буда, панҷ кас маълумоти олӣ дошт ва шаш нафари дигар бо маълумоти олии нопурра кор мекарданд. Дар давраи директории А.Мирзоев ду нафар доктор, панҷ нафар номзади илм ва чаҳор нафар шахсони маълумоти олидор ба сафи кормандони илмии институт дохил шуда, шумораи аспирантҳо, аз 9 нафари соли 1947 то ба 21 нафари соли 1951 расид. Қаблан аспирантҳо, ки камшумор буданд, аксар бероҳбару бемавзӯъ муддати аспирантураро ба охир мерасонданд. А.Мирзоев на танҳо штатҳои кории институтро зиёд мекунад, балки кори ташкилии институтро низ ба низом оварда, фаъолияти онро ҷиддан ба роҳ монд.

Дар ин муддат ӯ робитаро бо институтҳои илмию таҳқиққотӣ ва донишкадаҳои олии Москва ва Ленинград барқарор ва вусъат дода, бо роҳи ҳамкорӣ дар соҳаи таърих, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ ва забону адабиёт ба оғози бисёр корҳои шоиста сабаб шуд, ки

[1] Мулҳами Бухороӣ. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1948.- 124с.

[2] Курбонова С. И. Абдулгани Мирзоев – исследователь истории персидско-таджикской литературы. Автореферат дисс. канд. фил. наук. Душанбе. 2007. С.7.

аспирантҳои тоҷикистониро шогирд гирифтани олимони Москваю Ленинград аз он ҷумла буд. Бояд таъкид кард, ки дар ҳамаи ин корҳои наҷиб котиби якуми КМПК (б) Тоҷикистон Б.Ғафуров ӯро дастгирӣ менамуд.

Робитаи институт бо муассисаҳои филологии Россия низ дар ин солҳо таҳким ёфт ва А. Мирзоев забоншиносони номии эроншинос А.А. Фрейман, (1879-1968) И.И. Зарубин, (1887-1964) адабиётшиносон Е.Э. Бертелс, (1890-1957) В. Абаев, (1900-2001) В.С. Соколова, (1916-1993) В.С. Расторгуева, (1912-2005) И.С. Брагинский, (1905-1989) А.Н. Болдирев, (1909-1993) мудири кафедраи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов Б. В. Миллер (1877-1956) ва дигаронро ба ҳамкори ҷалб намуд. Махсусан, дар ин солҳо кори экспедитсияи лаҳҷашиносӣ ва фолклоршиносӣ авҷ гирифта, натиҷаи кори муҳаққиқон ва ҷӯяндагони ин соҳа дар чандин ҷилд китобҳо нашр шуданд. Фаъолияти луғатсозону адабиётшиносон низ вусъат ёфт. Луғати руси-тоҷикӣ маҳз дар ҳамин солҳо нашр шуда, таҳияи луғати тоҷикӣ-русӣ ба итмом расид. Нашри осори классикӣ бештар гардида, А.Мирзоев шахсан дар нашри «Шашмақом" ширкат варзида, ашъори баргузидаи Сайидоро ба забони русӣ бо таҳриру муқаддима ба нашр расонд.

Бо саъйи кормандони институт дар он солҳо як силсила китобҳои дарсии забону адабиёти тоҷик ва рус тайёр карда шуда, луғатҳои мактабии русӣ-тоҷикӣ ва орфографӣ таҳия гардиданд.

Дар ин солҳо навиштани таърихи адабиёти тоҷик аз аҳди қадим то он замон ба нақша гирифта шуда, омӯхтани поэтика (назмшиносӣ)-и тоҷик шурӯъ шуд, ки Б. И. Сирус (1885-1981) аз аввалин донишмандон дар ин соҳа буд.

Таҳрири китобҳои Б. Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947), [1] Ҳикмат Ризо (1894-1990) «Суруди Ватан»[1], «Шашмақом» (Ҷ.1,

---

[1] Ғафуфуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Муҳарир: А. Мирзоев. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1947.- 384 с.

1950),[2] ва Ҷ.2, (1954) [3]З. Раҷабов «Аҷзӣ ва Асирӣ”,[4] «Шоири маорифпарвари халқи тоҷик- Асирӣ»,[5] «Садриддин Айнӣ - таърихшиноси халқи тоҷик» (1951),[6] «Эҷодиёти даҳонакии аҳолии Кӯлоб»-и[7] А. Амонов ва «Афсонаҳои тоҷикӣ» (ба забони русӣ, Москва, 1961, бо ҳамроҳии Б.Ғафуров)[8] ба қалами А. Мирзоев тааллуқ доштанд.

Илова ба корҳои зикршуда А.Мирзоев узви ҳайати таҳрияи маҷаллаҳои «Мактаби Советӣ» ва «Шарқи Сурх» буд. Мақолаҳояш «Назми советии тоҷик»,[9] ‘’Забони адабиёти классикӣ ва муносибати он бо забони имрӯзаи тоҷик»,[10] «Оид ба мероси адабӣ»,[11] «Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт»[12] ва «Азнавсозии корҳои забоншиносӣ дар Тоҷикистон» (бо ҳамқаламии Б.Н. Ниёзмуҳамма-

---

[1] Ҳикмат Ризо. Суруди ватан. Муҳарир: А. Мирзоев. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1950.- 109 с.

[2] Файзуллоев Б. Соҳибов Ш. ва Шаҳобов Ф. Шашмақом Ҷ.1. Муҳарирон. В.М. Беляева. А. Мирзоев. 1950. -298 с.

[3] Файзуллоев Б. Соҳибов Ш. ва Шаҳобов Ф. Шашмақом Ҷ.2. Муҳарирон. В.М. Беляева. А. Мирзоев. 1954.- 194 с.

[4] Раҷабов З. Аҷзӣ ва Асирӣ. (Очерки мухтасар). Муҳарири масъул. А. М. Мирзоев. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1951,- 50 с.

[5] Раҷабов З. «Шоири маорифпарвари халқи тоҷик- Асирӣ» Муҳарир. А.М. Мирзоев. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1951. -24 с.

[6] Раджабов З. «Садриддин Айнӣ - таърихшиноси халқи тоҷик». Муҳарир. А.М. Мирзоев. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1951. -87 с.

[7] Амонов Р. Эҷодиёти даҳанакии аҳолии Кӯлоб. Ҷ.1. Муҳарир. А. Мирзоев. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1956.- 240 с.

[8] Таджикские сказки. Сост. Р. Амонов. Перевод стихов А. Старостина. Под ред. Б. Г. Гафурова и А.М. Мирзоева. М., Изд-во вост. лит-ры, 1961. -606 с.

[9] А. Мирзоев. Назми советии тоҷик.\\ «Шарқи сурх», 1948. № 1, с. 6-13.

[10] А. Мирзоев. Забони адабиёти классики ва муносибати он бо забони имрӯзаи тоҷик.- «Шарқи сурх». 1949. №4 , с. 7-15.

[11] А.Мирзоев. Оид ба мероси адабӣ. «Шарқи сурх». 1939. № 3, с.11-18.

[12] А. Мирзоев. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. \\ Душанбе. 1951. с. 201-226.

дов), ки дар ин солҳо навишта шудаанд, ки ба масъалаҳои мубрами таърих ва адабиёт иртибот доштанд.

14 апрели соли 1951 бо қарори Президиуми Совети Олии ҶШС Тоҷикистон, Совети Вазирони Тоҷикистон ва КМ ПК (б) Тоҷикистон Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон таъсис ёфт. Сад нафар донишмандон барои дарёфти унвонҳои академик ва аъзо-корреспондент чун довталаб пешниҳод шуданд. Аз миёни онҳо 2 академик ва 14-аъзо-корреспонденти АФ РСС Тоҷикистон тасдиқ гардиданд, ки А. Мирзоев чун аъзо-корреспондент дар шумори онҳо буд.

Ӯ чун шахси дурбин ва вазифашинос ба мақоми илмии худ бо назари интиқод нигариста, дараҷаи илмии худро барои корҳои бузург нокифоя мешуморид. Аз ин рӯ, ба президиуми Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон ариза менависад, ки барои навиштани рисолаи докторӣ имкон дода, ӯро аз вазифаи директории Институти таърих, забон ва адабиёт озод намояд. Фақат баъди такрори ариза илтимоси ӯ қонеъ гардонда мешавад. Талошҳо ва такопӯи олим дар роҳи омӯзиши илм буд, ки соли 1957 дар Институти шарқшиносии РСС рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Камол ад-дин Биноӣ» бо роҳбарии профессор Е.Э. Бертелс ҳимоя кард. Ин таҳқиқот баъдан дар Москва ба забони русӣ ба табъ расид.[1] Соли 1960 ба Абдулғанӣ Мирзоев унвони професорӣ дода шуд.[2]

А. Мирзоев солҳои 1951-1958 вазифаи мудири сектори адабиёти классикии Институти таърих, забон ва адабиётро ба уҳда дошт. Ба муносибати он ки соли 1954 мувофиқи қарори Шӯрои Умумиҷаҳонии Сулҳ 1000-солагии зодрӯзи олими бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино гузаронда мешуд, роҷеъ ба рӯзгору шахсияти ин ҳакими бузург тадқиқот бурда, онро соли 1953 бо номи «Ибни Сино ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ» дар чаҳор шумораи «Шарқи Сурх» нашр

---
[1] Мирзоев А.М. Камал –ад-дин Бинаи. – Москва: Наука, 1976.-491 стр.
[2] Энсеклопедияи тоҷик-Душанбе, 1977. саҳ 262-263.

намуд.[1] Сипас он бо номи «Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ» соли 1953[2] дар шакли рисолаи алоҳида ба табъ расид. Дар ин рисола бузургӣ ва мақоми таърихии Абӯалӣ ибни Сино, чи дар фарҳангу адаби халқи тоҷик ва чи дар тамаддуни умумиҷаҳонӣ, аз рӯи ҳуҷҷату мадракҳои таърихӣ исбот шудааст.

Соли 1954 бо қарори президиуми Академияи фанҳои Тоҷикистон А.Мирзоев ба навиштани бобҳои фалсафаи асримиёнагии халқи тоҷик барои китобҳои академикие, ки бояд онҳоро АФ СССР интишор медод, машғул мешавад. Натиҷаи ин таҳқиқоти илмӣ дар китобҳои «Очеркҳо оид ба таърихи фалсафа ва афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқҳои СССР» (1956)[3] ва «Таърихи фалсафа» (1957)[4] нашр мешавад.

А. Мирзоев ба шахсияти асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ ихлоси тамом дошт. Ҳамкориҳои эҷодӣ ва муносиботи самимонаи ин ду олими маъруфи шарқшинос солҳои 1927-1928, замоне ки журналисти ҷавон А.Мирзоев ба Самарқанд ба вохӯрии намояндагони зиёиёни маҳаллӣ ҳамчун хабарнигори махсуси рӯзномаи тоҷикии «Овози тоҷик», ки дар Самарқанд нашр мешуд, оғоз шуда, баъдан тақвият ёфтааст.[5] Аз ҳамкориҳои А.Мирзоев бо устод Айнӣ метавон гуфт, ки А.Мирзоев соли 1953 доир ба мақоми таърихии устод С.Айнӣ зери унвони «Асосгузори адабиёти советии тоҷик» дар рӯзномаи «Известия» мақолае навишт[6] ва китоби С.Айнӣ «Мирзо

---

[1] А. Мирзоев. Ибни Сино ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ» Восифӣ.\\«Шарқи сурх», 1952, №8, с3-11; №9, с.94-100; №10, с.113-125; №11, с.67-84.

[2] А. Мирзоев. Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1953. - 144 с.

[3] А. Мирзоев. Очеркҳо оид ба таърихи фалсафа ва афкори ҷамъиятӣ –сиёсии халқҳои СССР дар 2 ҷ. Муҳарир. Ғ.В. Васецкого. М. Изд-во АН СССР, 1956. С. 801-809.

[4] А. Мирзоев. Таърихи фалсафа. Муҳарир. М.А. Дынника. М. Изд-во АН СССР 1957. С. 419-423.

[5] Саидмуродов С.Д., Мальцев Ю.С. Из истории востоковедения в Таджикистане (1917-1958 гг.). Душанбе: Дониш, 1990. С.73.

[6] Мирзоев А. Основоположник таджикской советской литературы// Известия. Москва 26 апреля 1953, 26 апр.

Абдулқодири Бедил»-ро (1954)[1] бо ҳамроҳии А. Деҳотӣ таҳрир намуд.

Ин замон А. Мирзоев ба таҳрири нави орфографияи тоҷик машғул шуда, инчунин муҳаррири «Маҷмӯаи шеърҳо»-и Абӯалӣ ибни Сино (1953)[2] ва рисолаи А.Н. Болдрев ‘’Зайниддин Восифӣ» (1957)[3] буд.

А.Мирзоев дар ин давра илова ба фаъолиятҳои пурсамари илмӣ ба сифати омӯзгор дар мактабҳои олӣ низ кор кардааст. Фаъолияти омӯзгории ӯ дар Институти педагогӣ шурӯъ мегардад. Соли 1948, вақте, ки Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ташкил ёфт, барои беҳтар кардани корҳои илмӣ ва педагогии он А.Мирзоев ба кор ҷалб мешавад. Бар самми кори асосиаш, ки он солҳо директори Институти таърих, забон ва адабиёти ФТАФ СССР буд, 14 августи ҳамон сол вазифаи мудири кафедраи филологияи тоҷикро ба уҳда мегирад. Он замон барномаи таҳсил ва китобҳои дарсӣ доир ба адабиёт ва забони тоҷикӣ барои мактаби олӣ мавҷуд набуд. Ӯ бо кӯмаки ҳамкорон дар муддати чаҳор моҳ барномаи таълиму тадриси филологияи тоҷикро таҳия ва дар шӯрои илмии донишгоҳ тасдиқ намуд. Барои дар сари вақт ва бо сифати олӣ анҷом додани кори кафедра ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон З.Ш. Раҷабов бо фармони худ аз 14 ноябри соли 1948 ба А.М. Мирзоев ташаккурнома эълон намуд. А.Мирзоев солҳои 1958-1960 мудири кафедраи адабиёти Шаркро ба зима дошт.

Илова ба иҷрои вазифаи мудири кафедра А.Мирзоев аз рӯзҳои аввалини таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба сабаби кам будани ихтисосмандон аз таърихи адабиёти асрҳои XVI-XIX, манбаъшиносӣ, муқаддимаи забоншиносӣ ва таърихи забони тоҷикӣ («Авесто», паҳлавӣ ва форсии дарӣ) ба шогирдон дарс мегуфт.

---

[1] С. Айнӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил. Муҳарирон. А. Мирзоев ва А. Деҳотӣ. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1954. -340 с.

[2] М. Занд. Абӯалӣ ибни Сино. Маҷмӯи шеърҳо. Муҳарир. А. Мирзоев. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1953. -95с.

[3] Болдырев А.Н. Зайниддин Восифӣ. Муҳарир. А. М. Мирзоев. Душанбе: 1957.

Яке аз шогирдони А. Мирзоев, доктори улуми филологӣ, профессор шодравон А. Афсаҳзод менависад: «Ӯ тақрибан як дақиқа қабл аз занг дар даромадгоҳи донишгоҳ пайдо шуда, баробари хотимаи занг вориди дарсгоҳ мешуд. Баъди салом зуд ба пушти минбар гузашта, як нафасашро рост карда, зуд ба дарс шурӯъ мекард. Ягон касро ба конспект навиштан даъват намекард. Ҳозиру ғоиб ҳам намекард. Дар интиҳои соати дувум, баъди занг, аз рӯи гуфти ӯ сардорони курс журналҳоро пур мекарданду ӯ имзо мегузошт.

Муаллим чизҳои дар китоб мавҷудбударо дар дарс баён намекард. Нуқтаҳои сарбаста ва мавзӯъҳои мубоҳисавиро тавзеҳ медод. Ҳеҷ гоҳ материалҳои китобҳои дарсии мактаби миёнаро истифода намебурд, ҳол он ки дар баъзе дарсҳои дигар муаллимон ин ҳодиса ба назар мерасид, ки шояд сабабаш набудани китобҳои дарсӣ аз забону адабиёти тоҷик барои донишкадаҳои олӣ бошад.

Воқеан, ӯ ба мо аз таърихи адабиёти тоҷик дар асрҳои XVI-XIX дарс медод. Барои ба парвоз овардани фикри шогирдонаш саъй менамуд. Мутолиаи пайёпай ва кори мустақилонаро зиёд мефармуд. Барои мутолиа асарҳои назарӣ, манбаъҳо, асли асарҳо ва адабиёти илмиро пешниҳод мекард.

Дарси адабиётро ҳамеша бо таърихи халқ, масъалаҳои ахлоқ ва зебопарастӣ меомӯзонд. Ба далелу мантиқи ниҳоят қавӣ сухан рондан ӯро одат буд. Солорона сухан мегуфт. Дар охири дарс барои саволу ҷавоб вақт ҷудо карда, ба пурсишҳо бо камоли майл ва фаҳмо посух медод. Ба касоне, ки саволҳои мубҳам медоданд, кӯмак мерасонд, то саволро равшан кунанд. Ба саволҳое, ки барои умум беаҳмият буданд, ба саволдиҳанда баъди занг раҳорах ҷавоб медод. Агар чизеро надонад, аз кӣ пурсидани онро маслиҳат медод».[1]

Ба гуфтаи доктори илмҳои филология, профессор шодравон М.Аҳмадов А. Мирзоев нисбат ба шогирдон ниҳоят серталаб буд.

[1] Афсаҳзод А. Академик А. Мирзоев. С. 46.

Дониши фаровонаш донишҷӯро вомедошт, ки ба дарси ӯ ҷиддӣ рафтор кунад. Баъзан дарсро якбора қатъ намуда, ягон касро хезонда, аз дарсҳои гузашта ё китобҳои тавсиякардааш мепурсид.

Соли 1958 А.Мирзоев дар омодагиҳо ва баргузории ҷашни 1100-солагии бунёдгузори адабиёти форсу тоҷик Абу Абдулло Рӯдакӣ фаъолона ширкат варзидааст. Бо қарори КМПК Тоҷикистон ва совети Вазирони Тоҷикистон кумитаи тадорукот ташкил мегардад, ки ӯ муовини раиси он таъйин мешавад. Бо ташаббуси Садриддин Айнӣ А. Мирзоев антропологи машҳури советӣ, профессор М.М. Герасимов колбади Рӯдакиро таҳқиқ намуда, аз рӯи косахонаи сар чеҳраи воқеии устодро мекашад. Ҳайкалу муҷассамаҳо ва оромгоҳи шоир дар ин асоси ин тасвир бунёд гардиданд.

Академик А.Мирзоев солҳои 1960-1970 вазифаи мудири шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттиро ба уҳда дошт. Соли 1970 шӯъбаи мазкур ба институт табдил ёфт ва ӯ аввалин директори Институти шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон интихоб гардид. Бо ташаббуси ӯ соли 1970 АФ РСС Тоҷикистон зарурати боз ҳам амиқ ва ҳаматарафа омӯхтани ҳаёт, эҷодиёти Рӯдакӣ ва таъсири эҷодиёти ӯ ба адабиёти даврaҳои минбаъдаро ба назар гирифта, конференсияи илмии ҳарсолаи «Солонаи Рӯдакӣ»-ро ташкил намуд. Дар ин конференсияҳо, ки соли 1970-1975 гузаштанд, А.Мирзоев дар мавзӯъҳои «Обзори адабиёте, ки доир ба асосгузори назми тоҷику форс Абӯабдулло Рӯдакӣ пас аз ҷашни 1100-солагии шоир нашр шудааст», «Боз дар атрофи як қасидаи Рӯдакӣ», «Тарғиби илму дониш дар назми асри X ва муносибати он бо ҳаёти илмии замон», «Боз дар атрофи мақоми таърихии Абӯабдуллои Рӯдакӣ», «Рӯдакӣ-асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик» ва «Пайравӣ аз як шеъри Рӯдакӣ дар назми асри XIX ва ибтидои асри XX дар Покистон» маърӯзаҳои илмие кард, ки дар шакли мақолаҳои алоҳида борҳо чоп шудаанд. [1]

Соли 1974 академик А.Мирзоев барои иштирок дар ҷашни Носири

---

[1] Афсаҳзод А. Академик А. Мирзоев Душанбе: Ирфон 1985 сол. Саҳ 39.

Хусрав ба Эрон даъват мешавад. Пеш аз сафар ба Эрон ӯ ба зодгоҳи Носири Хусрав ба ноҳияи Шаҳритус меравад. Ҳадаф аз ин сафар муътақид шудан ба ин матлаб буд, ки зодгоҳи Носири Хусрав Қубодиёни Тоҷикистон аст. Бояд гуфт, ки иддае аз донишмандон мисли Е.Э. Бертелс, А.Е. Бертелс ва Х.Афғон ба ин назар буданд, ки зодгоҳи Носири Хусрав Тирмизи РСС Ӯзбекистон ва ё деҳаи Қубодиёни наздикии Балхи Афғонистон будааст. А. Мирзоев дар натиҷаи анҷоми таҳқиқоти илмӣ исбот намуд, ки деҳаи Қубодиён дар ҳудуди РСС Тоҷикистон ҷойгир буда, дар замони қадим дар деҳаи Қубодиён қалъае бо номи Қубод мавҷуд будааст ва номи Қубодиён аз ҳамон қалъаи Қубод гирифта шудааст. А. Мирзоев муайян намуд, ки Носири Хусрав дар Қубодиён таваллуд шуда, дар ҳамон ҷо ба воя расида, дар Марв зиндагиву эҷод ва хизмати дабирӣ карда, дар Юмгони Бадахшони Афғонистон охири умрашро гузаронида, дар ҳамон ҷо вафот мекунад.[1]

А. Мирзоев дар миёнаи солҳои 50-70-уми асри XX ба омӯхтани яке аз масъалаҳои муҳимтарини афкори фалсафӣ, ҷамъиятӣ ва адабии охири асри XIX ҷараёни маорифпарварӣ, аҳволу осор ва афкори сарвари ин ҷараёни мутараққӣ Аҳмади Дониш машғул буд. Дар замина мақолаҳои зиёде навишта, ба табъ расонид, ки дар боби дуюми ин рисола онҳо баррасӣ хоҳанд шуд.

Кори бузург ва мондагоре, ки академик А.Мирзоев анҷом додааст, ин ҷамъоварии осори хаттӣ ва омӯзиши онҳо мебошад. Олим ҳангоми таҳқиқи адабиёти асрҳои XVI-XIX як теъдод нусхаҳои дастнависи асарҳоеро дарёфт намуд, ки онҳо бисёр нодир ва ё худ то он вақт номаълум буданд. «Музаккир-ул-асҳоб»-и Малеҳо, «Нусхаи зебои Ҷаҳонгир»-и Мутрибӣ, нусхаи тозаи як маснавии Ҳилолӣ, «Номуси аъзам»-и Аҳмади Дониш, нусхаи аслии «Наводир-ул-вақоеъ», «Зафарнома»-и Бадриддини Кашмирӣ, девони Сайфии Бухороӣ, нусхаҳои осори Сайидои Насафӣ ва Мулҳами Бухороӣ аз ин шумор осоранд. А.Мирзоев доир ба онҳо як силсила таҳқиқоту мақолаҳо

[1] Ҳамонҷо. С.58-61.

таълиф намуда, аҳамияти онҳоро барои омӯхтани адабиёти классики форсу тоҷик нишон додааст.[1]

Таҳқиқотҳои дар солҳои охир анҷомдодаи академик А.Мирзоев «Тазкираи Малеҳо ва адабиёти нимаи дуюми асри XVII», «Адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XV», «Котибӣ-шоири бузург», «Ҳаёт ва эҷодиёти Аҳмади Дониш», «Маъхазҳои адабиёти асрҳои XVI-XIX», матни илмӣ-интиқодии «Синома»-и Котибӣ, як силсила мақолаҳо оид ба баъзе масоили муҳимми адабиёти тоҷик ва намояндагони ҷудогонаи он мебошанд, ки онҳо то кунун нашр нагардидаанд. Бешубҳа, ин асарҳо монанди дигар таҳқиқотҳои пурарзиши ӯ як идда масоили то ҳол ноомӯхта ва ё кам омӯхташудаи адабиёти тоҷикро равшан хоҳанд кард.[2]

Дар солҳои охири умраш Абдулғанӣ Мирзоев бо ҳамроҳии М. Осимӣ рисолаҳои «Амир Хусрави Деҳлавӣ ва мақоми ӯ» ва «Котибӣ ва ашъори ҳунармандон», «Сездаҳ мақола» ва «Хотироти Мутрибӣ»-ро менависад.[3]

Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XV ниҳоят ғанӣ буда, бар замми осори адибони соҳибмактаб Котибӣ, Яҳёи Себак, Исмати Бухороӣ, Қосимуланвор, Озарӣ, Орифӣ, Неъматуллоҳи Валӣ боз осори даҳҳо шоирону нависандагони ин аҳд ношинохта боқӣ мондааст. Академик А.Мирзоев мехост роҷеъ ба ин адибон асарҳои илмӣ таълиф кунад ва мутаассифона умр вафо накард ва натавонист ба ин нияти худ расад.[1]

А. Мирзоев роҷеъ ба соҳаҳои мухталифи тамаддун, таърих, фалсафа, таърихи адабиёти форсу тоҷик, назарияи адабиёт, нусхашиносӣ, матншиносӣ, фолклор, мусиқӣ ва робитаҳои адабӣ рисола ва мақолаҳо, ки теъодашон ба ҳудуди 400 мерасад, таълиф намуда, ба ин восита дар роҳи омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни илми филологияи тоҷик ва таърихи маданияти халқи тоҷик хидмати бузург

---

[1] Шарқшиносии тоҷик (1958-2008). С.58-59.
[2] АИЧТ. Шарқшиносии тоҷик (1958-2008). С.65.
[3] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. С.69.

ва шоистаи пайравию ситоишро анҷом додааст.

А. Мирзоев маънии зиндагиро дар кор ва хидмат кардан ба халқи худ дониста, то рӯзҳои охирини ҳаёташ машғули таълифу таҳқиқ буд. Дар замина яке аз шогирдон ва ҳамкорони академик А.Мирзоев доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АИ Тоҷикистон М.Муллоаҳмадов дар суҳбате, ки бо он кас доир ба ҳаёту фаъолияти академик А. Мирзоев доштам, гуфтанд: «Устод Абдулғанӣ Мирзоев аз зумраи он донишмандонест, ки ҳастии худ ва ҳаёти худро ба илм бахшидааст. Ҳеҷ гоҳ вақти худро беҳуда сарф намекарданд ва ҳамеша ба таҳқиқу барасии масъалаҳои мубрами илмӣ машғул мешуданд. Устод Мирзоев дар ҳақиқатан шахси бисёр серталаб ва пуркор буданд. Боре аз устод А.Мирзоев савол кардам, ки «он кас фароғати худро чи тавр мегузаронанд ва чи хел дам мегиранд». Дар ҷавоб гуфтанд, ки «хондани китоби хуб барои ман як фароғат аст». Устод то охири умр ба фаъолияти илмӣ машғул буданд».

Ба подоши хизматҳои арзандааш дар рушди илм, омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик ва муаррифии шоирон ва адибони он Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон А. Мирзоевро соли 1945 бо Грамотаи фахрии худ сарфароз гардонид. Олими тоҷик бо Указит Президиуми Советии Олии СССР «Барои меҳнати шоён дар Ҷанги Бузурги Ватани солҳои 1941-1945», бо ду ордени «Нишони фахрӣ» (1946, 1954), медали «Ба хотири 800-солагии Москва» (1948) ва ду ордени «Байрақи Сурхи Меҳнат» (1949, 1957) мукофотонида шуд. Моҳи майи соли 1948 бо Фармони Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон ба А.М.Мирзоев унвони фахрии Ходими хизматнишондодаи илми РСС Тоҷикистон дода шуд, ки он вақт касоне, ки ин унвонро доштанд, аз 2-3 нафар беш набуданд. Соли 1968 ба А. Мирзоев унвони Ходими хизматнишондодаи РСС Ӯзбекистон дода шуд.[1] А. Мирзоев чаҳор бор, солҳои 1947, 1951, 1955, 1959 ба депутатии Совети Олии РСС Тоҷикистон даъватҳои дуюм, сеюм, чаҳорум ва панҷум интихоб

---

[1] Ҳамонҷо. С. 55.

гардидааст.

Соли 1957 А.Мирзоев дар Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик дар Москва ширкат варзида, моҳи майи ҳамон сол узви ҳақиқии АФ РСС Тоҷикистон интихоб гардид.

Академик А. Мирзоев 16 августи соли 1976 вафот мекунад. Пас аз вафоти олим низ дар Иттиҳоди Шӯравӣ мақолаю асарҳои ӯ ба чоп мерасанд. Аз ҷумла нашриёти «Илм»-и АФ СССР соли 1976 дар Москва тарҷумаи русии рисолаи олим «Камолиддин Биноӣ»-ро чоп кард, ки дар доираҳои илми адабиётшиносӣ хуб пазируфта шуд.

Баъд аз даргузашти олим Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон қарор кард, ки асарҳои нашршуда ва рӯи чопро надидаи А.Мирзоев дар панҷ ҷилд чун ёдгори пурарзиши илмӣ нашр карда шаванд. Аммо мутаассифона ин кори хайр то кунун анҷом наёфтааст ва танҳо соли 2017 бо мураттибии М.Муллоаҳмад ва М.Мирзоев 13 мақолаи ба Ахмади Дониш ва осори ӯ бахшидаи олим зери унвони «Аҳмади Дониш» нашр шуд Умед меравад, ки Академияи милли илмии Тоҷикистон дар нашри комили осори академик А.Мирзоев дар оянда икдом хоҳад намуд.[2]

Баъди вафоти Абдулғанӣ Мирзоев ганҷинаи дастнависҳои АФ РСС Тоҷикистон, мактаби миёнаи рақами 6 дар ноҳияи Файзобод ва як мактаби миёна дар зодгоҳи олим-деҳаи Варганзаи ноҳияи Китоби РСС Ӯзбекистон ба номи олим гузошта шуданд. Ҷашнҳои 70-солагӣ (1978) ва 75 солагии Абдулғанӣ Мирзоев (1983) дар Академияи фанҳои Тоҷикистон ботантана баргузор гардиданд.[1] Аммо ҷашнҳои 90-солагӣ (1998), 100-солагӣ (2008) ва 110 солагии олим (2018) ноёён гузаштанд.

Хулоса, марҳилаҳои зиндагӣ ва фаъолияти кории академик А.Мирзоев пурбор ва ибратомӯз буда, олим на танҳо дар ташаккули шахсияти хеш талошҳои фаровон ба харҷ дода, ба унвонҳои баланди илмӣ сазовор гардид, инчунин дар раванди таъсиси муассисаҳои илмӣ

---

[1] Л.Н.Демидчик. Д.С.Лейви. А. М. Мирзоев. Душанбе: 1965- 85 стр. стр 4-8.
[2] М. Муллоаҳмад. М. Мирзоев. 13 мақолаи Аҳмади Дониш. Душанбе: 2017 с.

ва таълимӣ дар Тоҷикистон ва тарбияи насли нави муҳаққиқони тоҷик мустақиман ширкат варзида, аз шахсиятҳои калидӣ дар илми шарқшиносии СССР маҳсуб мешуд. Академик А.Мирзоев дар ҷамъоварӣ ва ба доираҳои илмӣ ворид кардани сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ саҳми муҳим гузошта, дар қатори академикҳо Б.Ғафуров ва А.А.Семёнов аз аввалин муҳаққиқони таърихи халқи тоҷик ба шумор меравад. Олим 31 соли умри бобаракати худро дар пешрафти илмҳои гуманитарӣ дар Тоҷикистон сарф карда, ба шарофати заҳматҳои зиёди ӯ илми шарқшиносии тоҷик дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар сатҳи баланд қарор гирифт.

---

[1] Афсаҳзод А. Академик Абдулғанӣ Мирзоев. С. 79.

## I.2. Академик А.Мирзоев созмондеҳи илми шарқшиносӣ ва мураббии олимони ҷавон

Моҳи июли соли 1957 дар Тошканд конференсияи якуми умумиитифоқии шарқшиносони Иттифоқи Советӣ бо ташаббуси Академияи фанҳои СССР ва Академияи фанҳои РСС Узбекистон баргузор гардид. Дар кори конференсия шарқшиносони маъруфи Москва, Ленинград ва дигар шаҳрҳои Республикаи советии федеративии сотсиалистии Россия, ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, Қазоқистон ва Кавказ ширкат доштанд, ки ҳайати АФ РСС Тоҷикистонро С.У.Умаров, (1908-1964) А.М.Мирзоев, А.А.Семёнов, (1873-1958) Б.Н.Ниёзмуҳаммадов, (1906-1979) М.Ф.Фозилов, М.Р.Раҷабов, Н.Неъматов (1927-20011) ва А.К.Қодиров намояндагӣ мекарданд. Дар қарори конференсия, ки аз ҷониби шарқшиносон қабул шуда буд, дар бораи амиқ ва ҳамаҷониба омӯхтани таърих, иқтисод, адабиёт, масъалаҳои сиёсат ва андешаҳои иҷтимоии халқҳои Осиё ва Африка, ҳамчунин забонҳо ва ёдгориҳои фарҳангии чандинасраи Шарқ таъкид карда шуд.[1]

Дар кори ин конференсия директори Институти шарқшиносии Осиё ва Африқо академик Бобоҷон Ғафуров зери унвони «Ҳолат ва вазифаҳои шарқшиносии Шӯравӣ дар партави қарорҳои съезди XX КПСС» баромад карда, таъсиси марказҳои шарқшиносӣ дар РСС Озарбойҷон ва РСС Гурҷистонро мусбат арзёбӣ намуда, ба зарурати таъсиси як Институт ё як шӯъбаи шарқшиносӣ дар Тоҷикистон таъкид варзид.[2]

Моҳи январи соли 1958 Қарори КМ ҲК Тоҷикистон ва Совети вазирони РСС Тоҷикистон таҳти №21 дар бораи таъсиси Шӯъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ қабул шуд. Моҳи марти ҳамон сол дар асоси ин қарор Шӯъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ дар назди

[1] Саидмуродов С.Д., Мальцев Ю.С. Из истории востоковедения в Таджикистане (1917-1958 гг.). С.77.
[2] Ҳамон ҷо. С.78.

Шўъбаи адабиёти классикии тоҷик ва дастхатҳои шарқшиносии Институти забон ва адабиёти раёсати Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон ташкил гардид. Бидуни шак он замон танҳо касе, ки метавонист корҳои ташкилӣ ва таҳқиқиро дар ин Шўъба хуб ба роҳ монад, ин академик А.Мирзоев буд. Зеро ин замон А.Мирзоев бо осори арзишманди илмияш на танҳо дар қаламрави Иттифоқи Советӣ шинохта шуда буд, инчунин дар марказҳои шарқшиносии хориҷа ўро эътироф мекарданд. Донишманди эронӣ Эраҷи Афшор дар мақолаи «Осори тозаи эроншиносӣ» ба осори илмии дар заминаи шарқшиносӣ офаридаи А.Мирзоев аҳамияти бузург қоил мешавад.[1] Шарқшиноси италиявӣ А.Базуани назари А.Мирзоевро роҷеъ ба сабки ҳиндӣ навоварона меҳисобад.[2] Иржа Бечка,(1915-2004) шарқшиноси маъруфи чехӣ дар таҳқиқоти худ доир ба Рўдакӣ ва Аҳмади Дониш ба асарҳои А.Мирзоев такя мекунад.[3]

А.Мирзоев аз рўзҳои нахустини ташкилёбии он чун шўъба (1958) ба ҳайси мудири шўъбаи шарқшиносӣ ва баъди ба Институт табдил ёфтан (1970), ба вазифаи директории Институт то охири умр (1976) ифои вазифа кард.[4] Дар солҳои аввали фаъолият дар ин шўъба ду сектор: сектори Шарқи ҳозиразамон ва сектори матн, матншиносӣ ва чопи дастхатҳои шарқӣ фаъолият мекард.

Узви вобастаи АИ Тоҷикистон М.Муллоаҳмадов роҷеъ ба таъсиси чунин маркази илмӣ, ки дар он нақши А.Мирзоев бисёр бузург аст, мегўяд: «Хизмати А. Мирзоев дар ташкили Институти шарқшиносӣ хеле зиёд аст. Бояд гуфт, ки он кас тавонистанд шўъбаро ба дараҷаи як институт расонанд. Дар он замон ташкил кардани Институт кори осон набуд. Аммо А. Мирзоев, пеш аз ҳама бо фаъолияти ташкилотчигӣ ва бо корҳои муҳими илмии худ нишон доданд, ки Тоҷикистон метавонад,

---

[1] Эраҷи Афшор. Осори тозаи эроншиносӣ. -№5. Теҳрон: Роҳнамои китоб, 1339 ҳ.ш. С.659.
[2] Bausani A. Contributo a unalefmizion deho «stile indiano» della poesia persiana. Annali dell'istito Universitario Orientaie di Napoli Vol 7, 1958. P.167-178.
[3] Becka I. Rudaki a tadzicka Literature. Novi Orient Praha, 1958. P.141-142; Becka I. Soviet studies on Ahmad Donish. Archiv Orientalni Praha, 1963.31/3. P.483-487.

[4] Шарқшиносии тоҷик (1958-2008 ). С. 15-19.

ки яке аз марказҳои илми шарқшиносӣ дар Иттифоқи Советӣ бошад. Чандин бор ба Москва, ба Институти шарқшиносии СССР ба назди академик Б.Ғафуров рафта, бо дастгирии Б.Ғафуров ба мақомотҳои дахлдор зарурати ташкили институти шарқшиносиро исбот карда ва ниҳоят бо кӯшишҳои зиёди он кас Институти шарқшиносӣ таъсис ёфт. Бояд гуфт, ки Институти шарқшиносии Тоҷикистон бо роҳбарии академик А.Мирзоев ба яке аз беҳтарин институтҳои шарқшиносии на танҳо минтақа, балки Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфт ва шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Он суннат ва анъанаҳое, ки дар усули кории хеш А. Мирзоев пеш гирифта буд, имрӯз шоистаи пайравӣ ва давом додан аст». [1]

Дар замони роҳбарии академик А.Мирзоев шӯъбаҳои зерин дар Институти шарқшиносӣ таъсис дода шуданд:

**Шӯъбаи матшиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттӣ**

Шӯъбаи матшиносии Институт дар заминаи шӯъбаи таҳия ва нашри осори хаттии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ бори аввал чун шӯъбаи (ганҷинаи) навбунёди дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон ҳанӯз соли (1953-1954) таъсис ёфта буд. Ташкили ин шӯъбаи барои илми филология ниҳоят судманд таҳти №21 бо ташаббусу пешниҳоди нахустин Президенти АФ РСС Тоҷикистон Садриддин Айнӣ ва муаррих ва шарқшиноси маъруф А.А. Семёнов ба амал омада, дар сохтори Академияи илмҳои кишвар нахустин муассисаи расмии ховаршиносӣ буд. Он вақт мудирии ин шӯъбаро Камол Айнӣ бар ӯҳда дошт. Минбаъд, соли 1958 дар заминаи ганҷинаи дастнависҳо ва сектори адабиёти классикии Институти забон ва адабиёт бо сарварии олими намоёни тоҷик Абдулғанӣ Мирзоев муассисаи алоҳидаи илмӣ, Шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори адабӣ дар назди АИ РСС Тоҷикистон бунёд ёфт. Дар ҳамин Шӯъба дар қатори чанд сектори дигар нахустин сектори матншиносӣ ва нашри осори хаттӣ таъсис

---
[1] Шарқшиносии тоҷик (1958-2008 ). С. 125-126.

гардид, ки дар ибтидо он мустақиман зери назорати А. Мирзоев фаъолият менамуд. Баъдтар ба ин шӯъба Камол Айнӣ ба сифати мудир таъйин шуд. Ҳамин тавр, дар маркази илмии кишвар илми матншиносӣ чун соҳаи алоҳидаи омӯзишу пажӯҳиш пазируфта мешавад.[1]

Соли 1961 дар заминаи Шӯъбаи шарқшиносӣ ва ёдгориҳои хаттӣ Шӯъбаи таъриху адабиёт ва ёдгориҳои таърихӣ таъсис меёбад.[2]

Ҳанӯз дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ Ганҷинаи дастнависҳо ва сектори адабиёти классикӣ фаъолият дошт ва дар ин маркази илмӣ аҳли таҳқиқ дар баробари навиштани корҳои таҳқиқӣ роҷеъ ба адабиёт ба матни мероси ниёгон таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд. Академик А.Мирзоев ҳамон вақт дарк карда буд, ки пояи ҳамаи корҳои илми филологияи тоҷик матн мебошад. Дар солҳои 1956-1963 дар матншиносии тоҷик интишор ёфтани мунтахаби осори Саъди Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Убайди Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Аҳмади Дониш, Баҳриддини Ҳилолӣ, Зебуннисо ва гузашта аз ин ҳама нашри ашъори бозмондаи устод Абу Абдулло Рӯдакӣ бо номи “Осор” ва “Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ” дар соли 1958, ки ба муносибати 1100-солагии бузургдошти Одамушшуаро таҳти назари академик А.Мирзоев интишор ёфтаанд, шоёни диққат буданд. Бояд гуфт, ки бештари ин корҳо қадамҳои аввал ва ҷиддии сектори матншиносӣ ва нашри осори хаттӣ ба шумор мерафтанд. Ҳамзамон дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ба корҳои нисбатан калонҳаҷму бузург, монанди мураттаб сохтани матни илмии “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ (934-1020) оғоз ёфта буд, ки таҳияи он минбаъд дар сектори матншиносӣ ва нашри осори хаттии Шӯъбаи шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон идома ёфт.[3]

---

[1] Ҳамон ҷо. С.127-128.
[2] АНРТ. Издательство Дониш Душанбе, 2001. С. 224-225.
[3] АИҶТ. Шарқшиносии тоҷик (1958-2008). С.133.

Соли 1964 бо ташаббуси аҳли фарҳанги Тоҷикистон 550-умин солгарди бузургдошти Абдурраҳмони Ҷомӣ таҷлил гардид, ки ба ин муносибат "Осори мунтахаб"-и адиб дар ҳашт ҷилд интишор ёфт. Ин ҳашт ҷилд асосан дар бахши матншиносии Шӯъбаи шарқшиносии АФ РСС Тоҷикистон, ба заҳамоти А. Афсаҳзод, (1935-1999) К.Айнӣ, (1928-2010) А.Зуҳуриддинов, (1933-1997) Ҷ.Додалишоев (1936-2001) ва М. Мамедова (1940-2009) анҷом пазируфт.[1] Ин аввалин кори калонҳаҷми матншиносии тоҷик буд, ки ба дасти аҳли таҳқиқи соҳа ва алоқамандони адабиёти классикӣ расид.

Солҳои 1964-1966 матни илмии "Шоҳнома"-и А. Фирдавсӣ дар нуҳ ҷилд бо ҳуруфи кириллӣ нашр гардид, ки дар кори таҳияву тадвини он Б.Сирус, К. Айни, З. Аҳрорӣ (1930-2009) ва дар ҷилдҳои охири он А.Девонақулов саҳм гирифтаанд.[2]

Солҳои 1971-1979 чаҳорҷилдаи "Осори мунтахаб"-и А.Деҳлавӣ дар таҳияи М. Бақоев, (1931-1970) ки мудири сектори нигоҳдории нусхаи хаттӣ буд, А. Девонақулов, А. Афсаҳзод, А. Алимардонов ва

---

[1] Ҷомӣ А. Осори мунтахаб иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷ.1. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А. Афсаҳзод, К.Айнӣ, А. Зуҳуриддинов, Ҷ. Додалишоев ва М. Мамедова. Душанбе: Ирфон, 1986. -560 с. Ҷ.2.Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А. Афсаҳзод, К.Айнӣ, А. Зуҳуриддинов, Ҷ. Додалишоев ва М. Мамедова. Душанбе: Ирфон, 1986. -576с. Ҷ.3. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А. Афсаҳзод, К.Айнӣ, А. Зуҳуриддинов, Ҷ. Додалишоев ва М. Мамедова. Душанбе: Ирфон,1987. -287с. Ҷ.4.Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А. Афсаҳзод, К.Айнӣ, А. Зуҳуриддинов, Ҷ. Додалишоев ва М. Мамедова. Душанбе: Ирфон,1988. -384с. Ҷ.5. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А. Афсаҳзод, К.Айнӣ, А. Зуҳуриддинов, Ҷ. Додалишоев ва М. Мамедова. Душанбе: Ирфон,1988. -385с. Ҷ.6. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А. Афсаҳзод, К.Айнӣ, А. Зуҳуриддинов, Ҷ. Додалишоев ва М. Мамедова. Душанбе: Ирфон,1988. -560 с. Ҷ.7. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А. Афсаҳзод, К.Айнӣ, А. Зуҳуриддинов, Ҷ. Додалишоев ва М. Мамедова. Душанбе: Ирфон,1989. -544с. Ҷ.8. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А. Афсаҳзод, К.Айнӣ, А. Зуҳуриддинов, Ҷ. Додалишоев ва М. Мамедова. Душанбе: Ирфон,1990. - 494 с.

[2] Фирдавсӣ А. Шоҳнома иборат аз нуҳ ҷилд. Ҷ.1. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К. Айнӣ З.Аҳрорӣ ва Б.Сирус. Душанбе: Ирфон,1964. - 467с. Ҷ.2. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К. Айнӣ З.Ахрорӣ ва Б.Сирус. Душанбе: Ирфон, 1964. -320с. Ҷ.3. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К. Айнӣ З.Аҳрорӣ ва Б.Сирус. Душанбе: Ирфон,1964. -526с. Ҷ.4. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К. Айнӣ, З.Аҳрорӣ ва Б.Сирус. Душанбе: Ирфон,1965. - 406с. Ҷ.5. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К. Айнӣ, З.Аҳрорӣ ва Б.Сирус нашриёти «ирфон» Душанбе 1965 - 492с. Ҷ.6. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К. Айнӣ, З.Аҳрорӣ ва Б.Сирус . Душанбе: Ирфон,1965. - 552с. Ҷ.7. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К. Айнӣ, З.Аҳрорӣ Б.Сирус, А. Девонақулов. Душанбе: Ирфон, 1966. - 652с. Ҷ.8. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К. Айнӣ, З.Аҳрорӣ Б.Сирус, А. Девонақулов. Душанбе: Ирфон,1966. -614с. Ҷ.9. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К. Айнӣ, З.Аҳрорӣ Б.Сирус, А.Девонақулов. Душанбе: Ирфон,1966. -500с.

Ҷ. Додалишоев тавассути итишороти “Ирфон” аз чоп баромад.[1]

Охири солҳои 70-уми асри гузашта мудири сектор Камол Айнӣ ба сафари хидматӣ ба Эрон фиристода шуд. Муддате вазифаи мудирии сектор ба дӯши олими пухтакор Баҳром Сирус во гузошта шуд ва фаъолият дар ин бахши илмӣ идома дошт. Акнун сектори матншиносӣ дар назди худ вазифаҳои мушаххас ва масъулияти бештар гузошта буд. Унвонҷӯёни сектор, рисолаҳои илмии худро дар алоқамандӣ ба матн, асосан таҳия намудани матни илмӣ-интиқодии ин ё он асари суханварони гузашта бо муқаддимаҳои муфассали таҳқиқи матн ва таҳқиқоти мувофиқи талаби матншиносӣ анҷом медоданд. Дар зимн ба рисолаҳои номзадии Ҳ.Тарбият “Достони Хирадномаи Искандарӣ”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва матни илмӣ-интиқодии он”(1972)[2] ва Ҷ.Назриев “Мактаби Шерозӣ ва матни илмӣ-интиқодии “Лайлӣ ва Маҷнун”-и ӯ” (1974)[3] метавон ишора намуд.

Соли 1971 сарварии сектори матншиносӣ ва нашри осори адабии Институти шарқшиносиро яке аз адабиётшиносони ҷавон ва боистеъдод, ки минбаъд дар матншиносиву адабиётшиносии кишвар соҳибмактаб гашт, А. Афсаҳзод ба уҳда мегирад. Дар сектор баробари омадани мудири нав баъзе тағйирот ба вуҷуд омад. З. Аҳрорӣ ба вазифаи мудири сектори Афғонистон ва А. Алимардонов ба вазифаи мудири сектори нигаҳдорӣ ва коркарди нусхаи хаттӣ таъйин гардиданд. Дар секторе, ки А. Афсаҳзод мудири он таъйин гардида буд, донишмандон Б. Сирус, А.Зуҳуриддинов, Ҳ.Тарбият, Ҷ.Додалишоев, Л.Сулаймонова,(1932-1996) А.Ҷонфидо,(1926-2007) С.Сиддиқов(1938-

---

[1] Деҳлавӣ А. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор чилд. Ҷ.1. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи М.Бақоев, А.Девонаку-лов, А.Афсаҳзод, А. Алимардонов, Ҷ.Додалишоев. Душанбе: Ирфон,1971. -489с. Ҷ.2. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи М.Бақоев, А.Девонақулов, А.Афсаҳзод А., Алимардонов, Ҷ.Додалишоев. Душанбе: Ирфон, 1972. - 444с. Ҷ.3 Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи М.Бақоев, А.Девонакулов, А.Афсаҳзод А., Алимардонов, Ҷ.Додалишоев. Душанбе: Ирфон, 1973. -392с. Ҷ.4 Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи М.Бақоев, А.Девонақулов, А.Афсаҳзод А., Алимардонов, Ҷ.Додалишоев. Душанбе: Ирфон,1975. - 896с.

[2] Тарбият Ҳ. Достони «Хирадномаи Искандарӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва матни илмӣ-интиқодии он». Душанбе, 1972. -219с.

[3] Назриев Ҷ. «Мактаби Шерозӣ ва матни илмӣ-интиқодии «Лайли ва Маҷну»-и ӯ». Душанбе,1974. -124с.

1993) ва унвонҷӯ Ҷ Назриев(1946-2020) фаъолият доштанд, ки баъдтар баъди бозгашт аз сафари хидматии Эрон К. Айнӣ муддате ба сифати ходими хурди илмӣ, Ш. Нуриддинов ва А. Муҳаммадиев сафи ин олимонро афзуданд. Дар шӯъба баробари нақшаҳои инфиродии мушаххас, ки солҳои минбаъда дар нашриётҳои бонуфузи ҷумҳурӣ, монанди “Ирфон” ва “Дониш” интишор ёфтаанд, чанд муддат асосан кор дар таҳияи яке аз тазкираҳои осори манзуми гузаштагон бо номи “Гулшани адаб” ҷараён дошт. Ин тазкира аз панҷ ҷилд иборат буда, солҳои 1975-1980 дар нашриёти “Ирфон” чоп шуд, ки дар таҳияву тадвини он А.Афсаҳзод, К.Айнӣ, Ҷ.Додалишоев, Л.Сулаймонова, А.Девонақулов, Ш.Нуруддинов ва Алӣ Муҳаммадӣ саҳми муносиб гузоштаанд.[1]

Дар сектор бо тарбия ёфтану ба камол расидани матншиносони варзида ва бо зарурати давру замон таҳияи матнҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва илмӣ-интиқодӣ ба ҳуруфи ниёгон ба роҳ монда шуд, ки дар танзими кори он нақши академик А.Мирзоев хеле бузург аст. Бо ҳидоятҳои академик А.Мирзоев мудири бахш А. Афсаҳзод матнҳои илмӣ-интиқодии “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ[1] ва девонҳои сегонаи ӯ “Фотиҳату-ш-шубоб”, “Воситату-л-икд” ва “Хотимату-л-ҳаёт”-ро солҳои 1971-1981 таҳияву тадвин намуда, дар интишороти “Наука”-и шаҳри Маскав ба чоп расонид. Ходимони илмии шӯъба А.Ҷонфидо тазкираҳои Хоҷа Неъматуллоҳи Мухтарам “Тазкирату-ш-шуаро”, Раҳматуллоҳи Возеҳ “Туҳфату-л-аҳбоб фи тазкирату-л-асҳоб”, Ҳусайнқулихони Азимободӣ “Наштари ишқ” ва

---

[1] Гулшани адаб. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷ.1. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А.Афсаҳзод, К.Айнӣ, Ҷ.Додалишоев, Л.Сулаймонова, А.Девонақулов, Ш.Нуриддинов ва Али Муҳаммадӣ. Душанбе: Ирфон, 1975. -496с. Ҷ.2. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А.Афсаҳзод, К.Айнӣ, Ҷ.Додали-шоев, Л.Сулаймонова, А.Девонақулов, Ш.Нуриддинов ва Алӣ Муҳаммадӣ. Душанбе: Ирфон, 1975. -495с. Ҷ.3. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А.Афсаҳзод, К.Айнӣ, Ҷ.Додалишоев, Л.Сулаймонова, А.Девонақулов, Ш.Нуриддинов ва Алӣ Муҳаммадӣ. Душанбе: Ирфон,1976. -382с. Ҷ.4. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А.Афсаҳзод, К.Айнӣ, Ҷ.Додалишоев, Л.Сулаймо-нова, А.Девонақулов, Ш.Нуриддинов ва Алӣ Муҳаммадӣ. Душанбе: Ирфон, 1977. -383с. Ҷ.5. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А.Афсаҳзод, К.Айнӣ, Ҷ.Додалишоев, Л.Сулаймонова, А.Девонақулов, Ш.Нуриддинов ва Алӣ Муҳаммадӣ. Душанбе: Ирфон, 1980. - 460с.

Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ “Тазкирату-ш-шуаро”-ро таҳия карда, солҳои 1976-1983 тавассути нашриёти “Дониш”-и АФ Тоҷикистон дастраси аҳли таҳқиқ гардониданд. Баъдтар “Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ солҳои 1966, 1972 ва 1978 ба табъ расид[2].

Дар баробари ин дастовардҳо дар Шӯъба таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли мақола, баромадҳои илмӣ дар конфронсу симпозиум ва нишастҳои байналмилалии ватаниву хориҷӣ ва навиштани китобу рисолаҳо идома доштанд, ки аксари онҳо дар заминаи боэътимоди мутуну таҳиягардида сурат гирифтааст. Аз ин ҷумла рисолаи илмии К.Айнӣ “Бадриддин Ҳилолӣ” (1957),[3] рисолаҳои илмии Б.Сирус “Қофия дар назми тоҷик” (1955), “Арӯзи тоҷикӣ” (1963), “Назарияи нави қофиябандӣ дар назми тоҷик” (1972),[4] рисолаҳои А.Афсаҳзод “Ҳофизи Шерозӣ” (1971),[5] “Абдурраҳмони Ҷомӣ” (1978),[6] Достони “Лайли ва Маҷнун”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ (1970)[7] мебошанд.

Ба нашр расидани “Осори мунтахаб”-и Бадриддин Ҳилолӣ, “Мунтахабот”-и Абдураҳмони Мушфиқӣ, “Рубоиёт”-и Умари Хайём “Ашъори мунтахаб”-и Шавқати Бухороӣ, “Ашъори мунтахаб”-и Нозими Ҳиротӣ, “Мунтахаби ашъор”-и Абдурраҳмони Тамкин, “Маҳбубу-л-қулуб”-и Мирзо Бархурдори Фароҳӣ аз корҳои муҳимми ин сектори Институт дониста мешаванд, ки таҳти роҳбарии илмии А.Мирзоев ба анҷом расидаанд. [8]

---

[1] Ҷомӣ А. Лайлӣ ва Маҷнун. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А.Афсаҳзод. Душанбе: Ирфон,1970-384с.
[2] Ҷомӣ А. Баҳористон. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А. Ҷонфидо. Душанбе,1966. -146с.
[3] Ҳилолӣ.Б. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К.Айнӣ. Сталинобод, 1957. -208с.
[4] Сирус. Б. Назарияи нави қофиябандӣ дар назми тоҷик. Душанбе: Ирфон,1972. -48с.
[5] Афсаҳзод.А. Ҳофизи Шерозӣ. Душанбе: Ирфон,1971.-103с.
[6] Афсаҳзод.А. Абдураҳмони Ҷомӣ. Душанбе: Ирфон,1978. -382с.
[7] Ҷомӣ А. Лайли ва Маҷнун..Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А.Афсаҳзод. Душанбе: Ирфон,1970. -384с.
[8] Ҳилолӣ. Б. Осори мунтахаб. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К.Айнӣ. Сталинобод, 1958. -367с.; Мушфиқӣ А. Мунтахабот. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи З.Аҳрорӣ. Сталинобод, 1958 303с.; Хайём У. Рубоиёт. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи К.Айнӣ. Душанбе, 1965. -208с. Бухороӣ Ш. Ашъори мунтахаб. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи М.Аҳмадов. Душанбе: Дониш,1968. -360с.; Ҳиротӣ Н. Ашъори мунтахаб. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи А.Зуҳуриддинов. Душанбе, 1967. -355с. Тамкин А. Мунтахаби ашъор. Муаллифи пешгуфтор ва таҳияи Ҷонфидо. Душанбе, 1974. -146с.; Мирзо Бархурдори Фароҳӣ. Маҳбубу-л-кулуб. Мураттиб ва муаллифи сарсухан А.Зуҳуриддинов. Китоби якум Душанбе: Дониш, 1975. -330с; Китоби дувум Душанбе: Дониш, 1979. -335с.

**Шӯъбаи нигаҳдории дастхатҳо, коркарди нусхаи хаттӣ ва таҳияи феҳристҳо**

Барои беҳтар ва дақиқ омӯхтани таърихи гузаштаи халқи тоҷик ва муайян намудани осори бойи навишташудаи таърихӣ Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон таҳти №21 аз 7 январи соли 1953 дар бораи ҷамъоварӣ ва нигоҳдории нусхаҳои хаттӣ фармон баровард.[1] Тибқи ин фармон тамоми нусхаҳои хаттие, ки аз ибтидои солҳои 30-юми асри гузашта ҷамъоварӣ шуда буданд ва дар китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ва дигар муассисаҳои илмӣ, таълимӣ, маданӣ-маърифатӣ маҳфуз буданд, ба ихтиёри АФ ҶТ дода шуданд. Ин дастнависҳо асоси ганҷинаи осори хаттии Академияи фанҳоро ташкил дод.

Асоси фаъолияти Институти тозабунёди шарқшиносиро Шӯъбаи нигаҳдории нусхаҳои хаттӣ ва таҳияи феҳристҳо ташкил медод ва тақвияти ин соҳаи муҳими илми шарқшиносӣ таваҷҷуҳи хосро тақозо мекард. Ба ҳамин сабаб дар кишвар маъракаи ҷамъоварӣ ва харидории нусхаҳои хаттӣ аз аҳолӣ шурӯъ шуд. Ҳамаи ин корҳо таҳти роҳбарии бевоситаи академик А.Мирзоев сурат гирифта, ба таври хеле самарабахш амалӣ мегардиданд.

Шоистаи қайд аст, ки зарурати ҷамъоварӣ ва нигаҳдории дастнависҳо ҳанӯз солҳои 20-уми асри гузашта дар миён гузошта шуда буд. Дар саргаҳи ин кори хайр асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ, (1878-1954) олими шинохтаи тоҷик академик Бобоҷон Ғафуров, (1909-1977) академик Абдулғанӣ Мирзоев ва олимони рус Бартолд В.В., (1869-1930) Зарубин Н.И., (1887-1964) Андреев М.С. (1873-1948) Семенов А.А. (1873-1958) ва дигарон қарор доштанд.

Аз соли 1960 сар карда шаш ҷилд “Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон” зери роҳбарӣ ва муҳарририи

---

[1] Комунисти Тоҷикистон шумораи 1-ум 7-уми январи соли 1953.

академик А.Мирзоев ба забони русӣ ба нашр расид.[1]

Ҳоло дар Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 5608 ҷилд нусхаи хаттӣ вуҷуд дорад. Ганҷинаи дастнависҳо аксаран аз нусхаҳои хаттӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълифшуда (аз се ду қисм) иборат буда, бахши камтари онро дастнависҳои ба забони арабӣ, туркӣ ва забонҳои дигар навишта шударо ташкил медиҳанд.

Ҷуғрофияи китобати дастнависҳо хеле доманадор буда, аз вусъату густариши китобнависӣ ва китобдории ниёгони мо шаҳодат медиҳад. Дастнависҳо аксаран дар Мовароуннаҳр, Хуросон, Ҳинду Покистон, Эрон, Қафқоз, Қошғар ва ҳатто Поволжеи Россия тасниф ва ё китобат гардиданд, ки дар он даврон забони тоҷикии форсӣ дар ин сарзаминҳо ривоҷ дошта, дар таҳкими муносибатҳои адабӣ ва фарҳангӣ нақши азиме бозидааст.

Таърихи китобати дастнависҳо аз асри XI оғоз шуда, то ибтидои асри XX идома пайдо мекунад. Қадимтарин дастнависи ин Ганҷина «Бустону-л-орифин»-и Абулайси Самарқандӣ аст, ки аз ҷониби Муҳаммад ибни Муҳаммад ал-Муазим дар соли 489 ҳ.қ./ 1095-96 китобат шудааст( № 22,23).

Мавзӯъ ва матолиби бахси дастнависҳо хеле гуногун буда, тақрибан тамоми соҳаҳои илму фарҳанги роиҷ дар давраҳои гузашта ва масоили динию мазҳабиро фаро гирифтаанд.

Дар қатори нусхаҳои хаттии ҷамъоваришуда, дар Ганҷинаи дастнависҳо бештар аз 200 адад нусхаҳои хаттӣ ва 1554 номгӯй китобҳои мухталифи чопи муосир ба забонҳои гуногун дар захираи

---

[1] Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Т.I. Под редакцией А.Мирзоева и А.М.Болдырева. Сталинабад, 1960. -322 с.; Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Т.II. Под редакцией А.Мирзоева и А.М.Болдырева. Душанбе: Дониш, 1968. -316 с.; Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Т.III. Под редакцией А.Мирзоева и М.И. Занда. Душанбе: Дониш, 1968. -239 с.; Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Т.IV. Под редакцией А.Мирзоева и М.И. Занда. Душанбе: Дониш, 1970. -279 с.; Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Т.V. Под редакцией А.Мирзоева и А.Е Бертельса. Душанбе: Дониш, 1974. -448 с.;Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Т.VI. Под редакцией А.Мирзоева и А.Е Бертельса. Душанбе: Дониш, 1988. -370 с.

осори ба ном Стариков нигаҳдорӣ мешаванд.

Солҳои 50-60-уми асри гузашта бо дастгирии донишмандони маъруф Бобоҷон Ғафуров ва Абдулғанӣ Мирзоев гурӯҳи мутахассисони Институти халқҳои осиёии Иттиҳоди Шӯравӣ ва Шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии АИ РСС Тоҷикистон барои ҷамъоварӣ ва харидорӣ намудани дастнависҳо ба Бадахшон фиристода шуданд. Ин гурӯҳро шарқшиноси намоёни шӯравӣ Андрей Бертелс ва олими маъруфи тоҷик Муҳаммадвафо Бақоев сарпарастӣ намуданд. Гурӯҳи корӣ дар муддати тақрибан панҷ сол аз як чанд навоҳии вилояти худмухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон, аз ҷумла ноҳияҳои Шуғнон, Ишкошим, Рушон ва маҳалҳои дурдаст ба мисли Хуфу Бочув ва Бартанг дидан намуда, аз мардуми таҳҷоӣ ба теъдоди зиёда аз 280 нусхаи хаттӣ ва осори гаронбаҳои адабӣ, таърихӣ ва фалсафиро ҷамъоварӣ ва аксбардорӣ намуд. Ин нусхаҳо баъдан дар шакли микрофилм барои нигаҳдорӣ ба Ганҷинаи дастнависҳои шарқии Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон супурда шуданд. Нусхаҳои аслӣ бошанд, ба соҳибонашон баргардонида шуданд.[1] Ҳоло дар Ганҷинаи осори хаттӣ ба теъдоди 300 нусхаи аксбардоришудаи дастнависҳои аз Бадахшон ба дастомада маҳфузанд, ки онҳо аз густариши илму маърифат дар ин сарзамини зебоманзари бостонӣ шаҳодат медиҳанд.

А. Мирзоев ба ганҷинаи дастнависҳои АФ РСС Тоҷикистон меҳр баста буд. Онро муҳофизат мекард, бой мегардонд, шахсан ба ҷустуҷӯи китоб мерафт, дар натиҷа, адади дастнависҳо дар ин ганҷина ба 5200 ҷилд ва китобҳои чопи сангии камёфт ба 5500 ҷилд расид, ки онҳо ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, арабӣ, ӯзбекӣ, озарӣ, туркманӣ, пашту ва ғайра мебошанд. Ҳамчуноне ки қаблан зикр шуд шаш ҷилд феҳристи дастнависҳои форсии дарии тоҷикии он таҳти роҳбарии А.Мирзоев таҳия шуда, аз чоп баромад. Ба воситаи ин феҳрист захираи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон ба

[1] Шарқшиносии тоҷик (1958-2008). С.154.

муомилоти илмии ховаршиносони ҷаҳон даромад. Азбаски бинои институт танг ва шароити ҳифзи дастхатҳо номувофиқ буд, А.Мирзоев ташаббус нишон дода, ба сохтани бинои махсуси ҳифзи нусхаҳои хаттӣ муваффақ шуд. Акнун он чун яке аз биноҳои зебои Душанбе дар кӯчаи ба номи Ш.Ҳусейнзода қомат ороста, ин ганҷинаи дастхатҳо барҳақ бояд ба номи А. Мирзоев гузошта шавад.

Академик А. Мирзоев ҳамеша таваҷҷуҳи хосе ба китоб ва китобхонаҳо дошт. Бино ба иттилои А.Афзаҳзод А.Мирзоев тасмим гирифт, ки дар зодгоҳи устод Рӯдакӣ Панҷрӯд китобхонаи Рӯдакиро таъсис диҳад. Котиби вақти партиявии шаҳри Панҷакент Сиддиқ Зарифов (солҳои 1967-77) ин тасмими олимро маъқул шумурда, бинои зебоеро барои китобхона ҷудо кард. Аз ҳадяҳои донишмандону адибон беш аз 5000 ҷилд китобҳои пурарзиш ҷамъ шуда, китобхона ба фаъолият оғоз кард. Баъди вафоти А.Мирзоев ва аз кор рафтани С.Зарифов мутаассифона ин китобхона аз фаъолият боз монд. А. Мирзоев ният дошт, ки дар зодгоҳи Носири Хисрав ва Камоли Хуҷандӣ низ чунин китобхонаҳоро таъсис диҳад.[1]

**Шӯъбаи Эрон ва Афғонистон**

Дар зери роҳбарии А. Мирзоев аввалин маркази академии шарқшиносӣ дар Тоҷикистон- Шӯъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ аз 1 апрели соли 1967 таҳти №21 дар асоси бахши адабиёти классикии тоҷик ва нусхаҳои хаттии шарқии Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон ҳамчун маркази эроншиносӣ ба фаъолият шурӯъ намуд.

Омӯзиш ва таҳқиқи адабиёт ва фарҳанги тоисломии мардуми ориёнтабор, муайян намудани равандҳои адабӣ-эстетикии асрҳои X-XV ва таҳияву нашри матнҳои илмӣ-интиқодии адибони ин давр мавзӯҳои мубрами давраҳои аввали фаъолияти илмии шӯъбаи эроншиносӣ гардид.

Дар оғози фаъолияти Шӯъбаи эроншиносӣ як теъдод рисолаҳои

---
[1] Афсаҳзод А. Академик А.М. С.56-57.

илмӣ ба табъ расиданд, ки аз мавҷуд будани базаи ҷиддии илмии эроншиносӣ дар Тоҷикистон шаҳодат медоданд. Рисолаҳои академик А.Мирзоев "Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ: ҳаёт ва эҷодиёт", "Рудаки и развитие газели в X- XV вв", М.Бақоев "Хусрави Деҳлавӣ ва достони ӯ "Дувалронӣ ва Хизрхон"[1] аз ҷумлаи он таҳқиқоте мебошанд, ки дар лаҳзаҳои аввали ба фаъолият шурӯъ намудани Шӯъбаи шарқшиносӣ ба табъ расиданд ва аз ҳирфавияти баланди эроншиносии тоҷик шаҳодат медоданд.

Дар асоси таҳқиқу омӯзиши нусхаҳои хаттии захираи дастхатҳо симои адабии як теъдод намояндагони барҷастаи адабиёти асрҳои миёна равшан гардида, роҷеъ ба онҳо рисолаҳои илмии ҷудогона навишта шуданд, ки эътибори Шӯъбаи эроншиносиро на танҳо дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ, балки дар тамоми марказҳои илмии шарқшиносии дунё баланд гардонид. Рисолаҳои А. Мирзоев «Фонӣ ва Ҳофиз», «Рудаки жизнь и творчество» ва «Камал ад-Дин Бинаи» аз ин шуморанд.[2]

Тавассути таҳқиқоти хеш академик А.Мирзоев аввалин маротиба ҷаҳони эроншиносиро бо тазкиранигори маъруф Малеҳои Самарқандӣ ва асари ӯ "Музаккиру-л-асҳоб" ошно намуд. Ҳамчунин академик А. Мирзоев роҷеъ ба масъалаи пайдоиш ва инкишофи ғазал дар таърихи адабиёти тоҷикӣ-форсӣ назари тозае дар адабиётшиносӣ матраҳ намуд, ки мавриди таъйид ва пазиришиховаршиносон гардид.

Қобили қайд аст, ки аксар таҳқиқоти монографии бунёдгузори Шӯъбаи эроншиносӣ (дар солҳои баъдӣ ин шӯъбаро бо номҳои "Шарқи Миёна", "Шарқи муосир" ва ғайра номгузорӣ карда буданд). Асарҳои академик А.Мирзоев ба забони русӣ тарҷума ва дар нашриёти асосии академии Иттиҳоди Шӯравӣ ба табъ мерасиданд, ки аз

---

[1] Мирзоев А. Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ: ҳаёт ва эҷодиёт. Сталинобод,1958. -71с.; Ҳамин муаллиф. Рудаки и развитие газели в X-XV вв. Перевод Н.Османова. Сталинобод, 1958. -70с; Бақоев М. Хусрави Деҳлавӣ ва достони ӯ "Дувалронӣ ва Хизрхон". Сталинобод, 1958.-134с.

[2] Мирзоев А. Фонӣ ва Ҳофиз. Душанбе, 1966. -76с; Ҳамин муаллиф. Рудаки жизнь и творчество. Москва: Наука, 1968. -73с.; Ҳамин муаллиф. Камал ад-Дин Бинаи. Москва: Наука, 1976. -491с.

эътибори баланд ва сатҳи ҷаҳонии пажӯҳишҳои муаллифи онҳо ва маркази илми эроншиносии тоҷик далолат менамуд. Соли 1972 секторҳои Эрон ва Афғонистон ба ду сектори алоҳида тақсим карда шуд.

Академик А.Мирзоев то соли 1976 роҳбарии Шӯъбаи Эронро ба уҳда дошт, ки дар ин солҳо Шӯъба эътибори ҷаҳонӣ пайдо намуд. Таҳқиқоти дар ин Шӯъба анҷом мепазируфтаро дар ҳамаи марказҳои ховаршиносии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷаҳон қадр намуда, мавриди истифода қарор медоданд.

**Шӯъбаи арабшиносӣ**

Дар ибтидо дар Шӯъбаи шарқшиносӣ забону адабиёт ва таъриху фарҳанги кишварҳои Эрону Афғонистон ва Ҳинду Покистон омӯхта мешуданд. Вале дере нагузашта, соли 1967 таҳти №21 бо кӯшишҳои пайгиронаи Абдулғанӣ Мирзоев ва В.П. Демидчик, ки дар Шӯъбаи мазкур вазифаи котиби илмиро иҷро мекард, сектори кишварҳои арабӣ кушода шуд ва роҳбарии ин сектор ба уҳдаи ӯ вогузор гардид. В.П. Демидчик (1930-1988) худ тарбиятгиранда ва дастпарвари мактаби машҳури шарқшиносии Ленинград буд. В.П. Демидчик яке аз ташкилкунандагони илми арабшиносии Тоҷикистон буда, адабиёти араб, таъриху ҷуғрофияи мамолики арабӣ, Қуръон ва масъалаҳои марбут ба исломро хуб медонист. Ӯ баъдтар дар соли 1968 яке аз ташкилкунандагони факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва роҳбари кафедраи филологияи арабии он гардида, то ба ҳангоми марг роҳбарии ин кафедраи донишгоҳро ба ӯҳда дошт. Бо роҳбарии ӯ 13 нафар шогирдон дар мавзӯъҳои филологияи араб рисолаҳои номзадӣ навишта, ҳимоя намуданд.

Демидчик В.П. рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Назми арабии Судон дар асри XX»[1] навишта, соли 1965 ҳимоя кард, ки он дар шакли рисола соли 1972 аз чоп баромад. Ӯ баъд аз ин дар жанри «аҷоибу-л-махлуқот» (мирабилий) рисолаи докторӣ бо номи “Закариёи

[1] Демидчик.В.П. Назми арабии Судон дар асри XX. Душанбе,1972. - 160с.

Қазвинӣ ва жанри мирабилий дар асри XIV»[1] навишта, соли 1979 онро бо муваффақият дифоъ кард. Ин рисола баъдтар дар шакли мухтасар ба табъ расид. Мавзӯъҳоеро, ки В.П. Демидчик пажӯҳиш кардааст, мавзӯъҳои гуногуни на фақат кишварҳои араб, балки бештар арабшиносиро дар бар мегирифтанд, яъне ҳама гуна мавзӯъҳоеро фаро мегирифтанд, ки ба забону адабиёт ва таъриху фарҳанги араб алоқа доштанд. Зери роҳбарии бевоситаи ӯ шогирдонаш К.Мусофиров, Н.Қаҳҳорова, Ф.Исоева, Ҳ.Мӯминов, С.Сулаймонов, М.Ш. Ҳусейнзода (1939-2004) ва дигарон дар мавзӯҳои гуногуни арабшиносӣ, бештар адабиёти араб рисолаҳои номзадӣ ҳимоя карданд. Илова бар ин онҳое, ки дар кафедраи филологияи арабӣ ДДТ ва сектори кишварҳои арабии Шӯъбаи шарқшиносӣ кор мекарданд, аз В.П. Демидчик мавзӯъҳои кори илмӣ гирифта, зери роҳбарии бевоситаи ӯ мавзӯъҳоро таҳқиқ менамуданд. Дар ибтидои оғози кор дар сектори кишварҳои араб Н.Қаҳҳорова, С.Шаҳобиддинов, Қ.Элчибеков, Х.Шоихтиёров, С. Шукрулоева, Ғ. Ғоибов кор мекарданд. Ба ғайр аз Қ.Элчибеков, Х.Шоихтиёров, Ғ.Ғоибов дигарон дар мавзӯи адабиёти классикӣ ва нави араб таҳқиқот мебурданд. Қ. Элчибеков «Эътиқодоти исмоилӣ» ва Ғ.Ғоибов мавзӯи футӯҳоти арабро дар "Футуҳу-л-булдон"-и Балоурӣ ва С.Шаҳобиддинов "Рисола"-и Ибни Форизро таҳқиқ карданд.

Соли 1970 бо ташабуси А. Мирзоев Шӯъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ ба Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ табдил дода шуд ва ҳамзамон сектори кишварҳои арабӣ ба Шӯъбаи мамолики араб табдили ном кард. Роҳбарии шӯъбаи нав, ба сабаби он ки Демидчик роҳбарии кафедраи филологияи арабии Донишгоҳро ба уҳда дошт, ба дӯши Н. Қаҳҳорова гузошта шуд.[2]

Ба ғайр аз В.П. Демидчик ба корҳои таҳқиқотии арабшиносӣ дар Институти шарқшиносӣ то соли 1986 Наққош Ҳасан Иброҳим (1925-

---

[1] Демидчик.В.П. Закариёи Қазвинӣ ва жанри мирабилий дар асри XIV. Душанбе, 1979. - 330с.
[2] Шарқшиносии тоҷик (1958-2008). С.168.

1986), ки худ араби ироқӣ буд, ёрии калон мерасонид. Ӯ ба ҳайси мушовири илмии Институти шарқшиносӣ ифои вазифа мекард ва ҳамеша ба кормандон машваратҳои илмӣ медод.

Шогирди В.П.Демидчик М.Ш. Ҳусейнзода китобҳои «Феллахи в литературе Египта»-ро соли 1973 аз забони арабӣ ба тоҷикӣ тарҷума кард.[1]

**Шӯъбаи Ҳинду Покистон**

Ба вуҷуд омадани риштаҳои ҷудогонаи илми шарқшиносӣ дар ҷумҳурии мо бо таъсиси Академияи илмҳо дар соли 1951 ва баъдтар ташкили шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттӣ дар соли 1958 дар ҳайати он зич алоқаманд мебошад. Аз ин ҷост, ки баробари таъсиси шӯъбаи шарқшиносӣ ва мероси адабӣ дар назди раёсати Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон бо роҳбарии А. Мирзоев дар радифи баъзе масоили дигари мартуб ба Шарқи Миёнаву Наздик соли 1967 таҳти №21 ба доираи машғулияти аҳли таҳқиқи ин маркази илмӣ омӯхтани таърихи адабиёти форсизабони Ҳинду Покистон ва робитаҳои он адабиёт бо адабиёти тоҷик ҳам дохил карда шуданд.

Ҳаёт ва осори Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ ва Файзии Даканӣ аз ҷумлаи нахустин мавзӯъҳое буданд, ки дар шӯъбаи навбунёд мавриди омӯзишу таҳқиқи ҷиддӣ қарор гирифтанд. Каме баъдтар ба омӯхтани ҳаёту осори Муҳаммад Иқбол, Мирзо Ғолиб ва табъу нашри мероси адабии онҳо дар Тоҷикистон диққати махсус дода шуд ва ин фаъолият то кунун ҳамчунон бомуваффақият идома дорад. Худи ҳамин ҳолат, аз як ҷониб, ба рӯ овардани шарқшиносони тоҷик ба таҳқиқи масоили таърихи тамаддуни Ҳинду Покистон ва аз ҷониби дигар, ба таъкиди омӯхтани идомаи анъанаи пешини забону адабиёти форсӣ дар асри XIX ва нимаи аввали асри XX дар он кишварҳо гувоҳӣ медиҳад.

Соли 1969 дар Тоҷикистон 100-солагии зодрӯзи шоири шаҳири сарзамини Ҳину Покистон Мирзо Ғолиб ва соли 1977 100-солагии

---

[1] Ҳусейнзода М.Ш. Фелахи в литературе Египта. Душанбе, 1973. -165 стр.

Муҳаммад Иқбол, ки бештари осорашонро бо забони форсӣ сурудаанд, бо тантана ҷашн гирифта шуд. Ба ин муносибат намунаҳои осори онҳо ва инчунин рисолаю мақолаҳои таҳқиқотӣ оид ба ҳаёту рӯзгорашон мунташир шуданд.[1]

Бояд таъкид кард, ки академик А. Мирзоев, чуноне ки ҳамкорон ёд мекунанд, ҳамчун роҳбар дар ҳақиқат ҳам хеле сахтгир буд. Замони номзадшавии ҷавононе, ки таҳти роҳбарии ӯ кор мекарданд, аз 6 то 10 сол тӯл мекашид. Дар ин муддат онҳо ба усулҳои таҳқиқ ворид мешуданд, аз рӯи барномаи максимум бо адабиёт ва сарчашмаҳои адабию таърихӣ шинос мегардиданд, асарҳояшон чандин бор аз муҳокимаҳо мегузашт. А.Мирзоев шогирдонро маҷбур мекард, ки аз чизҳои ибтидоию мушаххас оғоз намоянд. Як сифати хуби А.Мирзоев ҳамчун роҳбар он буд, ки дар муҳофизати моликияти давлат бо эҳтиёт буд. Институт ҳеҷ гоҳ дар ягон ҷиҳат «зиёдхарҷӣ» надошт. Дар институт ягон коргари ҷопуркун ҳам набуд. Ҳама аз рӯи эҳтиёҷ ва мувофиқи вазифа машғули кор буданд.[1]

Дар замоне ки академик А. Мирзоев директори Институти шарқшиносӣ буд, дар ин муассисаи илмӣ зиёда аз 130 ходими илмӣ ифои вазифа мекарданд. Пеш аз қабул ба кор академик А.Мирзоев бо ходимони илмӣ суҳбат мекард ва дар асоси озмун ва истеъдод онҳо ба вазифаҳо таъйин мешуданд. Профессор А.Саидов дар зимн мегӯянд: «Соли 1971 пас аз хатми шӯъбаи арабии факултаи забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) бо роҳхат ба Институти шарқшиносии АФ ҶТ ба кор омадам. Он замон сарварии Институтро марҳум академик Абдулғанӣ Мирзоев ба уҳда доштанд. А.Мирзоев маро ба ҳуҷраи кории худ даъват намуда, суҳбат оростанд ва аз савияи донишам иттилоъ гирифта, ба сектори мамлакаҳои араб, ки ба он Наима Қаҳҳорова роҳбар буданд, ба сифати лаборант ба кор қабул карданд. Дар давоми кор дар институт бо бисёр сифатҳои хуби ин олими

---

[1] Шарқшиносии тоҷик (1958-2008). С.185.

забардаст шинос шудам. Бояд қайд кард, ки А.Мирзоев дар талаби кор хеле сахтгир буданд. Ҳарчанд шахси серталаб ва ҷиддӣ бошанд ҳам, дар суҳбатҳои алоҳида, хусусан бо ҷавонон, хеле ором, хушмуомила ва меҳрубон буданд. Ин буд, ки дар байни кормандони институт обрӯй ва манзалати баланд доштанд. Дар он вақт дар институтҳои академияи илмҳо барои ходимони нав бакоромада тасдиқи мавзӯҳои илмӣ ва ба аспирантура дохил шудан кори саҳл набуд. Махсусан барои ҷавононе, ки дар шаҳри Душанбе ягон пуштибон надоштанд, ин кор амри муҳол буд. Пас аз чанд моҳи дар Институти шарқшиносӣ кор кардан А.Мирзоев маро ба назди худ даъват карда, пешниҳод намуданд, ки барои таҳсил ба шӯъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти шарқшиносии шаҳри Москва, ки он замон сарварии онро академик Б. Ғафуров ба уҳда доштанд, равам. Албатта ман чунин меҳрубониву ғамхориро бо хушӣ пазируфтам. Он кас барои ман аз шаҳри Москва роҳбари илмӣ низ пайдо намуданд.

Он вақт дар институтҳои АФ қоидае вуҷуд дошт, ки барои ишғоли вазифаҳои илмӣ, ҳатто барои гирифтани вазифаи ходими хурди илмӣ дар рӯзномаҳо эълон ба нашр мерасид ва дар асоси озмун ба ин вазифа қабул мекарданд. Дар ин масъала низ устод хеле мунсифона ва одилона рафтор менамуданд».

Аксари ходимони илмии институт ба таври ғайри расмӣ дар баробари корҳои плании Институт барои навиштани рисолаҳои номзадию докторӣ аз машварату маслиҳат ва роҳнамоии А.Мирзоев бархӯрдор буданд. Дар зимн доктори илмҳои филологӣ узви вобасти АИ Тоҷикистон М.Муллоаҳмадов дар суҳбат чунин иброз доштанд: «Ҳар чанд ки роҳбари илмии ман профессор Расул Ҳодизода буданд, вале бояд эътироф кунам, ки бештар аз Абдулғанӣ Мирзоев маслиҳатҳо мегирифтам. Ба ҳар мушкилие, ки дар раванди таҳқиқ дучор мешудам, ман ба он кас муроҷиат мекардам ва он кас хеле хуб ба ман ёрӣ мерасониданд, роҳнамоиҳо мекарданд. Ҳамеша ман аз роҳнамоию

---

[1] Афсаҳзод А. Академик А. Мирзоев. С.50.

ҳидоятҳои устод бархӯрдор будам».

Академик А.Мирзоев ба таври расмӣ роҳбар ва мушовири 6 номзад ва докторҳои илми филологияи зерин буданд: Алимардонов Амрияздон, Афсаҳзод Аълохон, Боқиев Маҳмадвафо, Зуҳуруддинов Абӯбакр, Сайфиев Начмӣ ва Зоҳир Аҳрорӣ. Мавзӯи номзадии Алимардонов Амрияздон достони “Зиёуддини Нахшабӣ” буд, ки соли 1970 рисоларо дифоъ намудааст. Мавзӯи рисолаи номзадии А. Афсаҳзод достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдураҳмони Ҷомӣ буд. Бо маслиҳати академик А. Мирзоев А. Афсаҳзод таҳти роҳбарии Камол Айнӣ соли 1967 рисолаи илмиро дифоъ намуда, соли 1981 дар Институти шарқшиносии АФ СССР, дар шаҳри Маскав дар мавзӯи “Проблемаҳои матн ва шеърияти лирикаи Абдураҳмони Ҷомӣ” рисолаи доктории худро ҳимоя мекунад. Бақоев Муҳаммадвафо дар бораи достони “Дувалронӣ ва Хизрхон”-и Амир Хусрави Деҳлавӣ таҳти роҳбарии академик А. Мирзоев соли 1960 рисолаи номзадиашро дифоъ кардааст. Шогирди дигари устод Абдулғанӣ Мирзоев Абӯбакр Зуҳуриддинов дар мавзӯи “Нозим ва эҷодиёти ӯ” соли 1967 рисолаи номзадиашро бо муваффақият дифоъ карда, шогирди дигари олим Начмӣ Сайфиев бошад соли 1964 дар мавзӯи “Нахш ва эҷодиёти ӯ” рисолаи номзадӣ ва соли 1981 дар мавзӯи “Равияҳои асосии инкишофи достонҳои ишқӣ ва мавқеи муҳими қиссаи Гулу Наврӯз дар назми асри XIV- и форс-тоҷик” рисолаи докторӣ дифоъ намуд, ки дар таърихи адабиёти тоҷик омӯхта нашуда буданд. Ниҳоят шогирди дигари академик А.Мирзоев Зоҳир Аҳрорӣ (Аҳроров) соли 1977 таҳти роҳбарии шарқшиноси маъруфи рус А. А. Болдырев рисолаи илмии худро дар мавзӯи “Мушфиқӣ” (ҳаёт ва эҷодиёт) дар Шӯрои илмии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дифоъ мекунад.

Академик Абдулғанӣ Мирзоев ҳангоми ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадии бисёр олимони адабиётшиноси имрӯзаи Душанбе, Хуҷанд, Тошканд ва Москва ба сифати муқариз (оппоненти расмӣ)

баромад кардааст.[1]

А. Мирзоев дар замони роҳбариаш робитаҳои илмии Институтро бо Институтҳои ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон ва мамолики Араб ба роҳ монда, дар соҳаҳои гуногуни илмҳои гуманитарӣ бо институтҳои шарқшиносии давлатҳои номбаршуда ҳамкорӣ мекард.

А. Мирзоев борҳо дар ҳайати намояндагии шарқшиносони Шӯравӣ ё шахсан дар анҷуману ҳамоишҳои байналмилалӣ ширкат карда, суханронӣ намудааст. Аз ҷумла А. Мирзоев дар кори конференсияи якуми умумииттифоқии шарқшиносон, ки моҳи майи соли 1957 бо ташаббуси директори Институти шарқшиносии АФ СССР, академики АФ РСС Тоҷикистон Б.Ғ. Ғафуров дар Тошкент гузаронда шуда буд, иштирок намуда, дар мавзӯи «Масъалаҳои омӯзиши адабиёти тоҷики асрҳои XVI-XIX» суханронӣ карда, уфуқҳои таҳқиқи ин адабиёти ғаниро муайян кард. Инчунин дар Конгрессҳои байналмилалӣ дар Мюнхен соли 1957, дар Москва солҳои 1960 ва 1963, дар Деҳлӣ соли 1964, дар ШМА соли 1968, дар Париж соли 1973, дар конгресси якуми ҷаҳонии эроншиносӣ (Теҳрон 1966), дар ҷашнгирии 2500-солагии шоҳаншоҳии Эрон (Теҳрон 1971), дар ҷашнҳои байналхалқии Абдуллоҳи Ансорӣ (Кобул 1962), Носири Хисрав (Машҳад 1974), Абурайҳони Берунӣ (Эрон ва Покистон 1975), Филандия (1957), Дания (1957), Франсия (1960), Булғория (1965) ва Туркия (1970) ширкат варзида, бо гузоришҳои илмии боарзише баромад кардааст, ки ҳамаи онҳо дар маҷмӯҳои он конгресҳо ба чоп расидаанд.

Дар баробари ин А. Мирзоев дар ташкили конференсияҳои гуногуни илмӣ дар Тоҷикистон саҳми калон мегузошт. Аз ҷумла ӯ дар баргузории ҳамоишҳои илмии байналмилалӣ дар Тоҷикистон ба муносибати ҷашни А.Рӯдакӣ, 1000-солагии Ибни Сино, 700-солагии А.Х.Деҳлавӣ, 650-солагии Ҳ.Шерозӣ, 550-солагии А. Ҷомӣ, 125-солагии

[1] Афсаҳзод А. Академик А.М. С.49.

А.Дониш фаъолона ширкат варзидааст.

А. Мирзоев солҳои зиёде ба сифати узви сексияи шарқшиносони Анҷумани умумииттифоқии равобити маданӣ бо хориҷа, узви раёсати Анҷумани равобити мадании СССР бо мамлакатҳои араб, муовини раиси Анҷумани робитаҳои мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои араб, узви Анҷумани равобити мадании Тоҷикистон бо Афғонистон барои мустаҳкам намудани робитаҳои илмии Институти шарқшиносии Тоҷикистон бо марказҳои шарқшиносии давлатҳои хориҷа саҳми арзандае гузошта аст.

А. Мирзоев аз зумраи он донишмандони хеле камшумори соҳаи илмҳои гуманитарии Шӯравӣ буд, ки асарҳояш дар кишварҳои хориҷа бештар чоп шуданд. Асарҳои академик А. Мирзоев дар Эрон, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Франсия, Чехославакия ва Югаславия ба табъ расидаанд. Масалан дар Эрон рисолаҳои «Абӯабдуллои Рӯдакӣ» ва «Абӯисҳоқ» ба табъ расида, беш аз 30 мақолаи ӯ дар маҷаллаи «Воҳид», «Паёми навин», «Эроншиносӣ», «Роҳнамои китоб», «Маҷмӯаи Донишгоҳи Машҳад» ва «Бунёди фарҳанги Эрон» чоп шуданд. Асарҳои таҳиянамудаи А. Мирзоев «Тазкирату-ш-шуаро»-и Ҷаҳонгир соли 1976 ва «Хотироти Мутрибӣ" соли 1977 дар Покистон пас аз маргаш ба табъ расиданд.

Масъалаи муҳими дигаре, ки А. Мирзоев дар роҳи омӯзиши он саҳми намоёне гузошта, барои муҳаққиқони минбаъда роҳи васеъ кушодааст, масъалаи робитаҳои адабӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки ӯ дар баробари таҳқиқи мавзӯъҳои мухталифи адабиёти форсу тоҷик ба масъалаи омӯхтани робитаҳои адабӣ ҳам диққати махсус дода, доир ба алоқаи адабии Мовароуннаҳр бо Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Эрон ва инчунин муносибати байни намояндагони адабиёти тоҷику ӯзбек як силсила таҳқиқоту рисолаҳои пурарзиш таълиф намудааст, ки муҳимтарини онҳо «Маъхази тоза оид ба адабиёти давраи Сафавияи Эрон» (1960),[1] «Робитаҳои адабии Эрон ва

[1] А. Мирзоев. Маъхази тоза оид ба адабиёти давраи Сафавияи Эрон. Москва, 1960. -10 с.

Мовароуннаҳр дар садаҳои XVI-XVII» (1963),[1] «Музаккир-ул-асҳоб ва адабиёти асри Сафавия» (1968), «Аз таърихи робитаҳои адабии Мовароуннаҳру Ҳиндустон дар асрҳои XVI-XVII « (1963),[2] «Кашмир дар назми порсӣ ва мавқеи як манбаи адабӣ» (1970), «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ва таъсири он» ( 1971), «Захмаи чанги Рӯдакӣ ва истиқбол аз он дар Покистон» (1975), «Равобити адабии байни Мовароуннаҳр, Афғонистон ва Синд дар заминаи густариши мактаби адабии Бедил» (1975), «Хусрави Деҳлавӣ», «Нусхаи зебои Ҷаҳонгир» (1976), «Хотироти Мутрибӣ» (1977), «Фонӣ ва Ҳофиз» (1966), «Дар ҳаққи мероси тоҷикии Алишер Навоӣ», «Навоӣ ва Ҷомӣ» (1968) ва ғайраҳо мебошанд.[3]

Хулоса, дар муддати на чандон тӯлонӣ аз соли 1958 дар Шӯъбаи шарқшиносии назди Раёсати АФ РСС Тоҷикистон бо сарварии А.Мирзоев мутахассисони зиёди варзида тарбия ёфта, доираи фаъолияти шӯъба густурдатар мегардад ва ин боис мегардад, ки соли 1970 Шӯъба ба Институти шарқшиносии Тоҷикистон табдил ёбад. А.Мирзоев бо таъсиси шӯъбаҳои нав дар Институти шарқшиносӣ доираи фаъолияти илмии онро хеле васеъ карда, институт бо марказҳои ховаршиносии СССР ва хориҷ аз он робитаҳои илмӣ барқарор намуда, асарҳои зиёди илмӣ ба табъ расида, осори олимон, шоирон ва нависандагони гузашта ба доираҳои илмӣ муаррифӣ шуданд. Институти шарқшиносии Тоҷикистон дар замони роҳбарии академик А.Мирзоев аз марказҳои муҳими илми шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт.

---

[1] А. Мирзоев. Равобити адабии Эрон ва Мовароуннаҳр дар садаҳои XVI- XVII. Техран, 1963, с.74-84.

[2] А. Мирзоев. Аз таърихи робитаҳои адабии Мовароуннаҳру Ҳиндустон дар асрҳои XVI-XVII. Москва, 1963.- 10 с.

[3] Шарқшиносии тоҷик (1958-2008). С.62-63.

# БОБИ II

# САҲМИ АКАДЕМИК А.МИРЗОЕВ ДАР ПЕШРАФТИ ИЛМИ ТАЪРИХ ДАР ТОҶИКИСТОН

## II.1. Академик А.Мирзоев муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик

29 марти соли 1932 бо қарори маҷлиси умумии Академияи фанҳои СССР дар Тоҷикистон Базаи Академияи фанҳои СССР ташкил шуд[1], ки дар чаҳорчӯби он соли 1938 сектори забон, адабиёт ва таърих таъсис ёфт.[2] Ба иртиботи густарда шудани фаъолияти База соли 1941 он ба Филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои СССР табдил ёфт ва сектори зикршуда ба Институти таҳқиқотӣ-илмӣ мубаддал гашт, ки масъалаҳои таърих, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, луғат ва адабиёти шифоҳиро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медод.[3] Аз ҳамин замон сар карда таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҳадафмандонаи таърих ва таърихи фарҳанги халқи тоҷик ва барқарории робитаҳо бо муассисаҳои илмии Москва, Ленинград ва дигар шаҳрҳои СССР оғоз мешавад. Робитаҳои наздики олимони Тоҷикистон бо донишмандони ин марказҳои бузурги илмӣ таъсири пурбор чи дар роҳи корҳои таҳқиқотӣ ва чи дар омода кардани кадрҳои илмӣ мерасонад.[4]

Дар корҳои таҳқиқотӣ-илмии Институти таърих, археология, этнография, забон, луғат ва адабиёти филиали тоҷикистонии АФ СССР С.Айнӣ, (1878-1954) Б.Ғафуров, (1909-1977) А.Мирзоев, (1908-1976) В.Р.Чейлытко,(1904-1950) Ш.Хусейнзода, А.П.Колпаков(1893-1984) ва Б.И.Сирус (1885-1981)фаъолона ширкат мекарданд ва яке аз вазифаҳои

---

[1] Коллектив авторов. Академия наук Таджикской ССР. Краткий исторический очерк. Ответ. редактор Х.М.Саидмурадов. Душанбе: Дониш, 1979. С.42. (Минбаъд: Академия наук Таджикской ССР).

[2] Академия наук Таджикской ССР. С.147; Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт // Тараққиёти фан дар Тоҷикистон. Асарҳои филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои СССР. Ҷилди 27. Сталинобод, 1951. С.201.

[3] Ҳамон ҷо. С.201.

[4] Академия наук Таджикской ССР. С.147

муҳими ин институт «навиштани таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт, ки тибқи қарори КМ ПК (б) дар соли 1939 ба уҳдаи Пойгоҳи тоҷикистонӣ гузошта шуда буд».[1]

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҷараёни фаъолияти омӯзиши таърихи халқи тоҷик халал ворид мекунад. Солҳои баъди ҷанг аз тарафи Институти таърихи мероси фарҳангии АФ СССР, Филиали Тоҷикистонии АФ СССР, ва Эрмитажи давлатӣ барои шиносоӣ ва таҳқиқи таърих ва осори бостонии Тоҷикистон экспедитсияи бостоншиносии суғдӣ-тоҷикӣ ташкил мешавад.[2] Ин экспедитсия аз соли 1946 дар Тоҷикистон бо сарварии яке аз шарқшиносони маъруфи советӣ А.Ю.Якубовский (1886-1953) ба фаъолияти хеш оғоз мекунад. Дар ҳайати ин экспедитсия олимони маъруф М.М.Дяконов,(1907-1954) А.М.Беленитский, (1904-1993) А.П.Окладников (1908-1981) ва А.И.Тереножкин, (1907-1981) ки нақши муҳиме дар шаклгирӣ ва рушди бостоншиносии тоҷик доштанд, шомил гардиданд.[3]

Академик А.Мирзоев аз рӯзҳои аввали таъсиси Институти таърих, археология, этнография, забон, луғат ва адабиёти филиали тоҷикистонии АФ СССР бо ин маркази илмӣ ҳамкорӣ карда, моҳи октябри соли 1947 ба вазифаи директори он таъйин мешавад. Бешубҳа дар интихоби номзадии А.Мирзоев ба ин вазифаи муҳим нақши шахсияти барҷастаи сиёсиву илмӣ, аллома Бобоҷон Ғафуров (1909-1977) бузург буд.

Дар он солҳо, ки А.Мирзоев Институти таърих, археология, этнография, забон, луғат ва адабиёти филиали тоҷикистонии АФ СССР-ро роҳбарӣ мекард, омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи халқи тоҷик оғоз мешавад. Фаъолияти ин институт дар ин давр асосан ба идомаи омӯзиши амиқ ва ҳаматарафаи таърих ва мероси фарҳангии халқи

---

[1] Масов Р. Маркази илми таърихшиносии Тоҷикистон // Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1951-2011. Душанбе, 2014 (-448 с.). С.6.
[2] Якубов Ю, Филимонова Т. Вклад отдела археологии в изучение истории таджикского народа // Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1951-2011. Душанбе, 2014 (С.189-229). С.189.
[3] Академия наук Таджикской ССР. С.66.

тоҷик равона шуда буд. Академик Р. Масов (1939-2018) зикр мекунад. ки «то соли 1951 аз ҷониби Институти илмию таҳқиқотии таърих, забон ва адабиёт аз рӯи омӯзиши гузаштаи халқи тоҷик корҳои калон ба анҷом расид».[1]

Академик А.Мирзоев аз ибтидои фаъолияти хеш дар Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик шурӯъ мекунад. Сабаби асосии ба илми таърих таваҷҷуҳ зоҳир кардани А.Мирзоев агар аз як тараф масъулияти роҳбарӣ дар Институти таърих, археология, этнография, забон, луғат ва адабиёти филиали тоҷикистонии АФ СССР бошад, аз тарафи дигар аз ҳамкориҳои ӯ бо академик Б.Ғафуров оғоз мешавад. Дар ин солҳо академик Б.Ғафуров масъулияти омӯзиш ва таҳқиқи таърихи халқи тоҷикро ба зимма гирифта, олимони маъруфе, мисли А.А.Семёнов(1873-1958) ва М.С.Андреевро(1873-1948) аз Тошканд ба Душанбе даъват менамояд. Дар қатори ин олимон А.Мирзоев дар раванди ҷустуҷӯ ва омӯхтани сарчашмаҳои таърихӣ барои навиштани «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (1947)[2] ба академик Б.Ғафуров мусоидат карда, муҳарририи ин асарро ба зимма мегирад. Академик Б.А.Литвинский (1923-2010) дар мусоҳибааш бо хабарнигори Агенти байналмилалии иттилоотии «Фергане.Ру» М.Яновская аз 17 марти 2009 аз ҳамкориҳои академик Б.Ғафуров бо А.Мирзоев дар ин солҳо чунин мегӯяд: «Нахустин муҳаррири адабии китоб марди фозил дар адабиёти қадим ва муосири тоҷик академик Абулғанӣ Мирзоев буд. Ӯ он вақт бисёр маводи ҷолиберо аз манобеи таърихӣ ва «Шоҳнома» иқтибос оварда буд».[3]

Рисолаи «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и академик Б.Ғафуров

---

[1] Масов Р. Маркази илми таърихшиносии Тоҷикистон. С.7.
[2] Б. Ғафуров. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Ҷилди 1. Муҳарир. А. Мирзоев. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1947. -384 с.

[3] .Литвинский Б.А. Мы подарили таджикскому народу первую полноценную историю\ Б.А. Литвинский Международное информа-ционное агентство «Фергана» www.fergananews.com 17 марта 2009 г. Записала Мария Яновская.

ва нашри русии он дар соли 1949[1] аввалин таҳқиқоти маҷмӯӣ оид ба таърихи халқи тоҷик аст, ки А.Мирзоев, чунононе ки зикр шуд, дар таҳия ва нашри онҳо мусоидат намудааст.

Ба шарофати ҳамкориҳои А.Мирзоев бо академик Б.Ғафуров ӯ бо донишманди маъруф, аввалин директории Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи фанҳои Тоҷикистон академик А.А.Семёнов аз наздик ошноӣ пайдо мекунад, ки он сабаби дигари таваҷҷӯҳ намудани ин олим ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик мегардад. Бояд зикр кард, ки моҳи октябри соли 1949 Раёсати шӯъбаи Тоҷикистониии АФ СССР аз президенти АФ Узбекистон ва ректори Университети Осиёимиёнагӣ хоҳиш мекунад, ки ба хотири роҳбарӣ ба аспирантони Институти таърих, археология, этнография, забон, луғат ва адабиёт ва ҳамчунин хондани курси лексия аз таърихнигорӣ ва таърихи Осиёи Миёна ба донишҷӯёни тоҷик ба А.А.Семёнов иҷозат диҳанд, ки соле ду маротиба барои як моҳ ба Душанбе сафари хидматӣ намоянд.[2]

Бидуни шак барои даъвати А.А.Семёнов ба Душанбе барои ҳамкориҳои илмӣ нақши А.Мирзоев калон аст. Инро метавон аз номаҳои А.Мирзоев ба А.Семёнов ба дурусӣ эҳсос кард. Дар Фонди академик А.А.Семёнов ду номаи академик А.Мирзоев унвонии академик А.А.Семёнов ҳифз мешавад, ки далел бар муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои ин ду олим дар самти омӯзиши таърихи халқи тоҷик ҳисоб мeёбанд. Дар номаи аввал, ки А.Мирзоев дар таърихи 20 феврали соли 1948 навишта, ба А.А.Семёнов ба Тошканд ирсол кардааст, дар бораи мусоидат дар пайдо намудани девони Мулҳами Бухороӣ, ки онро А.А.Семёнов ба А.Мирзоев дастрас намудааст, сипосгузорӣ намуда, ба хати ниёгон чунин менависад: «Устоди азиз, Мулҳами Бухороиро кор карда баромадам. Дар бораи кумакҳое, ки

---

[1] Гафуров Б. Таърихи мухтасари халки точик. Ҷ.2. Муҳарир. А. Мирзоев. Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1949.- 385с.

[2] Литвинский Б.А., Акрамов Н.М. Александр Александрович Семенов. (Научно-биографический очерк). Москва, 1971. С.118.

доир ба пайдо кардани девони шоир ба банда расонидед, бисёрҳо муташаккирам. Ду китобе, ки фиристода будед, баъд аз истифода карда шудан, Зокируф ба Тошканд равона кард, ки албатта бояд расида бошад».[1]

Бояд гуфт, ки омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик, ки бахши ҷудонашавандаи таърихи халқи тоҷик аст, дар солҳои баъдиҷангӣ аз самтҳои муҳими илмҳои гуманитарӣ шуморида мешуд. Олимони тоҷик, аз ҷумла А.Мирзоев бо омӯзиши ҳаёти адабӣ, илмӣ ва фарҳангии тоҷикон дар асрҳои мухталиф, мақоми калидӣ доштани ононро дар таърихи минтақа ба исбот мерасониданд.

Дар идомаи номаи хеш А.Мирзоев менависад: «Асари Шумо «К вопросу о классовом составе…»-ро гирифтам. Ҳоло рафиқ Ғафуров нестанд. Дар баробари аз Маскав омадан, албатта аввал мартаба ба он кас нишон дода, пас дар масъалаи нашри он тараддуд хоҳам кард».[2] Ин ҳарфҳо бешубҳа аз ҳамкориҳои наздики ин ду олим гувоҳӣ медиҳанд.

Номаи дуюмро А.Мирзоев баъд аз чаҳор рӯз, яъне 24 феврали соли 1948 ба академик А.А.Семёнов навишта, ба Тошканд ирсол кардааст. Сабаби интизор нашудани ҷавоби номаи аввалӣ ва навиштани номаи дуюми худро А.Мирзоев чунин шарҳ медиҳад: «Устоди муҳтарам чи тавре ки аз рӯзномаҳо ба худи эшон маълум аст, ҳоло дар Маскав оид ба таъйин кардани ҳудуди адабиёти тоҷик «по вопро. сам. разграничения в тадж. литературе»[3] мубоҳиса давом дорад ва дар он ҷо дарояндаи наздик маҷлисе хоҳад шуд. Аз ҳамин сабаб материалҳои лозимаро аз ҳоло сар карда, ҷамъ намудан лозим шуд.

Чи навъе ки ба хотир доред, шумо соли гузашта дар вақти ба Истолинобод омадан худ дар як суҳбати шахсӣ ба банда гуфта будед, ки дар кадом китобе – сарчашмае дучор кардаед, ки халқи луҳри остони Мозандарон ва ҳатто то наздикии Теҳронро тоҷик ҳастанд гуфта

---

[1] Архив Института истории, археологии и этнографии АН РТ. Фонд А.А.Семёнова. Опись №3. Ед. хранения 14. Л. 25.

[2] Архив Института истории, археологии и этнографии АН РТ Фонд А.А.Семёнова. Опись №3. Ед. хранения 14. Л. 25-26.

[3] Дар нома ин калимаҳои русӣ чунин кутоҳ навишта шудаанд.

шудааст. Шумо номи сарчашмаи мазкурро низ ба банда гуфта будед, вале фаромӯш кардам.

Аз ҳамин сабаб аз устоди мухтарам хоҳишмандам, ки номи ҳамон сарчашма ва фикри худи эшонро доир ба ин масъала навишта, фиристонед. Чунки бе кумак ва ёрмандии устод аз ин сарчашма хабардор шудан мумкин нашуд. Дигар саломатӣ аст. Мунтазири ҷавоб ва хидмати устодам».[1]

Чуноне ки аз навиштаҳои олим маълум мешавад, ин замон талошҳо ва кӯшишҳои олимони тоҷик, аз ҷумла А.Мирзоев барои исботи ҳақиқати таърихи халқи тоҷик қувват мегирад, ки сарварии онро академик Б.Ғафуров ба зимма дошт.

А.Мирзоев чун роҳбари институт ба муаррихон ва бостоншиносон бо дарназардошти имконоти он замон шароит муҳайё месозад, ки омӯзиши таърихи халқи тоҷик ба таври бояду шояд идома ёбад. Ин буд, ки экспедитсияи бостоншиносии суғдӣ-тоҷикиро, ки А.Ю.Якубовский (1886-1953) роҳбарӣ мекард, барояш муяссар шуд, ки гурӯҳи калони бостоншиносон ва шарқшиносонро ҷамъ оварад ва корҳои муҳими илмӣ-таҳқиқотиро анҷом диҳанд. Аз ҷумла бо сардории А.Ю. Якубовский соли 1946 омӯзиши таърихи Кӯҳистони Мастчоҳ ва Фалғар, ки дар маркази он гузаронидани ҳафриётҳо дар Панҷакент қарор дошт, шурӯъ мешавад. Ин таҳқиқотҳо солҳои 1947-48 дар ин минтақа аз ҷониби О.И.Смирнова(1910-1982) идома меёбанд.[2] Дар бораи ин ковишҳои бостонӣ А.Мирзоев менависад: «Соли 1946 экспедитсия дар саргаҳи водии Зарафшон, водии Ҳисор, Вахш ва қисми Кӯлоб корҳои ҷустуҷӯи таҳқиқотӣ гузаронида, объектҳои дар оянда тадқиқот мегузаронидагии худро бо фактҳои сарчашмаҳои хаттӣ санҷида истода муайян намуд».[3]

---

[1] Архив Института истории, археологии и этнографии АН РТ. Фонд А.А.Семёнова. Опись №3. Ед. хранения 14. Л. 27-28.

[2] Якубов Ю, Филимонова Т. Вклад отдела археологии в изучение истории таджикского народа. С.190.

[3] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. С.207.

Соли 1948 А.П.Окладников(1908-1981) дар қаламрави Тоҷикистон ба омӯзиши асри санг оғоз мекунад. Соли 1949 А.Мирзоев дар Панҷакент пойгоҳ (база)-и бостоншиносӣ ташкил намуд, ки он то кунун фаъолият дорад. Ба шарофати ин фаъолиятҳои ташкилӣ буд, ки баъдан Панҷакенти бостонӣ ҳафриёт шуд ва Саразм кашф гардид. Бозёфтҳои бостонии Панҷакент акнун на танҳо толори осорхонаҳои Тоҷикистон, инчунин эрмитажи Ленинградро зеб дода, таърихи умумиинсониро ғанитар гардонданд.

Соли 1950 зарурати масъалаи пажӯҳишҳои мардумшиносӣ дар Тоҷикистон пеш омад. Бо ҳамкории донишмандони мардумшиноси рус Н.А.Кисляков, (1901-1973) Е. М. Пешероват(1930-2000) ва М.И. Потапов (1902-1965) ходимони институт Н.Н. Ерошов,(1904-1985) Н.Х. Нурҷонов ва А.К. Писарчик (1920-1990) ба маҳалҳои гуногуни Помир, Дарвоз, Фарғона сафарҳо карда, доир ба масъалаҳои гуногуни мардумшиносӣ маводҳои муҳим гирд оварда, асарҳои арзишманди илмӣ навиштанд.

А.Мирзоев соли 1951 мақолаеро бо номи «Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт» ба нашр мерасонад.[1] Ин мақола, чуноне ки А.Мирзоев ишора мекунад, як навъ ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Институти таърих, археология, этнография, забон, луғат ва адабиёт дар замони роҳбарии ӯ ба ҳисоб меравад.[2]

Ин мақоларо А.Мирзоев, чуноне ки дар зер гуфта мешавад, дар сабки таҳлили асарҳои илмии таърихӣ, яъне таърихнигорӣ навиштааст ва онро метавон аз шумори аввалин таҳқиқотҳои таърихнигорӣ дар Тоҷикистон маҳсуб донист. А.Мирзоев бо навиштани ин мақола ба исбот расонидааст, ки на танҳо донандаи хуби таърихи халқи тоҷик, инчунин муҳаққиқи ин таърих низ ба шумор меравад.

---

[1] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт // Тараққиёти фан дар Тоҷикистон. Асарҳои филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои СССР. Ҷилди 27. Сталинобод, 1951. С.201-209.
[2] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. С.201-202.

Дар ин мақола муаллиф аз омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар гузашта ёд карда, аз нақши шарқшиносони рус ва аврупоӣ дар ин самт чунин менависад: «Сарзамини тоҷикон, таърихи он ва муносибатҳои тиҷоратӣ ва сиёсии бо дигар мамлакатҳо доштаи онҳо ва дигар мурдуми Осиёи Миёна ҳанӯз аз нимаи авали асри XIX сар карда, диққати шарқшиносонро ба тарафи худ кашида буд. Аз соли 1843 сар карда, то охирҳои асри XIX монанди А.Н.Хаников, (1896-1948) А.Попов, (1859-1906) П.П.Шубинский, (1834-1913) А.Вамбери,(1832-1913) Н.П.Минаев, (1840-1890) В.В.Григорев, (1816-1881) А.Д.Гребенкин, (1840-1888) Веляминов-Зернов (1885-1951) оид ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти халқҳои Осиёи Миёна асарҳои махсусе нашр карданд».[1]

Академик А.Мирзоев аз идома ёфтани таҳқиқи таърихи халқҳои Осиёи Миёна аз ҷониби шарқшиносони рус дар ибтидои асри XX ишора карда, нақши калидии академик В.В.Бартолдро(1859-1930) дар замина чунин таъкид мекунад: «Яке аз хизматҳои калони В.В.Бартолд аз ин иборат шуда, ки ӯ сарчашмаҳои муҳими таърихии арабӣ, тоҷикӣ ва юнониро ҳартарафа санҷида баромада, оид ба таърихи халқҳои Осиёи Миёна аввалин дафъа асарҳои муҳими илмӣ-таҳқиқотиро пешниҳод карда тавонист».[2] Муаллиф дар идома асарҳои дар ин мавзӯъ офаридаи В.В.Бартолдро номбар карда, аз ҷумла менависад: «В.В.Бартолд дар «Оид ба таърихи эпоси порсӣ» ном асари худ ба далелҳои илмӣ исбот кардааст, ки эпоси порсӣ дар Эрони Шарқӣ – дар сарзамини тоҷикон ба вуҷуд омадааст».[3]

А.Мирзоев дар ин мақолаи хеш ба масъалаи бисёр муҳим – сокинони муқимӣ будани тоҷикон дар қаламрави Осиёи Миёна, ки имрӯз низ дар атрофии ин масъала баҳсҳои гарм вуҷуд дорад ва таърихнависони кишварҳои ҳамсоя бо ғараз дар бораи он менависанд, дахл карда, мегӯяд: «Масъалаҳое, ки таърихнависони буржуазӣ пеш аз ҳама аҳамият дода буданд, иборат аз омӯхтани таърихи санъат, одатҳои

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 202.
[2] Ҳамон ҷо. С.202.
[3] Ҳамон ҷо. С.202.

динӣ, таърихи ҷангҳои феодалӣ ва мамлакатгирӣ ва монанди инҳо буд. Инчунин онҳо ба халқи тоҷик на ҳамчун на як халқи маҳаллии соҳиби маданияти бои қадими ин ҷо, балки ҳамчун мардуми дар Осиёи Миёна афтода мондаи халқи Эрон назар мекарданд».[1]

Дар ин гузориш А.Мирзоев аз сиёсати дурусти омӯзиши таърих ва соҳаҳои дигари зиндагии тоҷикон баъд аз таъсиси РСС Тоҷикистон дар ҳайати СССР таъкид карда, дар натиҷаи талаботи замон таълиф шудани асарҳои муҳими илмӣ дар таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёнаро аз ҷониби донишмандоне чун В.В.Бартолд, (1869-1930) А.А.Семёнов, (1873-1958) С.Айнӣ,(1878-1954) Б.Ғафуров, (1909-1977) А.Ю.Якубовский, (1886-1953) С.П.Толстов, (1907-1976) А.В.Пянков, (1890-1970) М.Е.Массон, (1897-1986) И.И.Умняков(1890-1976) ва дигарон бо зикри асарҳояшон ёдрас намуда, қайд мекунад, ки «омӯхтани таърихи тоҷикон ва Тоҷикистон дар давраҳои аввали ташкил шудани республикаҳои миллӣ дар муборизаҳои сахт бар зидди ҳаракатҳои пантуркистӣ, панисломӣ, миллатпарастии буржуазӣ ва дигар ҳаракатҳои зидди советӣ давом кард».[2]

А.Мирзоев баъзе асарҳои олимони зикршударо мухтасаран таҳлил намуда, баҳои илмӣ дода, муайян кардааст, ки дар ин давра таҳқиқотҳои анҷомшуда дар илми таърих «бештар барои донистани моҳияти ҷунбишҳои халқӣ, муайян кардани моҳияти структураи сотсиалӣ-экономикии давраҳои муайяни ҳаёти ҷамъияти халқҳои ин сарзамин ва дар ин асос ба давраҳо тақсим намудани таърихи онҳо равона карда шуд».[3]

Муаллиф чуноне ки зикр мекунад, бештар ба он таҳқиқотҳое таваҷҷуҳ карда, баҳо додааст, ки дар бист соли охир, яъне солҳои (1931-1951) офарида шудаанд. Аз ҷумла менависад: «С.П.Толстов (1907-1976) дар «Масъалаҳои асосии таърихи қадими Осиёи Миёна» ном мақолаи

---

[1] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. С.203.
[2] Ҳамон ҷо. С.204.
[3] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. С.204.

худ ба тарзи умумӣ бошад ҳам, масъалаи ба давраҳо тақсим намудани таърихи халқҳои Осиёи Миёнаро ба майдон гузошт. Дар соли 1940 «Проблемаи тохарҳо» ном мақолаи И.И.Умняков (1890-1976) нашр гардид, ки барои омӯхтани таърихи гузаштагони халқи тоҷик як қатор масъалаҳоро равшан кард. Дар як қатор асарҳои А.Ю.Якубовский (1886-1953) соҳаҳои сарбастаи давраи баъд аз истилои араб равшан гардид».[1] А.Мирзоев дар идома асарҳои дигари А.Ю.Якубовский, (1886-1953) мисли «Шӯриши Торобӣ» дар соли 1238 дар Бухоро бар зидди истилогарони муғул ва «Замони Ибни Сино»-ро, ки масоили таърихии замони Сомониён ва баъди онро тасвир кардааст, зикр карда, ин асарҳоро дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик муҳим донистааст.

Ба баррасии осори таҳқиқии таърихии офаридашуда дар ин давр пардохта, А.Мирзоев аз мақолаи П.П.Иванов (1893-1942) «Шӯриши хитой-қипчоқҳо дар солҳои 1821-1825» зикр намудааст, ки муаллиф ба назари А.Мирзоев вазъияти умумии аморати Бухоро дар ибтидои асри XIX ва сабабҳои рух додани ин шӯришро бо далелҳои эътимодбаш баён мекунад. А.Мирзоев менависад, ки шарқшиноси маъруф А.А.Болдирев (1896-1941) дар асоси асари «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии Осиёи Миёнаро дар асрҳои XV-XVI равшан тасвир кардааст.[2]

Аз идома ёфтани таҳқиқотҳои таърихӣ дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ таъкид карда, А.Мирзоев ҳадаф аз навиштани ду асари устод С.Айнӣ (1878-1954) «Исёни Муқаннаъ», «Темурмалик» ва асари Б.Ғафуров(1909-1977) ва Н.Прохоров (1877-1930) «Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ»-ро ба «дастраси аҳли фан ва омма гардонидани масъалаҳои таърихӣ бо нишон дода гузаштани фаъолияти қаҳрамонони гузаштаи халқи тоҷик» вобаста медонад ва хулоса мекунад, ки «ин се асар дар давраи ҷанг барои

[1] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. С.204-205.
[2] Ҳамон ҷо. С.205.

рӯҳбаланд гардонидани аскарони сурхи тоҷик роли муҳиме бозид».[1]

А.Мирзоев дар миёни ин ҳама таҳқиқотҳои таърихӣ, ба китоби академик Б.Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», чуноне ки зикр шуд, худ муҳарририи онро ба зимма дошт, таваҷҷуҳи махсус дода, онро аз «асарҳои муҳим ва қобили диққати таърихӣ» ном бурда, менигорад: «Муаллиф дар ин асари худ муваффақиятҳое, ки оид ба таърихи Тоҷикистон то кунун ба даст омада буданд, ҷамъбаст намуда, гузаштаи халқи тоҷик ва дигар мардуми ин сарзаминро дар давраҳои муайяни таърих тақсим намуда, таҳлил кардааст ва гуфтан мумкин, ки ин асар дар масъалаи ба як системаи муайян додани таърихи тоҷикон аввалин асар мебошад. Нусхаи русии ин аср, ки дар рӯзҳои наздик дар Москва ба чоп мебароя муваффақиятҳои баъдинаи таҳқиқотҳои таърихӣ-археологӣ, адабӣ ва этнографиро низ дар бар гирифтааст».[2]

Масъалаи дигаре, ки А.Мирзоев дар илми таърих муҳим будани онро таъкид мекунад ва ба қавли ӯ «дар равшантар шудани таърихи халқамон роли калон бозида омадааст»[3] дар он солҳо гузаронидани ҳафриётҳои бостоншиносӣ дар қаламрави Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бояд зикр кард, ки президиуми Академияи фанҳои СССР соли 1945 барои омӯхтани таърихи Тоҷикистон гузаронидани экспедитсияҳои густурдаи бостоншиносиро дар плани панҷсолаи фаъолияти худ дохил намуда буд. Ба ин экспедитсияи бостоншиносӣ, чуноне ки зикр шуд, аъзо-корреспонденти АФ СССР А.Ю.Якубовский роҳбарӣ мекард.[4]

А.Мирзоев дар ин самти фаъолияти омӯзиши таърихи халқи тоҷик аз дастовардҳои олимони бостоншинос сухан карда, аз муҳим будани анҷоми кофтуковҳои бостоншиносӣ чунин ибрози назар мекунад: «Сарзамини тоҷикон мамлакати дорои осори маданияти бои қадим аст, санҷидани харобаҳои ҷои истиқоматии гузаштагони халқи тоҷик, ки

[1] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. С.205.
[2] Ҳамон ҷо. С.206.
[3] Ҳамон ҷо. С.206.
[4] Ҳамон ҷо. С.207.

дар кӯҳистон ва саҳроҳои ин мамлакат пай дар пай дучор мегарданд, барои чуқуртар омӯхтани маданияти қадими ин ҳалқ ва дигар халқҳои ҳамсоя ба аҳамияти калоне соҳиб мебошанд».[1]

Бо вуҷуди ин ки, - менависад А.Мирзоев, - қаламрави Тоҷикистон аз нуқтаи назари таҳқиқотҳои бостоншиносӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқонро аз охирҳои асри XIX ба худ кашида буд, аммо бостоншиносӣ дар РСС Тоҷикистон ба низоми муайяни таҳқиқ даромада, давлат ва ҳукумат ба чунин корҳо аҳамияти бештаре дод, ки дар натиҷа бозёфтҳои муҳим ҳангоми анҷоми ҳафриётҳо ба даст омаданд.[2] Дар робита ба ин А.Мирзоев аз кашфи бошишгоҳҳои давраи палеолитӣ ва бозёфти устухонҳои кӯдаки неандерталӣ, ки соли 1938 аз тарафи профессор А.П.Окладников(1908-1981)дар наздикии Бойсун (ғори Тешиктош) пайдо гардида ва осори давраи палеолитӣ, ки дар ғарби кӯҳи Боботоғ бостоншинос Г.Е.Парфёнов (1920-2000)ба даст оварда буд, ибрози назар карда, аз ин кашфиётҳо чунин хулоса мекунад, ки дар қисмати марказӣ ва ҷануби Тоҷикистон низ ин гуна осори қадими маданиро пайдо кардан мумкин аст.[3] Ин пешгӯии академик А.Мирзоевро кофтуковҳои бостоншиносии дар солҳои минбаъда анҷомёфта дар марказ ва ҷануби Тоҷикистон ба исбот расонид. Гурӯҳи бостоншиносон бо сарварии доктори илмҳои таърих, аъзо-корреспонденти АИ Тоҷикистон В.А.Ранов (1924-2006) дар самти омӯзиши ин давраи таърихии зикрнамудаи А.Мирзоев кофтуковҳои зиёди бостоншиносӣ анҷом дода, бошишгоҳҳои зиёдеро дар марказ ва ҷануби Тоҷикистон кашф намуданд, ки ба давраи палеолит (асри қадими санг), мезолит (асри миёнаи санг) ва неолит (асри нави санг) рост меоянд. Аз ҷумла, бошишгоҳи Хуҷӣ дар 40 километрии ғарби шаҳри Душанбе, дар шимолу ғарби деҳаи Хуҷии Болои ноҳияи Шаҳринав,[4] бошишгоҳи

---

[1] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. С.207.
[2] Ҳамон ҷо. С.207.
[3] Ҳамон ҷо. С.207.
[4] Ранов В.А., Амосова А.Г. Раскопки мустьерской стоянки Худжи в 1978 г. // Археологические работы в Таджикистане. – Душанбе, 1984. – Вып. XVIII (1978 г.). – С. 172-185; Ранов В.А., Худжагелдиев Т.У. Техно-типологический анализ пластин мустьерской

Симиганҷ дар 30 километрии шарқи шаҳри Душанбе,[1] бошишгоҳи навъи ғори Оғзи-Кичик дар 17 километрии шимолу шарқи шаҳраки Данғара,[2] бошишгоҳи шакли кушодаи Қара-Бура- дар соҳили чапи дарёи Вахш, дар наздикии деҳаи Дӯстӣ ва дар 37 километрии ҷанубу ғарби шаҳри Бохтар,[3] бошишгоҳи Оқҷар, наздики деҳаи Оқҷар, дар соҳили рости дарёи Вахш,[4] бошишгоҳи Ғофилобод дар канораи ҷанубу ғарбии деҳаи Ғофилобод ва 4.5 километрии шимолу ғарби Муъминобод[5] ва ғайра ба ин давраи таърихӣ мансубанд.

Солҳои 1947-48 дар Панҷакенти қадим ва мавзеи Тупхонаи Ҳисор ҳафриётҳои бостоншиносӣ идома меёбад. Натиҷаи ин ҳафриётҳоро А.Мирзоев хуб арзёбӣ карда, қайд мекунад, ки «Дар Панҷакенти кухна дар тахти роҳбарии сардори экспедитсия А.Ю. Якубовский,(1886-1953) археолог А.И.Тереножкин (1907-1981) ва А.М.Беленитский (1904-1993) дар ҷойи арк ва шаҳри қадим тадқиқоти заминковӣ гузаронида шуда, хеле осори маданӣ, ки ба давраи пеш аз истилои араб тааллуқ доранд, ба даст даромад. Аз ҷумла дар соли 1947 як бинои ибодатхонамонанд кушода шуд, ки бо сохти худ дар масъалаи омӯхтани тарзи меъмории давраи пеш аз исломӣ ба аҳамияти калоне соҳиб мебошад»[6] ва дар идомаи тавсифи бозёфтҳои бостоншиносӣ дар соли 1948 аз Панҷакент менависад, ки соли 1948 кори ҷустуҷӯи дар бинои мазкур идома ёфта, ибодатхонаи дигар бо деворҳои нақшунигордошта кашф гардид, ки ин тасвирҳо «назар ба ҳамин гуна тасвирҳои қадим, ки дар тадқиқотҳои археологӣ дар Осиёи Миёна ёфт шуда буданд, мукаммалтар аст ва аз

---

стоянки Худжи // Человек и пространство в культурах каменного века Евразии. Новосибирск, 2006. С. 139-150.

[1] Ранов В.А., Несмеянов С.А. Палеолит и стратиграфия антропогена Средней Азии. Душанбе, 1973. С.76-77.

[2] Ранов В.А., Несмеянов С.А. Палеолит и стратиграфия антропогена Средней Азии. Душанбе, 1973. С.79.

[3] Ранов В.А. Каменный век // История таджикского народа. – Душанбе, 1998. Т.I: древнейшая и древняя история. С. 45-123.

[4] Ранов В.А., Несмеянов С.А. Палеолит и стратиграфия антропогена Средней Азии. Душанбе, 1973. С.71-73.

[5] Хуҷагелдиев Т.У. Асрори замони асри санг дар Муъминобод // Мероси ниёгон. – №20. 2018. С. 42.

[6] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. С.208.

нуқтаи назари санъати наққошии худ низ аз онҳо баландтар меистад».[1] Ба назари А.Мирзоев ин кашфиёт на танҳо барои таърихи маданият ва санъати халқи тоҷик, инчунин барои таърихи дигар халқҳои Осиёи Миёна аз аҳамияти бузурге бархурдор аст.[2]

А.Мирзоев аз ҳафриётҳои дар соли 1948 дар мавзеи Тупхонаи Ҳисор анҷомдодаи М.М. Дьяконов натиҷа гирифта, зикр мекунад, ки аз ин бозёфтҳо метавон хулоса намуд, ки дар ин сарзамин аҷдоди тоҷикон аз қадимулайём зиндагӣ менамудаанд.[3]

Ҷустуҷӯйҳои муқаддамотии бостоншиносии А.П.Окладников дар ноҳияи Куктош (Рӯдакии ҳозира), водии дарёи Кофарниҳон ва Варзобро дар соли 1948 А.Мирзоев натиҷабахш меҳисобад, ки дар асари он 10 бошишгоҳи рӯкушодаи давраи аввали палеолит кафш гардиданд.[4]

Корҳои ҳафриётии дар тӯли солҳои 1946-50 анҷомдода дар қаламрави Тоҷикистонро А.Мирзоев натиҷагирӣ намуда, менависад: «муваффақияти кори чорсолаи зкспедитсия хеле калон буда, амалиёти ӯ ба куллӣ дар роҳи як мақсади асосӣ – омӯхтани Тоҷикистон равона карда шудааст. Дар протсеси кори экспедитсия тайёр карда шудани кадрҳои археологӣ, махсусан аз байни халқои маҳаллӣ ба ояндаи дурахшон доштани тадқиқотҳои археологии Тоҷикистон боз як далели равшан мебошад».[5]

А.Мирзоев мардумшиносиро як бахши муҳими омӯзиши комили таърихи ҳар миллат, аз ҷумла тоҷикон дониста, олимони русро дар саргаҳи таҳқиқотҳои мардумшиносии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ҳисобида, бо ташаббуси шахсони алоҳида гузаронидани ин таҳқиқотҳоро зикр намуда, хусусияти тасодуфӣ доштани онҳоро дар ин марҳила таъкид карда, менигорад: «Ташкил гардидани зиндагонии нав

---

[1] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. С.208.
[2] Ҳамон ҷо. С.208.
[3] Ҳамон ҷо. С.208.
[4] Ҳамон ҷо. С.208.
[5] Ҳамон ҷо. С.208.

асоси корҳои этнографиро тағйир дода, онро тамоман ба қатори яке аз корҳои давлатӣ дохил кард ва барои вусъат ёфтани доираи он тамоми имкониятҳои мувофиқро ба амал овард».[1]

Дар омӯзиши урфу одат ва анъанаҳои тоҷикони кӯҳистон ва водиҳо А.Мирзоев аз нақши муҳими олимони рус ва шӯравӣ А.Гребенкин, (1881-1942) А.А.Бобринский,(1852-1927) П.Е.Кузнецов, (1920-1992) И.А.Кастанье, (1868-1938) Н.Г.Маллицкий, (1873-1947) А.Шишов, М.С.Андреев, (1873-1948) А.А.Семёнов, (1873-1958) Е.М.Пещерева (1930-2000) ва И.И.Зарубин(1887-1964) бо зикри асарҳои онҳо ёд мекунад.

Дар ин гузориши худ академик А.Мирзоев оид ба Зардушт ва ойини ӯ ибрози андеша карда, дар ин замина асари офаридашудаи академик В.В.Струве (1889-1965) «Ватани зардуштия» («Родина зороастризма»)-ро, ки соли 1945 нашр шудааст, баррасӣ карда, андешаи муаллифро дар бораи ойини зардуштия ва хусусиятҳои демократии он, ки на дар Ғарби Эрон, балки дар Шарқи Эрон-дар ватани тоҷикон пайдо шудааст, ҷонибдорӣ намуда,[2] ба ин назар аст, ки осори зиёди мадании пайдошуда аз Шарқи Эрон ва Осиёи Миёна далолат бар зуҳури Зардушт ва ойини ӯ аз ин минтақа мекунад.[1]

Академик А.Мирзоев то замоне ки роҳбарии Институти таърих, археология, этнография, забон ва адабиёти шӯъбаи Тоҷикистонии АФ СССР-ро ба ухда дошт, талошҳои зиёдеро дар ташаккули ин ниҳоди илмӣ намудааст. 14 апрели соли 1951 бо қарори КМ ПК (б) Тоҷикистон, Президиуми Совети Олӣ ва Совети вазирони РСС Тоҷикистон Академияи фанҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис меёбад, ки аз ду шӯъба: шӯъбаи табиатшиносӣ ва фанҳои ҷамъиятӣ иборат буд. Дар шӯъбаи фанҳои ҷамъиятӣ Институти таърих, археология, этнография, забон ва адабиёт ва Шӯъбаҳои иқтисод ва фалсафа дохил мешуданд. Академик А.Мирзоев аз моҳи апрел то таъйин шудани академик

---

[1] Ҳамон ҷо. С.209.
[2] Ҳамон ҷо. С.205-206.

А.А.Семёнов дар таърихи 29 августи соли 1951 ба сифати директори Институти таърих, археология, этнография[1], роҳбари ин муассисаи илмӣ шуда кор кард.

Хулоса, академик А.Мирзоев дар радифи аввалин олимоне қарор дорад, ки ба омӯзиши ҳаматарафаи таърихи халқи тоҷик дар даҳаи солҳои сиюм ва чилуми асри бистум оғоз кардаанд ва заминаи боэътимоди илмии онро гузоштаанд. А.Мирзоев дар замони роҳбарияш дар Институти таърих, археология, этнография, забон ва адабиёт шӯъбаи Тоҷикистонии АФ СССР бо дастгирии академик Б.Ғафуров ва ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмии Москва ва Ленинград бо дарназардошти имконоти мавҷудаи он замон дар институти мазкур фазои мусоидеро фароҳам меовардад, ки донишмандони зиёда аз муассисаҳои илмии СССР ба Тоҷикистон даъват мешаванд ва ба омӯзиши густурдаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшисносии халқи тоҷик оғоз менамоянд. Ҳамкорӣ бо академик Б.Ғафуров ва дигар олимони соҳаи таърихи халқи тоҷик, шиносоӣ бо сарчашмаҳои таърихӣ, инчунин масъулияти роҳбарӣ дар институти мазкур боис мегардад, ки А.Мирзоев ба таври ҷиддӣ ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик машғул шавад. Бо вуҷуди он ки баъдан самти фаъолияти илмиро асосан дар соҳаи адабиётшиносӣ ва шарқшиносӣ идома медиҳад, аммо аз таҳқиқи таърихи халқи тоҷик канора намеравад ва ба ҳангоми баррасии масъалаҳои адабиётшиносӣ ва шарқшиносии ин ва ё он давр, нахуст ба таҳлили авзои сиёсӣ ва иҷтимоии он мепардозад ва вазъи адабиёту фарҳангро дар робита бо авзои сиёсӣ ва иҷтимоӣ он тавъам баррасӣ менамояд. Ин услуби таҳқиқ баъдан аз ҷониби иддаи зиёде аз шогирдони А.Мирзоев давом дода мешавад.

---

[1] Мирзоев А. Ҷамъбаст ва вазифаҳои навбатии мо дар соҳаи таърих, археология, этнография, забон, луғатсозӣ ва адабиёт. С..207.

## II.2. Бозтоби масоили таърихи сиёсии давлати Сомониён дар осори академик А. Мирзоев

Дар солҳои панҷоҳуми асри XX дар меҳвари таҳқиқи муаррихон ва шарқшиносони Тоҷикистон таърихи давлати Сомониён (819-1005) мавриди омӯзиш ва баррасии ҷиддӣ қарор гирифт, ки яке аз пештозони ин раванд академик А.Мирзоев ба ҳисоб меравад. Вазоифи муҳиме, ки он замон донишмандон дар баробари омӯзиши таърихи сулолаи Сомониён гузоштанд, ин муайян кардани насаби Сомониён, мушаххас намудани сабабҳои заифшавӣ ва суқути давлати Сомониён дар Хуросону Мовароуннаҳр дар садаҳои IX-X, омӯзиши низоми идории давлати Сомониён, баррасии заминаҳои ташаккули миллати тоҷик дар ин аҳд, рафшан кардани  масоили фарҳанг ва ҳунар буд, ки дар зимн онон ба дастовардҳои арзишманди илмӣ ноил гаштанд.

Ба ифтихори ҳазору садсолагии қофиласолори адабиёти тоҷику форс Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, (858-941) ки соли 1958 дар Душанбе ҷашн гирифта шуд, ба академик А.Мирзоев вазифаи таълифи китобе оид ба замон, ҳаёт, фаъолияти адабӣ ва мақоми таърихии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби кумитаи омодагиҳо ба ҷашн дода шуда буд. Академик А.Мирзоев муваффақ шуд, то дар рӯзҳои ҷашн рисолаи «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ»-ро чун тухфаи ҷашнӣ ба ширкаткунандагони симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1100 солагии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ пешкаш кунад.[1]

Он чи марбут ба асари бунёдии А.Мирзоев «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» мешавад, метавон гуфт, ки ин асар хулосаи тамоми пажӯҳишҳои дар солҳои 50-уми асри гузашта анҷомдодаи муаррихон ва шарқшиносон роҷеъ ба таърихи фарҳанги замони Сомониён маҳсуб мешавад. Дар офаридани ин асар А.Мирзоев худро ба унвони муҳаққиқи нуктасанҷ ва ботаҷриба нишон дод, ки дар доираи назари ӯ на танҳо масоили

---

[1] Архив Института истории, археологии и этнографии АН РТ. Фонд А.А.Семёнова. Опись 2/40. Л.33.

таърихи фарҳанги мардуми тоҷик, ҳамчунин пажӯҳиши масъалаҳое чун вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ин давр низ шомил гардиданд. Танҳо пас аз омӯзиш ва таҳлили комили давраи таърихии адабиёт А.Мирзоев иқдом ба тадқиқи шарҳи ҳол ва мероси адабии ин ва ё он адиб мепардохт. Ин услуби хуби пажӯҳиши таърихию адабӣ, ки аз ҷониби А.Мирзоев дар адабиёти шӯравии тоҷик поягузорӣ гардид, дар солҳои баъдӣ аз ҷониби дигар олимон чун меъёри таҳқиқоти илмӣ пазируфта шуд ва идома пайдо кард. Шояд чунин муносибат ба омӯзиши масъалаи мавриди пажӯҳиш буд, ки теъдоди зиёде аз донишмандони адабиётшинос дар таҳқиқи мавзӯъҳои таърихӣ комёб гардиданд. Ин ибтикор аз ҷониби А.Мирзоев дар асараш «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» оғоз гардид.

А.Мирзоев дар боби «Замони Рӯдакӣ»-и асари худ ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, вазъи куллӣ дар Мовароуннаҳру Хуросонро то оғози забткориҳои араб таҳқиқ намуда, роҷеъ ба масоиле чун аввалин футӯҳоти аъроб, фатҳи Мовароуннаҳр, муқовимати мардумони маҳаллӣ, ҷунбишҳои озодибахши миллӣ, самти нави сиёсати хилофат дар идораи кишвар ва ба сари қудрати вилоятҳои Мовароуннаҳр омадани намояндагони хонадони ашрофи маҳаллӣ чун Тоҳириёну Сомониён ва ғайра сухан меронад.[2] Муҳаққиқ дар ин боб нахуст руҷӯе ба вазъи Мовароуннаҳри то истилои араб намуда, бо такя ба ахбори манобеи таърихӣ, аз ҷумла «Китобу-л-масолик ва-л-мамолик»-и Истахрӣ ва осори илмии то он замон нашршудаи Б.Ғафуров, (1909-1977) А.Ю.Якубовский (1886-1953) ва дигарон карда, аз рушди кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва истихроҷи маъдан дар ин сарзамин маълумот медиҳад. Дар ин замон бофандагӣ, шоҳибофӣ, чармгарӣ, кулолӣ ва истеҳсоли шиша назар ба давраҳои гузашта дар Мовароуннаҳр хеле пеш рафта буд, -менависад А.Мирзоев ва идома медиҳад, ки: «шишае, ки дар Самарқанд истеҳсол карда мешуд, хеле шухрат пайдо карда буд. Дар

---

[1] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. - 276 с.
[2] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С.7-25.

маҳалҳои гуногуни Мовароуннаҳр тилло, фулузот, намак, ангиштсанг истеҳсол карда мешуд».[1]

Аз муносиботи тиҷоратии Мовароуннаҳр дар ин замон бо Чин ва Ҳиндустон ёд карда, А.Мирзоев зикри бист корвони тиҷоратиро ба Чин байни солҳои 627-647 аз Самарқанд ва ноҳияҳои атрофи он мекунад.[2] Ба назари А.Мирзоев чунин пешрафти ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон, шароити хуби иқлим барои зироат, боғпарварӣ ва чорво дар ин сарзамин боис мешавад, ки «истилогарони араб ҳанӯз аз ҳамон рӯзҳои аввалини ба Нишопур расидани худ, дар қасди забт намудани ин сарзамин афтода бошанд».[3]

Сабаби аз ҷониби арабон ишғол кардани Мовароуннаҳрро А.Мирзоев аз парокандагии сиёсӣ, ба давлатҳои хурд тақсим шудани он, муносибатҳои хасмона миёни ин давлатҳои хурд мебинад, ки аз ин вазъи мусоид фиристодаи хилофати араб Қутайба ибни Муслим (705-715)истифода мекунад ва Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо ишғол мегардад.[1]Дар зербоби «Мубориазаҳои сиёсӣ-озодихоҳӣ» аз шӯришҳои мардумӣ бар зидди арабҳо: шӯриши мардуми Хатлон дар соли 108 ҳ.қ. /726, шӯриши мардумии соли 110 ҳ.қ. /728 дар Суғд, ки то соли 119 ҳ.к/737 идома меёбад, шӯриши Абӯмуслими Хуросонӣ, ки соли 127 ҳ.қ. /747 дар Марв оғоз шуда, соли 750 ба шикасти Умавиён(660-750) сабаб мешавад, шӯриши Шарик ибни Шайхулмеҳрӣ дар соли 133 ҳ.қ./750-51 дар Мовароуннаҳр, шӯриши Синбод дар соли 755 барои қатли Абӯмуслим аз ҷониби Аббосиён, шӯриши Устод Сис дар Ҳирот дар соли 761, ки то соли 768 идома дошт, шӯриши Муқаннаъ,(776-784) ки ҳадафи асосиаш аз Мовароуннаҳру Хуросон берун кардани Аббосиён (750-1258) буд ва ғайра зикр карда, ба хулосае мерасад, ки мубориза бар зидди истилогарони араб аз охирҳои асри VII дар Мовароуннаҳру Хуросон оғоз шуда, дар замони ҳукумати Аббосиён хусусияти сиёсӣ ба худ мегирад. «Ҳаракати шуубия, ки дар ин вақт дар байни одамони бо

---

[1] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С.8.
[2] Ҳамон ҷо. С.9.
[3] Ҳамон ҷо. С.9.

маърифати мамлакатҳои забтшуда қувват гирифта буд, ба вусъат ёфтани фикрҳои истиқлолиятталабии мардум низ таъсири калоне мерасонад»,- мегӯяд А.Мирзоев.[2]

А.Мирзоев дар ин боб ба таври мухтасар дар бораи дар аҳди хилофати Маъмун, ки хукумронии Хуросон ба дасти Ғассон ибни Ибод афтода буд, менависад, ки фарзандони Асад: Нӯҳ(819-842) ба ҳокимияти Самарқанд, Аҳмад (842-864) ба ҳокимияти Фарғона, Яҳё (842-856)ба ҳокимияти Шошу Усрушана, Илёс ба ҳокимияти Ҳирот мерасанд ва дар замони ҳукумронии Тоҳириён (821-873) фарзандони Асад ибни Сомонхудот ҳамчун волиёни давлати Тоҳириён боқӣ мемонанд. Муаллиф боз ҳам ба таври мухтасар аз муборизаҳои Саффориён (873-910)барои қудрат дар Хуросон бар зидди Тоҳириён ва ба дасти Сомониён гузаштани қудрати сиёсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон сухан ронда, хулоса мекунад, ки давлати Сомониён «аввалин шакли давлатдории тоҷикон аст, ки дар давраи мавҷудияти он халқи тоҷик ва дигар мардуми Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон ба муваффақиятҳои калони сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, маданӣ ва адабӣ соҳиб шуданд».[3]

Муҳаққик инчунин дар ин рисола дар бораи баромади нажодии тоҷикон, зуҳури аввалин намунаҳои давлати миллӣ, ҳаёти иҷтимоии ҷомеа,  рушди иқтисод, тавсеаи шаҳрҳо, ҳаёти фарҳангӣ ва ташаккули забон муфассал ахбор дода, ба таври мухтасар пиромуни шарҳи ҳол ва осори олимон, адибон ва файласуфони маъруф чун  Закариёи Розӣ,(865-925) Абунасри Форобӣ (873-950) ва Ибни Сино (980-1037) маълумот медиҳад[4] ва аз ҷумла менависад: «Воқеаи аввалин дафъа дар таърихи халқҳои эронинажод ба вуҷуд омадани халқияти мардуми тоҷик, зуҳур намудани аввалин шакли давлатдории ин халқ, ба қатори забони давлатии вақт, ҳамчун забони адабӣ қабул шудани забони порсии дарӣ-тоҷикӣ, ба вуҷуд омадани адабиёти классикии форс-тоҷик аз воқеаҳои

---

[1] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С.10.
[2] Ҳамон ҷо. С.11-16.
[3] Ҳамон ҷо. С.18.
[4] Ҳамон ҷо. С. 7-63.

муҳим ва лаҳзаҳои қобили диққати ҳамин давраи таърихӣ мебошад».[1]

Исботи илмии таҳлили равандҳои таърихии ин давр бо истифода аз доираи густурдаи адабиёти илмӣ ва манобеи таърихӣ ба А.Мирзоев ҳангоми навиштани асари бунёдӣ роҷеъ ба зиндагӣ ва осори Рӯдакӣ имкон дод, ки на танҳо чун муҳаққиқи адабиёт, балки чун муаррих аз худ шоистагӣ нишон диҳад. Бо вуҷуди ин ки ишора мекунад, ки дар баррасии масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба таври мухтасар ибрози назар мешавад, аммо А.Мирзоев тавонистааст дар ин мухтасарбаёнӣ тамоми масоили марбутаи таърихии ин замонро фаро гирад. Боби аввали рисолаи «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ»-ро, ки ҳадафи пажӯҳиши мост, ҳамчуноне ки зикр шуд, муаллиф «Замони Рӯдакӣ» унвон додаст ва аз ду зербоб «Ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва хоҷагӣ» ва «Ҳаёти маданӣ, забон ва адабиёт» иборат аст, ки ҳар зербоб бо мавзӯъҳои мушаххас тақсим шудааст. Зербоби «Ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва хоҷагӣ» бо мавзӯъҳои «Вазъияти мамлакат», «Амалиётҳои аввалини истилогарона», «Истилои Мовароуннаҳр ва муқобилияти халқи маҳаллӣ», «Мубориазаҳои сиёсӣ-озодихоҳӣ», «Сиёсати нави хилофат дар идора кардани мамлакат», «Халқияти мардуми тоҷик ва аввалин шакли давлатдории он», «Вазъияти ҳаёти иҷтимоӣ ва сабзиши хоҷагии мамлакат» ва «Вусъати шаҳрҳо ва ободонӣ»[2] ҷудо шуда, муаллиф таҳаввулот ва дигаргуниҳои ба вуҷуд омада дар Хуросону Мовароуннаҳрро дар масоили зикршуда бо риояи ҷадвали замонӣ баррасӣ мекунад.

Зуҳури давлатҳои миллӣ чун Тоҳириён (821-873), Саффориён (873-910) ва Сомониён (819-1005)-ро дар ибтидои садаи IX дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр А.Мирзоев аз натиҷаи муборизаҳои сиёсӣ ва истиқлолиятталабии мардуми вилоятҳои шарқӣ ва раванди умумии таназзули иқтидори сиёсии хилофати Аббосӣ мешуморад.[3]

А.Мирзоев ахбореро роҷеъ ба насаби Сомониён, ки дар

---
[1] Ҳамон ҷо. С. 7.
[2] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С. 18.
[3] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. Сталинабад, 1958. С. 7-25.

сарчашмаҳои таърихӣ фаровон ба назар мерасанд, зикр намуда, дар зимн нуқтаи назари академик А.Семёновро(1873-1958) тасдиқ мекунад ва менависад, ки аҷдоди Сомониён аз наҷибзодагони Мовароуннаҳр буда, аз даврони хеле қадим дар ин сарзамин зиндагӣ ба сар бурдаанд ва дар ибтидои садаи IX ба дастури ҳокими Хуросон Ғассон ибни Ибод фарзандони Асад ибни Сомонхудот-Нӯҳ ҳокими Самарқанд, Аҳмад ҳокими Фарғона, Яҳё ҳокими Шош ва Усрушана ва Илёс ҳокими Ҳирот таъйин мешаванд.

Истифода аз теъдоди зиёди адабиёти илмӣ ба А.Мирзоев имкони онро фароҳам овард, ки дар баррасии баъзе аз масоили таърихи сиёсии Сомониён бо шарқшиносони маъруф баҳс намояд. Масалан, донишманди маъруф А.Ю.Якубовский дар ҷилди аввали китоби «История народов Узбекистана», ки ҳодисаҳои таърихии ин замонро навиштааст, таъкид мекунад, ки ихтилоф миёни Исмоил (892-907) ва Насри Сомонӣ, (864-892) ки соли 275 ҳ.қ./888 сабаби бархӯрди мусаллаҳона байни онон гардид, сиёсӣ буд.[1] Академик Б. Ғафуров (1909-1977) дар рисолаи худ «Тоҷикон» ба ин назар аст, ки Исмоил «фақат барои истиқлолияти иқтисодӣ ва сиёсии Бухоро ва ба мулки хосаи худ табдил додани он мубориза мекард ва дар соли 888 комилан ба нияти худ расид».[2] Яъне ба ваҷҳе Б. Ғафуров ҳамназари А.Ю.Якубовский аст. А.Мирзоев бар асоси таҳлили манобеи таърихӣ, бахусус «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд ва натиҷаи таҳқиқи сиккаҳои ин давр аз тарафи Е.А.Давидович (1922-2013) ба хулосае меояд, ки ҷанг миёни Исмоил ва бародараш Наср на моҳияти сиёсӣ, балки иқтисодӣ дошт.[3] Сиккашиноси маъруф Е.А.Давидович ҳанӯз соли 1954 навишта буд, ки ду набарди бародарон амир Наср ибни Аҳмад ва волии Бухоро Исмоил ибни Аҳмад бештар хусусияти иқтисодӣ ва молиявӣ дошта, дар

---

[1] Тревер К.В., Якубовский А.Ю. и Воронец М.Э. История народов Узбекистана. Т.I. Ташкент, 1950. С.222.
[2] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Китоби якум. Душанбе: Ирфон, 1983. С.451.
[3] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С. 20.

худ зуҳуроти амиқи сиёсӣ надошт.[1] Академик Н.Неъматов(1927-2011) дар асари бунёдияш бо номи «Давлати Сомониён», ки соли 1977 нашр шудааст, ба ин назар аст, ки ихтилофи Наср ва Исмоил бар пояи напардохтани молиёт аз ҷониби волии Бухоро –Исмоил шурӯъ мешавад, ки баъдан ба задухурд байни онон мубаддал мегардад.[1]

Аммо дар моҳияти амр ин ихтилоф чӣ гуна буд? Дар зимн бояд андаке тавзеҳ дод, то чӣ гуна Исмоил ҳокими Бухоро гардид ва сабаби воқеӣ чӣ буд, ки бо бародари худ дар ихтилоф шуд. Бояд гуфт, ки Исмоил бо супориши бародари калониаш – Наср моҳи июли соли 874 ба сӯи Бухоро лашкар кашида, нахуст дар Кармина таваққуф намуд. Сафири хешро назди ҳокими Бухоро Ҳусейн ибни Муҳаммад ал-Хаворичӣ фиристод. Ҳоким сафирро қабул намуд. Баъд рӯзи 23 июли соли 874 рӯҳониёни бонуфузи Бухоро таҳти сарварии Абӯабдуллоҳ ба пешвози Исмоил ибни Аҳмад баромада, ӯро ба шаҳр хайрамақдам карданд. Исмоил амири Бухоро ва Ҳусейн Муҳаммад ал Хаворичӣ ноиби ӯ таъйин шуданд. Аммо Исмоил медонист, ки Ҳусейн ибни Муҳаммад бо ӯ дӯстӣ намекунад. Ҳарчанд ки вай дар зоҳир ҷонибдори Исмоил буд, аммо пинҳонӣ зидди ӯ тайёрӣ медид. Аз ин рафтори ӯ Исмоил огоҳ шуда, ӯро ҳабс намуд. Наср ибни Аҳмад барои комилан истиқрор ёфтани ҳокимияти Сомониён дар Мовароуннаҳр бо дархости мардуми Бухоро бародараш Исмоилро соли 874 волии Бухоро таъйин мекунад, ки ӯ то соли 892, яъне дар муддати 18 сол ин маркази сиёсӣ ва стратегӣ ва фарҳангии тоҷиконро ба ошёни ҷалол ва маркази фармонравоӣ ва макони афроди барҷастаи замон мубаддал месозад. Маҳз дар ҳамин давра Исмоили Сомонӣ аз шахсият ва пешвои мубориз, ба чеҳраи сиёсии замон табдил меёбад.

Наср ибни Аҳмад Исмоилро уҳдадор намуда буд, ки ҳар соле аз хироҷи Бухоро панҷсад ҳазор дирҳам ба хазинаи ҳукумати марказӣ ирсол кунад. Азбаски дар Бухоро ҷангу ҷидол давом мекард, амир

[1] Давидович Е.А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидовю // Труды ИИАЭ АН Тадж. ССР. Т.XXVII. Сталинабад, 1954. С.79-83.

Исмоил натавонист саривақт хироҷро ба Самарқанд диҳад. Он гоҳ Наср назди Исмоил қосид фиристода, аз ӯ хироҷ пурсид. Вале Исмоил ба сабаби нооромиҳои Бухоро талаботи бародарро иҷро накард. Ин рафтори Исмоил миёни бародарон ҷудоӣ андохт. Наср тасмим гирифт ба муқобили Исмоил лашкар кашад. Вай аз бародаронаш ҳокими Фарғона – Абулашъос, ҳокими Чоч – Абӯюсуф Яқуб ибни Аҳмад талаб намуд, ки лашкар гирди ҳам оварда, дар муборизаи зидди Исмоил ба ӯ ёрӣ расонанд. Инчунин Наср туркони Исфанҷобро ба кӯмак даъват намуд. Соли 886 лашкари якҷояи бародарон ба Бухоро роҳ пеш гирифт. Исмоил аз ин воқиф шуда, ба Фороб рафт. Дар натиҷаи ин набард Исмоили Сомонӣ аз вазифаи волиии Бухоро озод карда шуда, ба вазифаи омили хироҷи шаҳри Самарқанд таъйин шуд. Вале баъдтар Исмоили Сомонӣ дубора волии Бухоро таъйин шуд.

Исмоил роҳи ғолиб омаданро бар бародари худ меҷуст. Вай бо ҳокими Хуросон Рофеъ ибни Ҳарсома дӯсти дерина буд ва аз ин рӯ, Исмоил ба Рофеъ нома ирсол карда, аз ӯ ёрӣ пурсид. Рофеъ зимистони солҳои 886-887 аз Ҷайҳун гузашта, лашкарро озими Бухоро гардонид. Аммо сол хеле душвору қаҳтӣ омада буд. Рофеъ аз сабаби гуруснагӣ бисёр ҳамсафонашро талаф дод. Илова бар ин одамони бонуфуз ба Рофеъ фаҳмониданд, ки ба зиддияти бародарон ҳамроҳ нашавад. Агар онҳо бо ҳам иттифоқ банданд, он гоҳ ӯ аз мулкҳои худ маҳрум мегардад. Ин маслиҳат ба Рофеъ ибни Ҳарсома писанд омад ва ӯ бо Наср ибни Аҳмад сулҳ карда, ба Хуросон баргашт.

Мувофиқи сулҳномаи Насру Рофеъ Исмоил уҳдадор шуда буд, ки бемамоният соле ба бародараш аз хироҷи Бухоро 500 ҳазор дирҳам ба хазинаи Самарқанд месупорад. Аз ин воқеъа понздаҳ моҳ гузашт, аммо Исмоил хироҷ нафиристод. Наср дар ғазаб шуда, бори дуюм бар зидди Исмоил лашкар кашид. Исмоил соли 888 дар Бухоро лашкари зиёд гирд овард ва лашкари Насрро шикаст дод. Аммо ӯро асир накарда, чун сарвари хонадони Сомонӣ эътироф намуда, ба Самарқанд фиристод ва

---

[1] Негматов Н. Государство Саманидов. Душанбе, 1977. С.24.

худ дар маснади волии Бухоро боқӣ монд.

Аз ин матлаби баёншуда хулоса мешавад, ки ихтилоф дар зоҳир миёни бародарон Наср ва Исмоил аз напардохтани хироҷ ба хазинаи Самарқанд будааст, яъне ихтилофи иқтисодӣ-молиявӣ. Бо вуҷуди он ки Исмоил пас аз шикасти лашкари Наср ва асир афтодани ӯ тахти Самарқандро соҳиб нашуд ва танҳо баъд аз марги бародараш дар 26 августи соли 892 чун ворис ба тахти Сомониён нишаст, аммо чуноне, ки аз ҳодисаҳои таърихи маълум аст, истиқлоли иқтисодӣ хостан ва дар мисоли Исмоил напардохтани андоз, нишонаҳои муборизаи сиёсӣ низ дошт. Назари академикҳо А.Ю. Якубовский ва Б. Ғафуров бархоста аз матлаби дар боло зикршуда ҳаст, ки воқеият дорад.

А.Мирзоев нақши Исмоили Сомониро дар ташкили давлати миллии тоҷикон бузург арзёбӣ мекунад ва менависад, ки ин сиёсатмадори барҷаста «дар роҳи ташкил додани ҳукумати марказиятёфтаи қавӣ, вусъат додани хоки давлати Сомонӣ, халосӣ додани мамлакат аз фармонравоии маркази хилофат, таъмин кардани оромӣ, ба тарафи мақсадҳои асосӣ равона карда тавонистани қувваи халқи маҳаллӣ ва амсоли инҳо дар таърихи пешазоктябрии халқи тоҷик ва дигар мардуми Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон роли хеле муҳими таърихӣ бозидааст».[1]

А.Мирзоев бо такя ба суханони ҷуғрофиёдон ва сайёҳи араб ал-Муқаддасӣ, (945/6-1000) ки Исмоили Сомониро аввалин подшоҳи иқлими шарқ меҳисобад, карда ва менависад, ки ин суханони Муқддасӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки арабҳо давлати таъсисдодаи Исмоили Сомониро як давлати мустақили шарқии хилофат мешумориданд.[1]

Бояд гуфт, ки он замон ки писарони Асад ибни Сомонхудот волиёни вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросон буданд, барои ҳифзи сарзамини зери фармони хеш аз тохтутози қабилаҳои турк, ки дар ҳамсоягии онҳо зиндагӣ мекарданд, худ ибтикорро ба даст гирифта, барои зери итоат гирифтани онҳо ба даштҳои бодиянишинон лашкар

[1] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С. 21.

мекашиданд. Масалан, Нӯҳ ибни Асади Сомониро (819-842) на танҳо ҳокими Суғд бо марказияти Самарқанд, балки ҳокими баъзе аз шаҳрҳои туркнишин низ мешинохтанд. Сабабаш дар он буд, ки истиқрори қарлуқҳо дар Ҳафтрӯд дар ибтидои садаи IX барои дудмони Сомонӣ, ки дар Мовароуннаҳр ҳукумат мекарданд, маншаи таҳдиде буданд. Бинобар ин Нӯҳ ибни Асад тасмим гирифт пеш аз ин ки қарлуқҳо барои тохтутоз вориди Мовароуннаҳр шаванд, соли 840 алайҳи туркон ҷанги муқаддас эълон кард ва яке аз шаҳрҳои асосии онҳо Исфиҷобро[2], ки дар водии Талас ҷойгир аст ва зери нуфузи қарлуқҳо қарор дошт, тасхир намуд. Исфиҷоб ба маркази густариши дини ислом дар сарзамини имрӯзаи ҷануби Қазоқистон табдил ёфт. Ӯ дар ин ҷо девори бузургеро барои ҳифзи манотиқи зироатӣ аз ҳамлаҳои бодиянишинҳо сохт. Ҳокими Исфиҷоб чун рамзи тобеияти худ ҳамасола ба дарбори Сомониён «ба ивази тӯҳфаҳо чаҳор денек (баробар ба 20 копек) ва дар бадали молиёт ҷорӯб мефиристод».[3]

Дар зимн А.Мирзоев ба ин назар аст, ки «намояндагони ин хонадони Мовароуннаҳр на ин ки вақт-вақт бо бодиянишинон машғули ҷанг буданд, балки барои муҳофизат намудани воҳаҳои зироатӣ гирду атрофи ин воҳаҳоро девор мекашиданд ва ин кор ҳамеша бо қувваи мардуми меҳнатӣ анҷом мегирифт ва барои таъмири ин гуна деворҳо ҳар сол қувваи зиёди мардум кор фармуда мешуд».[4]

Поягузори давлати Сомониён Исмоили Сомонӣ барои таъмини амнияти пойтахти кишвараш дубора бахше аз девори Бухоро – Варахшаро барқарор кард, ки дар замонаш барои ҳимояти воҳаи Бухоро аз ҳамлаҳои бодиянишинҳо дар атрофи он девори баланд сохта буданд[5] ва ҳамчунин барои комилан қатъ шудани тохтутози ғоратгаронаи бодиянишинон Исмоили Сомонӣ соли 893 ба

---

[1] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С. 22.
[2] Ҳоло Сайрам, ки дар соҳили шохаи дарёи Арис ҷойгир аст.
[3] Бартольд В.В. Средняя Азия до XII века. //Сочинения. Т.I. М. 1963. С.270.
[4] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С. 21.
[5] Негматов Н. Государство Саманидов. Душанбе: Дониш, 1977. С. 26.

лашкаркашии навбатӣ ба ҷониби Тироз рафта, хони турконро бо 15 ҳазор лашкар ва хидматгоронаш ба асирӣ гирифт. Ин пирӯзии Исмоилӣ Сомонӣ ба унвони тазмини амният дар марзҳои шимолии Мовароуннаҳр дида мешуд суханони Наршахӣ.

Дар даврони салтанати Исмоили Сомонӣ танҳо соли 904 Мовароуннаҳр мавриди ҳуҷуми лашкари турк қарор гирифт, ки бо кумаки сипоҳи довталабон онҳо аз марзҳои Мовароуннаҳр берун карда шуданд. Ин ягона ҳодисае буд, ки туркон ҷуръат намуда, иқдоми тохтутоз дар қаламрави Сомониёнро карданд ва ҳамчуноне ки А.Мирзоев менависад «тақрибан то солҳои 90-уми асри X бодиянишинони зикршуда ба хоки давлати Сомониён тохтутоз оварда натавонистанд».[1] Бояд гуфт, ки то нимаи аввали садаи X Сомониён ҳатто дар иддае аз шаҳрҳои туркон нуфузи худро ҳифз карда буданд.

Баъд аз Исмоили Сомонӣ,(892-907) Аҳмад ибни Исмоил(907-914) ва Насри дуюм ибни Аҳмад (914-943) сарзамини зери фармони Сомониён вусъат пайдо накард ва А.Мирзоев ҳақ ба ҷониб аст, ки мегӯяд, бо вуҷуди ин ки муборизаҳои дохилии сиёсӣ иқтидори ҳукумати марказиро заъиф карда бошад ҳам, аммо намояндагони ин хонадон то замони салтанати Нӯҳ ибни Мансур (977-997) тавонистанд ба ҳар васила тавоноии давлати худро ҳифз кунанд ва олим замони, ҳукумати Нӯҳ ибни Мансурро оғози суқути давлати Сомониён медонад.[2]

Он чи ба равшан намудани ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи он замон иртибот мегирад, А.Мирзоев дар ин мавзӯъ ба манбаъҳои таърихие, ки дар он ҳуқуқи ислом – фиқҳи аҳди Сомониён матраҳ мешавад, мисли «Ал-ҳидоя»-и Абдулмаҷид Бурҳониддин такя мекунад ва ин мавзӯъро зери унвони «Вазъияти ҳаёти иҷтимоӣ ва сабзиши хоҷагии мамлакат» ва «Вусъат ёфтани шаҳрҳо ва ободонӣ» ҷудо намуда, доир ба омилҳое, ки сабаби рушди иқтисод ва ободии шаҳру деҳот дар давлати Сомониён гаштаанд, ба таври кӯтоҳ ибрози назар мекунад.[3] Сабабҳои асосии

---

[1] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С. 21.
[2] Ҳамон ҷо. С. 23.
[3] Ҳамон ҷо. С. 23-25.

рушди иқтисод ва тараққии шаҳру деҳот дар қаламрави Сомониёнро олим дар раҳоӣ ёфтани мамлакат аз идораи бевоситаи хилофат, хотима ёфтани тохтутози аҷнабиён ва таъмини зиндагии осуда ва ороми мардум мебинад.[1]

Ба вуҷуд омадани навъҳои заминдорӣ мисли иқта, заминҳои султонӣ-подшоҳӣ ва вақф муносибатҳои нави истеҳсолиро дар воҳаҳои зироатӣ ба вуҷуд меоварад, ки дар натиҷа соҳаҳои ҷудогонаи кишоварзӣ, амсоли ғаллакорӣ, боғдорӣ ва кирмакпарварӣ рӯ ба инкишоф мениҳанд. «Вусъат ёфтани хоҷагии қишлоқ ва зиёд шудани маҳсулоти он, -менависад А.Мирзоев, - ба ривоҷ ёфтани соҳаҳои гуногуни санъати ҳунармандӣ низ таъсири муҳиме мерасонад. Саноати ҳунармандӣ на фақат дар шаҳрҳо, балки дар қишлоқ низ тараққӣ мекунад».[2]

Истифодаи ҳар чи бештари маъданҳои кӯҳӣ омили рушди саноат дар давлати Сомониён мегардад ва дар зимн А.Мирзоев такя ба асарҳои М.Е.Массон[3], (1897-1986) Б.Ғафуров[4] ва «История народов Узбекистана»[5] карда, менависад, ки «дар асри X истеъмоли нуқра ва сурб дар конҳои Элак (силсилаи кӯҳҳои байни Тошкант, Хуҷанд ва Фарғона) хеле вусъат ёфта будааст».[6]

Рушди саноат ва иқтисод барои вусъат ёфтани муносибатҳои тиҷоратии хориҷӣ дар давлати Сомониён имкониятҳои зиёде фароҳам овард, ки сабаби асосии он Роҳи бузурги абрешим буд, ки аз қаламрави Мовароуннаҳр гузашта, Шарқро ба Ғарб мепайваст. Дар ин давра муносибатҳои тиҷоратии давлати Сомониён бо Хитой ва шарқи Аврупо инкишоф ёфта, «навъи молҳои аз Мовароуннаҳр хориҷ карда мешудагӣ ва аз Хитою шарқи Аврупо оварда мешудагӣ хеле зиёд мешавад».[7]

---

[1] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С. 23.
[2] Ҳамон ҷо. С. 24.
[3] Массон М.Е. Из истории горной промышленности Таджикистана// Материалы Таджикско-Памирской экспедиции. Вып. XX. М.-Л, 1934. С.71-84.
[4] Гафуров Б. История Таджикского народа в кратком изложении. С.167-168
[5] История Народов Узбекистана. С.225-226.
[6] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С. 24.
[7] Ҳамон ҷо. С. 24.

Дар ин давра шаҳрҳои давлати Сомониён, мисли Бухоро, Самарқанд, Усрушана, Марв, Нишопур ва ғайра ба авҷи тараққиёти худ мерасанд. «Бухоро, -менависад А.Мирзоев, - аз дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон бо ин хусусияти худ фарқ мекард, ки як қисми муҳими онро қасрҳои подшоҳӣ ва истиқоматгоҳҳои дарбориёни дараҷаи аввали Сомонӣ ташкил менамуданд. Дар Регистони Бухоро, ки пеш аз истилои араб қасри Бухорхудот воқеъ гардида буд, дар замони салтанати Насри II барои амири Сомонӣ қасри олие сохта шуда буд, ки дар атрофи он бинои 10 девон – идораҳои марказии маъмурии давлатӣ қарор гирифта буданд».[1]

Чуноне ки дар боло зикр шуд, соли 1958 дар шаҳри Сталинобод симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1100 солагии зодрӯзи сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ доир гашт. Дар ин симпозиум донишмандони маъруф А.А.Семёнов[2],(1873-958) А.Мирзоев,[3] (1908-1976) А.Бертельс,[4](1890-1957) А.Н. Болдырев[5], (1909-1993) Ж.Лазар[6], (1920-2018) К.Айнӣ,[7] (1928-2010) Р. Ҳодизода[8], Б.Сирус,[9] (1885-1981) Х. Мирзозода[10], М.И. Занд,[11](1927-2018) Н. Османов,[12] А.Ҷалилов ва Б.А.Литвинский,[13](1923-2010) Р.Хошимов ва

[1] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. С. 25.
[2] Семенов А.А. Эпоха Рудаки // Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С.5-19.
[3] Мирзоев А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ //Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 20-62

[4] Бертельс А. Рудаки и карматы // Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С.63-78.
[5] Болдырев А.Н. Муайян намудани таърихи таълифи «Нуҳзатномаи алоӣ» аз рӯи як рубоии Рӯдакӣ // Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С.79-83.
[6] Лазар Ж. Два медицинских трактата X века на фарси-дари // Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С.84-97.
[7] Айнӣ К. Қасида дар осори Рӯдакӣ //Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 98-111.
[8] Ҳодизода Р. Дар бораи санъати назми Рӯдакӣ //Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 112-127.
[9] Сирус Б. Вазни осори боқимондаи Рӯдакӣ //Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 128-141.
[10] Мирзозода Х. Рӯдакӣ ва такомули шакли назми рубоӣ //Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 142-146.
[11] Занд М.И. Искусство перевода в таджикской поэзии X в. //Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 152-167..
[12] Османов Н. Пословицы и поговорки в поэтическом наследии Рудаки //Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 168-184.
[13] Джалилов А., Б.А. Литвинский. О материальной культуре IX-X веков //Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 185-197.

Ш.Ҳусейнзода[1], А.Хромов[2] (1930-1992) ва дигарон ширкат намуда, бо суханрониҳои илмӣ, ки ба масоили таърих ва фарҳанги давлати Сомониён бахшида шуда буданд, баромад карданд. Дар ин ҳамоиши илмӣ муаррихон ва шарқшиносон азамати давлати Сомониён ва дараҷаи баланди рушди фарҳанг, ҳунар ва илмро дар ин давлат ба исбот расониданд ва ба ин васила ин симпозиум саҳифаи наве дар омӯзиши таърихи давлати Сомониён боз кард.

Шарқшиноси маъруфи тоҷик А.Мирзоев низ дар ин симпозиум зери унвони «Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ» баромад кард, ки баъдан ин суханронӣ дар ҳамин сол дар маҷмӯаи мақолаҳои ин симпозиум «Рӯдакӣ ва замони ӯ» шомил гардида, ба нашр расид.

Дар ин мақола А.Мирзоев баъд аз баррасии масъалаҳои зиндагӣ ва осори Рӯдакӣ, мисли замон ва макони таваллуд, насаби шоир, марҳилаи аввали зиндагии Рӯдакӣ[3], ба давраи дуюми ҳаёти шоир, ки дар дарбори Сомониён мегузарад, таваҷҷуҳ мекунад.

Ин марҳилаи зиндагии Рӯдакиро тасвир карда, олим ҳамчунин ба ҳаёти дарбори Сомониён, муносибати амирони Сомонӣ ба илму адаб, шукуфоии фарҳанг дар ин давр, даъвати донишмандон, адибон ва ҳунармандон ба дарбор ва аз ҳама муҳим ба солҳои охири зиндагии Рӯдакӣ таваҷҷуҳ намуда, муҳаққиқ ба тарви густурда ҳаводиси дарбори дудмони Сомонӣ, сабаби фитна ва тафриқа дар давлатро тавзеҳ дода, барои тақвияти суханҳои худ ва равшан намудани воқеаҳои таърихӣ моҳирона аз маводи сарчашмаҳои таърихӣ, чун «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Байхақӣ, «Таърихи Яминӣ»-и Утбӣ, «Сияру-л-мулук»-и Низомулмулк, «Таърихи Систон», «Лубобу-л-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ, «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Ал-мӯъҷам фи маоири ашъор-ил- Аҷам»-и Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ ва ғайра истифода кардааст.

---

[1] Ҳошимов Р. Ҳусейнзода Ш. «Донишномаи Қадархон» ва аҳамияти он дар омӯхтани осори Рӯдакӣ ва мероси адабии мо //Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 209-221.
[2] Хромов А.Л. О некоторых словах языка эпохи Рудаки, сохранившихся в таджикских говорах верховьев Зеравшана //Рӯдакӣ ва замони ӯ. Сталинабад, 1958. С. 222-226.
[3] Мирзоев А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ. С. 43-54.

Дар мақолаи худ А.Мирзоев ба сурати барҷаста ба яке аз мушкилтарин масоили давраи Сомониён, ки боиси ба ду даста тақсим шудани дастгоҳи ҳоким гашт, ҷойгоҳи вижа дода, сабаби асосии буҳрон ва суқути давлати Сомониёнро ба таблиғи афкори қарматӣ, ки билохира авоқиби вахиме барои дудмони Сомонӣ дар қибол дошт, робита медиҳад.[1]

Он замон омӯзиши таърихи динҳо бо доктринаи идеологии низоми Советӣ мухолифат дошт, аммо А.Мирзоев бо дарки муҳим будани ин масъала ва барои касби бештари маълумот роҷеъ ба асоси иҷтимоӣ ва идеологии наҳзати қарматия дар садаи X дар Мовароуннаҳру Хуросон ба хонандагон пешниҳод мекунад, ки дар замина ба осори олимони шӯравӣ В.В. Бартольд,(1869-1930) Б.Н. Заходер, (1898-1960)Б.Ғ. Ғафуров (1909-1977)ва М. Занд(1927-2018)  муроҷиат кунанд ва баъдан ба тавзеҳу тавсифи ин наҳзат мегузарад. Чунин «ишора» лозим буд, то олим нишон бидиҳад, ки таҳқиқоти ӯ мутобиқ ба доираи идеологияи ҳоким бар шӯравӣ мебошад.

Ҳамин тавр А.Мирзоев бори нахуст хонандаи тоҷикро бо наҳзати қарматия (исмоилия) ошно месозад, ки пажӯҳиш ва хулосаҳои ӯ бо такя бар сарчашмаҳои таърихӣ анҷом меёбанд. Дар ин мақола муаллиф ба ихтилофоти ақидатие, ки миёни Фотимиёни Миср (909-1171) ва хилофати Аббосӣ мавҷуд буд, инчунин ба вуруди мубаллиғони исмоилӣ ба қаламрави Сомониён таваҷҷуҳ  мекунад. «Аббосиён, -менависад А.Мирзоев, дар шахсияти Фотимиҳо ашадитарин душмани худро тасаввур мекарданд. Убайдулло (909-934) (пешвои Фотимиён) ва атрофиёни наздики ӯ таълимоти исмоилиро, ки яке аз шохаҳои шиа ҳисоб мешуд, ҳамчун аслиҳаи идеологии худ қарор дода, ба паҳн намудани даъвати исмоилӣ дар дигар мамлакатҳо ва вусъат додани хоки давлати худ шурӯъ намуданд».[1]

Муаллиф дар ин мақола дар бораи вуруди яке аз доиён (мубаллиғон)-и исмоилиён бо номи Ғиёс ба қаламрави давлати

---

[1] Мирзоев А. Рудаки ва чараёни зиндагии ӯ. С. 43-54.

Сомониён, ки ба дастури ҳокимони Фотимиёни Миср соли 919 сурат мегирад, ёд мекунад. Сабаби ба қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр ворид гаштани мубаллиғони исмоилияро А.Мирзоев дар он мебинад, ки «ин ду мамлакат дар саркашӣ намудан аз маркази хилофат ва муборизаҳои сиёсии озодихоҳӣ шуҳрат пайдо карда буданд, инчунин пайравони мазҳабҳои зидди исломӣ дар амалиёти худ бештар дар ин сарзамин ба худ паноҳ ёфта буданд»[2] ва ин ҳолат таваҷҷуҳи Фотимиёнро ба худ ҷалб намуда буд.

Дар асари таблиғоти доии исмоилиён волии Марв Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ даъвати Ғиёсро мепазирад. Ин ҷо олим сабаби гароиши яке аз сарлашкарони машҳури Сомонӣ ва волии Марв Ҳусайн ибни Алии Марвазиро дар он мебинад, ки ӯ дар замони ҳукумати Аҳмад ибни Исмоил (907-914) аз эътибори баланде дар дарбор бархӯрдор буд ва дар замони Наср ибни Аҳмад (914-943) «зоҳиран барои ривоҷ пайдо накардани кораш аз ҳукумати мавҷуда розӣ набуд. Аз ин сабаб дар вақтҳои мувофиқ аз саркашӣ намудан нисбат ба ҳукумати марказӣ рӯй намегардонид».[3] Ба кумаки Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ ва дар асари таблиғи доиёни исмоилӣ афкори ин мазҳаб дар Хуросон, ба хусус дар вилоятҳои Толиқон, Маймана, Ҳирот ва сарзамини Ғуриҳо густариш меёбад. Соли 930 Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ, ки ба дастури Наср ибни Аҳмад ба ҳабс гирифта мешавад, вафот мекунад. Баъд аз ӯ масъулияти таблиғоти қарматияро Муҳаммад ибни Аҳмади Нахшабӣ ба зимма мегирад. Муҳаммад ибни Аҳмади Нахшабӣ аз файласуфон-мутакаллимони маъруфи Хуросон буд. Доираи таблиғоти ӯ аз Хуросон гузашта, ба Мовароуннаҳр мерасад. Дар натиҷаи таблиғоти ӯ иддае аз мақомдорони дарбори Сомониён ба мазҳаби исмоилия мегараванд. Дар зимн Низомулмулк (1018-1092) менависад: «Раиси Бухоро ва соҳиби хироҷ ва вуҷуҳи бозорро дар ин мазҳаб овард ва Ҳасан Маликро, ки аз хоси подшоҳ буд ва волии Илоқ буд ва Алии Зарродро, ки вакили хос

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 44.
[2] Ҳамон ҷо. С. 44.
[3] Мирзоев А. Рудаки ва чараёни зиндагии ӯ. С. 44.

буд дар ин мазҳаб овард ва бештар аз инҳо, ки ёд кардем наздикон ва муътамадони подшоҳ (Наср ибни Аҳмад) буданд».[1]

А.Мирзоев дар асари омӯзиши дақики сарчашмаҳои таърихии ин давр ба хулосаи дуруст меояд, ки баъд аз гаравидани теъдоди зиёде аз шахсиятҳои маъруфи дарбори Сомонӣ ба қарматия амири Сомонӣ Наср ибни Аҳмад ногузир зери таъсири дарбориёни худ ба мазҳаби исмоилӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва кор то ҷое мерасад, ки мубаллиғи исмоилия Муҳаммади Нахшабӣ Наср ибни Ахмадро водор мекунад, ки хунбаҳои Ҳусайн ибни Алии Марвазиро, ки дар ҳабсхонаи Сомониён соли 930 вафот карда буд, ба соҳиби Мағриб Қайимуламр (934-946) бипардозад. Амири Сомонӣ ин пешниҳоди Нахшабиро қабул карда, дастур медиҳад, ки хунбаҳои Ҳусайн ибни Алии Марвазиро ба маблағи 119 ҳазор динор ба халифаи Фотимиён пардозанд. А.Мирзоев бо иттико ба ахбори Ҳасан Иброҳим Ҳасан дар асараш «Таърих ал-ислому-с.сиёсӣ вал ичтимоӣ» менависад, ки «гӯё (Наср ибни Аҳмад) ба халифаи Фотимӣ менависад, ки ман бо 50 ҳазор тобеони худ барои итоати амри имом тайёрам».[2]

Аммо донишманди эронӣ Абдулҳусайни Заринкуб ба ин назар аст, ки ин ки даъватгарони исмоилӣ дар ҳамин айём иддае аз наздикони амир Наср ва худи ӯро ба ойини худ ҷалб карда бошад ва Наср ҳам ба дархости онҳо хунбаҳои як тан аз раисонашонро, ки дар зиндони Бухоро мурда буд, ба халифаи Фотимӣ пардохта бошад, афсонаи муболиғаомез ба назар мерасад.[3]

Ба ҷониби давлати Фотимиёни Миср майл намудани дарбори Сомониён ва заиф гаштани нуфузи Аббосиён дар қаламрави зери итоати ин дудмонро А.Мирзоев аз муваффақиятҳои бузурги исмоилиён дар амри таблиғи мазҳаби онон медонад.

Сабаби ба давлати Фотимиён таваҷҷуҳ кардани дарбори Сомониён,

---

[1] Хоҷа Низомулмулк. Сиёсатнома. Нақду таҳлил ва вероиши матн, тавзеҳот ва феҳристҳо М. Истеъломӣ. Теҳрон, 1390. С.283.
[2] Мирзоев А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ. С. 45.
[3] Заринкуб А. Рӯзгорон. Таърихи Эрон аз оғоз то суқути салтанати Паҳлавӣ. Чопи 5. Теҳрон, 1383. С.393.

ба хусус Наср ибни Аҳмадро донишманди тоҷик А.Мирзоев дар нуфузи рӯзафзуни давлати шиаи Оли Бӯя (935-1055) дар маркази хилофати Аббосӣ медонад, ки билохира онҳо соли 945 Бағдодро тасхир карданд ва қайд мекунад, ки «аз эҳтимол холӣ нест, ки дар масъалаи ба тарафи Фотимиҳо майл кардани подшоҳи Сомонӣ ин ҳолат низ бетаъсир намонда бошад».[1] Ин хулосаи олим асосӣ воқеӣ дорад, зеро Наср ибни Аҳмад аз густариши нуфузи давлати шиъамазҳабони Оли Бӯя дар қаламрави хилофати Аббосӣ ва аз дурнамои номушаххаси робитаҳо бо Аббосиён дар ташвиш афтода, зери фишори ашрофи дарбораш, ки мазҳаби исмоилиро пазируфта буданд, маҷбур шуд, афкори ин мазҳабро тайид ва қабул намояд. Чун таблиғоти исмоилия аз ҷониби Фотимиёни Миср пуштибонӣ ва зери назари онон қарор дошт, бинобар ин Наср ибни Аҳмад бо намояндагони онҳо музокира анҷом дод.

Авзои сиёсӣ ва мазҳабии ҳоким дар Бухоро на танҳо дарбори Сомониён, балки қишрҳои васеи ҷомиаи онро ба ду дастабандии хатарнок ҷудо кард, ки як ҷинои он рӯҳониёни суннӣ бо иттифоқи сарлашкарони турки Сомониён ва тарафи дигараш ҷонибдорони исмоилия дар шумори амир, вазир ва дигар ашрофи дарбор буданд.

А.Мирзоев дуруст қайд мекунад, ки таблиғоти Нахшабӣ ва ҷонибдорони мазҳаби ӯ дар байни рӯҳониёни суннӣ ва гвардияи турк, ки дар пойтахти давлати Сомониён аз нуфуз ва иқтидори азиме бархӯрдор буданд, замина пайдо карда натавонист, зеро иттиҳоди рӯҳониёни суннӣ ва сарлашкарони турки лашкари Сомониён аз сиёсати мазҳабӣ ва давлатии Аббосиён сахт ҷонибдорӣ мекарданд ва аз ин рӯ «қувват гирифтани ҳаракати қарматиҳо ва ба тарафи Фотимиҳо майл намудани ҳукумрони мамлакат, аҳли ин ду гурӯҳро беш аз пеш ба ғазаб наёварда наметавонист».[1]

А.Мирзоев на танҳо ҷонибдории афкори қарматиро аз тарафи иддае аз арбобони давлатӣ ва фарҳангии дарбори Сомониёнро баррасӣ мекунад, ҳамчунин зикре аз исёни қарматиҳои Байнаннаҳрайн

---

[1] Мирзоев А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ. С. 45.

менамояд, ки натиҷаи он зарбае ба таблиғоти қарматия дар хориҷ аз қаламрави Фотимиён мерасонад. Бояд гуфт, ки дар моҳи январи соли 930 Абӯтоҳири Қарматӣ (923-944) бо лашкари гароне иборат аз 600 саворанизом ва 900 пиёданизом ба ҳангоми адои маросими ҳаҷ вориди Макка гардид ва ба қатлу ғорат даст зад. Дар асари он 30 ҳазор ҳоҷӣ ба қатл расид ва Абӯтоҳири Қарматӣ санги муқаддаси Ҳаҷаруласвади Маккаро бо худ бурд, ки ин амал ваҳшате ба дили мусулмонон андохт. Ин қатлу ғорати сарзаминҳои муқаддаси исломӣ то соли 944, ки дар ин сол марги Абӯтоҳири Қарматӣ фаро мерасад, ба шиддат идома меёбад.

А.Мирзоев дар ин ҷо ба хулосае мерасад, ки ин аъмоли номақбули онҳо, ба хусус дар пойтахти дунёи ислом, ба хусус куштори ҳоҷиён дар Макка дар соли 930 аз тарафи қарматиён эътимоди мардуми Хуросону Мовароуннаҳро нисбат ба онҳо на танҳо заиф месозад, балки муносибати онҳоро ба намояндагони ин мазҳаб хасмона мегардонад. Ин боиси шиддат ёфтани муносибат миёни қишрҳои ҷомеа, ба хусус дарбор ва сабаби нигаронии ҷиддии рӯҳониён мегардад. «Хабари ин воқеа, -менависад А.Мирзоев, дар навбати худ пайравони мазҳаби сунниро дар Мовароуннаҳр низ ба ваҳшат меандохт. Рӯҳониёни зикршуда ва сарони гвардияи турк аз ин ҳолат ҳам истифода менамуданд».[2]

А.Мирзоев бо такя ба ахбори «Сиёсатнома»-и Низомулмулк (963-1092) - ин сиёсатмадори барҷаста ва вазири маъруфи Алпарслон(963-1072) ва Маликшоҳи Салҷуқӣ, (1072-1092) ки душмани сарсахти Ҳасани Саббоҳ (1090-1120) – пешвои исмоилиёни Аламут буд ва дар асари як сӯиқасди исмоилиён 10 моҳи рамазони 485 ҳ.қ./ 14 октябри 1092 ҳангоми сафар ба Бағдод кушта мешавад,[1] вазъи носолими сиёсии ба амал омада дар қаламрав ва дарбори Сомониёнро баррасӣ карда, менависад, ки рӯҳониёни суннӣ ва сарлашкарони турки сипоҳи Сомониён «бар зиди қарматиҳо, Наср ибни Аҳмад ва умуман хонадони Сомониён сӯиқасде

---

[1] Мирзоев А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ. С. 46.
[2] Ҳамон ҷо. С. 46.

ташкил медиҳанд ва мақсадашон ин будааст, ки қарматиён ва Насрро аз байн бурда, ҳатто хонадони Сомониёнро тамоман аз ҳуқуқи салтанат маҳрум гардонанд».[2]

Шояд ба далели ин ки Низомулмулк душмани сарсахти мазҳаби исмоилия буд ва наметавонист холисона пиромуни онҳо қазоват кунад, донишманди эронӣ А. Заринкуб ба ин назар аст, ки «изҳори тамоюли Наср ибни Аҳмад ба даъватгарони шиъа мумкин аст як тадбири сиёсии вай барои ҷилавгирӣ аз тавсеаи қудрат ва нуфузи фақеҳони суннимазҳаб буда бошад, ки дар муқобили ислоҳоти ӯ ё гароише, ки ба эҳёи фарҳанги эронӣ дошт, ба мухолифат истода буданд. Ба ҳар ҳол ривоят бад-он гуна, ки Насрро ба гароишҳои зидди суннӣ муттаҳам мекунанд, дар маъхазҳои расмӣ ва қавли муаррихони қадимтар нест ва он чи низ дар ривоятҳои дигар ҳаст ношӣ аз дудастагиҳое ба назар мерасад, ки дар охири аҳди Наср, фақеҳонро дар муқобили ӯ қарор дода буд».[3] Чизе ки воқеият дорад, пирӯзии тарафи мухолифи ӯст, ки саранҷом таҳдид ва таҳрики онҳо Насрро водор кард ба нафъи писараш аз ҳукумат канора гирад ва рӯзҳои охири умрро дар гӯшанишинӣ гузаронад. Ба ҳангоми марг умраш ба чиҳил намерасид ва баъд аз вафот лақаби «амири саъид»-ро ба ӯ доданд.

Баъд аз Наср (914-943) писараш Нӯҳ ибни Наср (943-954) ба ҳокимият расид ва халифаи Аббосӣ барояш хилъат ва фармон фиристод. Мақоми вазирӣ ба як тан аз фақеҳон Абӯлфазл Муҳаммад ас-Суламӣ, маъруф ба Ҳокими Ҷалил расид ва ин нукта низ ғалабаи ҷиноҳи тарафдорони фақеҳонро дар дудастагиҳои охири аҳди Наср таъйид мекунад, ки бо кумаки ӯ ҷонибдорони Наср аз дарбор канора карда шуданд. Аксари вақти Абӯлфазл Муҳаммад ас-Суламӣ бештар ба ибодат сарф мешуд, ки дар натиҷа корҳои ҳукумат аз маҷрои дурусташ берун рафт.[4]

---

[1] Хоҷа Низомулмулк. Сиёсатнома. Нақду таҳлил ва вероиши матн, тавзеҳот ва феҳристҳо М. Истеъломӣ. Теҳрон, 1390. С.12.
[2] Мирзоев А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ. С. 46.
[3] Заринкуб А. Рӯзгорон. Таърихи Эрон аз оғоз то суқути салтанати Паҳлавӣ. С.393-394.
[4] Заринкуб А. Рӯзгорон. Таърихи Эрон аз оғоз то суқути салтанати Паҳлавӣ. С.394.

Оғози фурӯпошии давлати Сомониён дар ҳамин аҳди Нӯҳ ибни Насри II (943-954) ва таслим шуданаш ба хостаҳои фақеҳон шурӯъ шуд ва давраи ҳукумронии ин амири Сомонӣ оғози ба бӯҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ гирифтор шудани давлати Сомониён буд ва бе шак зиддиятҳои бардавоми мазҳабӣ, низоъҳои дохилӣ, истисмори заминдорон, афзудани миқдори андозҳои гуногун, ба марказ итоат накардани ҳокимони маҳалӣ, афзудани нуфузи сарлашкарони турки гавардияи амирӣ дар дарбор, афзудани нуфузи рӯҳониён дар дарбор, напардохтани музди маоши солонаи аскарон, афзудани нуфузи хонадони ғазнавиён дар Хуросон, бозичаи дасти сипаҳсолорони турк гаштани амирони сомонӣ, хиёнати сипаҳсолорони турку роҳониён ба хонадони Сомониён, аз боварии омаи халқ баромадани хонадони сомониён, напардохтани андози солона аз ҷониби ҳокимони ба ном тобеъ ба дарбор ва бад шудани сатҳи ичтимоии мардуми маҳалӣ ин равандро тезониданд.

А.Мирзоев бо вуҷуди ин ки медонад, ки муаллифи «Сиёсатнома» ихтилофи ақидатӣ бо доиёни исмоилӣ дорад, ба дурустии ахбори Низомулмулк дар бораи гароиши Наср ибни Аҳмад ва ашрофи дарбори ӯ  ба мазҳаби исмоилӣ, ки дар натиҷа фақеҳон ва сипаҳсолорони турк ба ҷони амири Сомонӣ суиқасд намуда, талоши гирифтани қудрати сиёсиро намуданд, шакк намеорад ва менависад, ки «Нӯҳ ибни Наср барои ин ки салтанатро дар дасти худ нигаҳ дорад, талаботи ду гурӯҳи зикршудаи табақаи ҳокимро бо тамоми маънӣ риоя карда будааст, яъне бо сардории ӯ ва бо дасти рӯҳониёни мазҳаби расмии исломӣ – уламои мутаассиб, мазҳаби суннӣ ва гвардияи турк, қарматиҳо ва умуман хайрхоҳони фотимиҳо бераҳмона қатл ва ғорат карда шуда буданд».[1] Бояд зикр кард, ки дар таҳқиқотҳои дар солҳои охир анҷомдода ин нуқтаи назари А.Мирзоев ҷонибдорӣ шудааст. Аз ҷумла дар ҷилди дуюми китоби «История таджикского народа», ки соли 1999 зери назари академик Н.Неъматов ба нашр расидааст, зикр мешавад, ки

---

[1] Мирзоев А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ. С. 48.

Наср мазҳаби исмоилияро пазируфта буд.[1]

А.Мирзоев дар ин мақола ба китоби «ас-Саводу-л-аъзам», ки бар мабнои мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат ба арабӣ навишта шуда буд ва ба дастури Исмоили Сомонӣ аз ҷониби Хоҷа Абулқосими Самарқандӣ ба забони тоҷики форсӣ тарҷума гардид, ишорае мекунад ва тазаккур медиҳад, ки таълифи ҳамчунин китоб бинобар «бисёр шудани гумроҳон» дар Мовароуннаҳр ва «бешубҳа ба сахтгириҳои нисбат ба қарматиҳо шуда гузашта алоқаманд мебошад. Фавран ба тоҷикӣ-форси дарӣ тарҷума карда шудани ин китоб ва баъд аз чанде ба ин забон низ тарҷума карда шудани «Тафсири Табарӣ» чунин нишон медиҳад, ки рӯҳониёни мутаассиби мазҳаби расмии исломӣ баъд аз воқеаи зикршуда барои мустаҳкам намудани мавқеи худ бар зидди аҳли дигар мазҳабҳо то як вақти муайян хеле чорабиниҳои ғоявӣ дида буданд».[2]

Сабаби озодона таблиғ гардидани мазҳаби исмоилия ва билохира ба он гароиш пайдо намудани дарбориён ва амири Сомониро академик А.Мирзоев хеле дақиқ муайян кардааст, ки он дар озодии афкор, таҳаммулпазирӣ ва таъқиб нашудани дигарандешон дар қаламрави Сомониён хулоса мешавад.[3]

Мавзӯи дигари ҷолибе, ки дар зимни баррасии ҳаёти сиёсии давраи Наср ибни Аҳмад ба он А.Мирзоев таваҷҷуҳ кардааст, ин дар солҳои 326-331 ҳ.қ./937-942 ба қавли донишманд «ба як ҳолати номаълуме аз байн рафтани чанде аз одамони муътабари Сомониён аст».[4] Олим мутмаин аст, ки бар асари тавтиаи рӯҳониёни мутаассиб ва сарлашкарони турки сипоҳи Сомонӣ, ки дар боло дар бораи иттиҳоди байни онҳо сухан рафта буд, шахсиятҳои маъруфи дарбори Сомонӣ Абӯтайиби Мусъабӣ, Ҷайҳонии дуюм, Абулфазли Балъамӣ ва Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ҳамон солҳои зикршуда аз олам чашм пӯшиданд ва маргашон рамзомез аст. Бо такя ба ахбори «Ятимату-д-

---

[1] История таджикского народа. Т.II. Под редакцией академика Н.Негматова. Душанбе, 1999. С.438.
[2] Мирзоев А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ. С. 48.
[3] Мирзоев А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ. С. 45.
[4] Ҳамон ҷо. С. 48.

даҳр»-и Саолабӣ ва «Таърихи Масъудӣ»-и Абулфазли Балъамӣ менависад, ки «бар ӯ (Абӯтайиби Мусъабӣ) чашм расид... ва заминро аз хуни ӯ сероб кард ва дар бораи Ҷайҳонӣ зикр мекунад, ки соли 320 ҳ.қ дар зери овор мурдааст. Абулфазли Балъамӣ соли 326 ҳ.қ. аз вазорат маъзул шуд ва ахбор пиромуни марги ӯ норавшан аст. Барои тайиди ҳарфҳои худ А.Мирзоев иқтибос аз донишманди эронӣ Саъид Нафисӣ (1896-1966) меорад, ки дар натиҷаи қатлу ғорати қарматиҳо дар солҳои 326-331 ҳ.қ./937-942 Рӯдакӣ ва Балъамӣ аз миён рафтанд.[1]

А.Мирзоев ҳақ ба ҷониб аст, ки ҳодисаи марги шахсиятҳои маъруфи дарбори Наср ибни Ахмадро дар хориҷ аз маҳдудаи воқеаҳои марбут ба таъқиби қарматиён тасаввур намекунад ва бо ҳам робитаи мустақим доштани ин ҳодисаҳоро бовар дорад. Донишманд дар зимн далели мантиқӣ меорад, ки чун Наср ибни Аҳмад «пайравии фотимиҳоро қабул карда буд, табиист, ки баъзе одамони наздики ӯ бо ӯ ҳамроз буданд, ин тариқа одамон дар вақти таъқиб гардидани қарматиҳо, албатта, солим намемонданд».[2] Бо таҳлилӣ ахбори «Комилу-т-таворих»-и Ибни Асир ва «Зайну-л-ахбор»-и Гардезӣ, ки менависанд дар соли 331 ҳ.қ Наср ибни Ахмади Сомониро марг фаро расид ва дар ин сол аз пешвоёни давлати ӯ касе намонда буд, зеро ки баъзе аз ӯ рӯй гардонида, чанде кушта шуда ва теъдоде вафот карда буданд, А.Мирзоев хулоса мекунад, ки таъқиб ва қатли қарматиҳо як чанд сол пеш аз марги Наср шурӯъ шуда, «яке аз сабабҳои аз байн рафтани одамони муътабари дарбори Сомониён ҳамин воқеот шуда будааст».[3]

Нуктаи ҷолибе, ки қаринаи онро дар таърихнигории ин замони тоҷик пайдо намекунем, ин хулосаи А.Мирзоев роҷеъ ба марги Наср ибни Аҳмади Сомонист. Дар ин соли 331 ҳ.қ./942-43 дар Бухоро ду нафар мубаллиғони қарматия Абӯяъқуб Исҳоқ ибни Аҳмади Сигзӣ ва Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Нахшабӣ ба қатл мерасанд ва дар

[1] Ҳамон ҷо. С. 48-49.
[2] Мирзоев А. Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ. С. 49.
[3] Ҳамон ҷо. С. 49-50

моҳи раҷаби ҳамон сол (моҳи марти 943) Наср ибни Аҳмад низ вафот мекунад. А.Мирзоев ба натиҷае мерасад, ки куштори мубаллиғони қарматӣ ва марги Наср бо ҳам робита доранд ва барои тайиди матлаби худ иқтибос аз С.Нафисӣ-олими маъруфи Эрон меорад, ки мегӯяд: «марги (Наср) бештар бад-он менамояд, ки дар ҳамин ҳаводис (яъне куштори қарматиён) аз миён рафтааст ва ин ки лақаби ӯро «Малики Саид» навиштаанд, қаринаи дигаре ба ин матлаб аст».[1]

Агар пажӯҳишҳои дар заминаи таърих ва фарҳанги давлати Сомониён анҷомдодаи донишмандонро дар охири солҳои 50-уми садаи гузашта натиҷагирӣ кунем, наметавон дар зимн аз асарҳои дигари бунёдии донишманди тоҷик А.Мирзоев чун «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ», «Осори Рӯдакӣ» ва «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ», ки соли 1958 ба нашр расидаанд, зикр нанамуд.[2] Агар дар китоби «Осори Рӯдакӣ» тамоми ашъори то замони мо расидаи Рӯдакӣ гирди ҳам оварда шуда бошанд, дар китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» бошад, маълумот дар бораи шоирони ҳамасри Рӯдакӣ, аз ҷумла ахбори кӯтоҳи шарҳиҳолӣ ва намунае аз осори 60 нафар аз шоирони аҳди Сомонӣ ва 11 нафар, ки қабл аз Рӯдакӣ зиндагӣ кардаанд, дода шудааст. Ин китоб дар асл асари бисёр муҳим мебошад, ки арзиши он ҳатто фаротар аз асари маъруфи С.Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик» шинохта шуд, зеро ба таври комил тамоми намояндагони адабиёти аҳди Сомониёнро фаро мегирифт.

Хулоса, дар ду асари муҳими худ «Абӯ Абдулло Рӯдакӣ» ва «Рӯдакӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ» А.Мирзоев ба такя ба ахбори манобеи таърихӣ ва осори илмӣ вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросонро дар арафаи ишғоли арабҳо, муқовиматҳои миллӣ озодихоҳӣ дар ин сарзамин бар зидди арабҳо, ба сари қудрат омадани ашрофи маҳаллӣ чун Тоҳириён, Саффориён ва Сомониёнро баррасӣ намуда, омилҳои рушду тараққии давлати Сомониёнро мушаххас карда, сababи суқути ин давлат ва аз саҳнаи сиёсӣ рафтани дудмони Сомониро дақиқ муайян

---

[1] Ҳамон ҷо. С. 50.

[2] Мирзоев А. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ. Сталинабад, 1958. – 276 с.; Осори Рӯдакӣ. Сталинабад, 1958. -544 с.; Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Сталинабад, 1958. -408 с.

сохтааст. Академик А. Мирзоев бо офаридани асари зикршуда бе шубҳа дар қатори аввалин донишмандони сомониёншиносии тоҷик ба шумор меравад.

## II.3. **Инъикоси рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хурусони нимаи дуюми асри XV ва иптидои асри XVI дар асарҳои академик А.Мирзоев**

Барои академик А.Мирзоев ин ҳақиқат маълум буд, ки бе муфассал омӯхтани воқеаҳои таърихӣ ва ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ин ва ё он давр дар бораи фазои фарҳангӣ ва шахсиятҳои бузурги илмию адабии он ба натиҷагирии илмӣ расидан ғайри имкон аст. А.Мирзоев ба таври муфассал сарчашмаҳои таърихиро меомӯхт ва дар зимн барои муҳаққиқон ва шогирдонаш намунаи ибрат буд.

Агар пажӯҳишҳои таърихӣ ва адабиётшиносию забоншиносии академик А.Мирзоевро ба муқоиса мегирем, мебинем, ки осори ба таърих бахшидаи ӯ аз адабиётшиносию забоншиносияш бештар ва қавитаранд. Ба назар мерасад, ки ба таърих рӯй овардани академик А.Мирзоев ба ҳангоми пажӯҳишҳои адабиётшиносиаш ба яқин аз ҳамкориҳояш бо академик Б.Ғафуров(1909-1977) сарчашма мегирад. Ин ҳамкориҳо ба ҳангоми навиштани «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» аз ҷониби Б.Ғафуров оғоз шудааст, ки муҳарририи ин асарро А.Мирзоев ба ӯҳда дошт.[1] «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и Б.Ғафуров аз баррасии таърихи аҳди қадим оғоз шуда, то шӯриши соли 1916 дар Хуҷандро фаро гирифтааст.

Аввалин пажӯҳиши академик А.Мирзоев дар заминаи таърихнигорӣ, ки ба табъ расидааст ин инъикоси баъзе масоили таърихӣ дар тазкираи Малеҳои Самарқандӣ мебошад.[2]

Мақолаи дигари олим ба баррасии замони шоири маъруф Сайидои Насафӣ ихтисос дода шудааст, ки соли 1946 дар маҷаллаи «Шарқи сурх» ба табъ расид.[3] Дар бораи замони Сайидо баъдан ба ҳангоми

---

[1] Ғафуров Б. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Сталинобод: нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. -384 с.

[2] Мирзоев А. Тазкираи Малеҳо ва баъзе масъалаҳои таърих // Шарқи сурх. 1946. №1. С.29-35

[3] Мирзоев А. Замони Сайидо //Шарқи сурх. 1946. №7. С.39-43.

баррасии рисолаи олим «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик» дар зербоби дигар таваққуф хоҳем кард.

Соли 1952 А.Мирзоев мақолаеро тахти унвони «Ба муқобили вайрон карда шудани ҳақиқати таърихӣ» дар маҷаллаи «Шарқи сурх» ба нашр мерасонад.[1] Ин мақола тақризе ба романи нависандаи ӯзбек Т.Ойбек «Навоӣ» мебошад, ки соли 1944 ба муносибати 500-солагии Алишер Навоӣ (1441-1501)аз тарафи Нашриёти давлатии Узбекистон дар шаҳри Тошканд ба чоп расидааст. А.Мирзоев муаллифи романи «Навоӣ»-ро ба сабаби ноқис ва заиф нишон додани муносиботи дӯстонаи Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) бо Навоиро танқид карда, дар ин асар аз сарчашмаҳои таърихӣ истифода накардани мукотиботи онҳоро, ки баёнгари муносиботи самимонаи ин ду шоир аст, таъкид мекунад.[2] Муаллиф дар ин мақола бештар ба муносиботи Навоӣ ва Биноӣ, ки Т.Ойбек онҳоро душманона тасвир кардааст, дахл карда, далелҳои овардаи муаллифро бемавқеъ ва таҳрифи таърих дониста, аз Ҳирот ба Ироқ рафтани Биноиро на аз муносибатҳои мушкили Биноӣ бо Навоӣ, балки аз қавли Навоӣ дар «Маҷолис-ун-нафоис» «аз ҷиҳати мутакаббир буданаш ба дили халқ мақбул нашуд, аз таън ва ташаннеи мардум дар Ҳирот истода натавониста, ба Ироқ рафт», медонад.[3] А.Мирзоев барои тақвияти гуфтаҳои Навоӣ баъдан сабаби аз Ҳирот ба Ироқ рафтани Биноиро аз қавли худи шоир, ки дар маснавии «Беҳрӯз ва Баҳром» мегӯяд:

Чи кунам ҳосидони хуношом,

Қасди ман карда аз саҳар то шом, - баён карда, менависад, ки «Биноӣ дар натиҷаи фишори муҳити зарарноки шаҳри онвақтаи Ҳирот…дар Ҳирот зиндагӣ карда натавониста, ба зарурат аз ватани худ ҳиҷрат кардааст».[4]

Мақолаи «Ба муқобили вайрон карда шудани ҳақиқати таърихӣ»

---

[1] Мирзоев А. Ба муқобили вайрон карда шудани ҳақиқати таърихӣ // Шарқи сурх. №12. Сталинобод, 1952. С.89-101.
[2] Ҳамон ҷо. С.91.
[3] Ҳамон ҷо. С.94.
[4] Ҳамон ҷо. С.94-95.

баъдан сароғози ба зиндагӣ ва рӯзгори Камолиддин Биноӣ(1453-1512) рӯй овардани академик А.Мирзоев мегардад. Соли 1957 рисолаи А.Мирзоев бо номи «Биноӣ» ба забони тоҷикӣ ва соли 1976 он ба забони русӣ бо номи «Камал-ад-Дин Бинаи» ба табъ расид.[1] Дар мушаххас намудани баррасиҳои таърихии нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри XVI Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби А.Мирзоев мо рисолаи ба забони тоҷикӣ навиштаи олимро асоси омӯзиш қарор медиҳем ба ин далел, ки нахуст дар овардани иқтибосҳо аз забони асл ба лағзишҳо роҳ дода нашавад ва дувум рисолаи русии «Камал-ад-Дин Бинаи»-и олим тарҷумаи ҳамин рисолаи «Биноӣ» ҳаст ва усулан аз нигоҳи муҳтаво ва фарогирии матолиб аз рисолаи ба забони тоҷикӣ таълифнамудааш тафовуте надорад.

А.Мирзоев дар бобҳои зерини рисолаи «Биноӣ»: «Биноӣ ва замони зиндагии ӯ»,[2] «Биноӣ ва ҷараёни зиндагии ӯ»[3] ва «Биноӣ ҳамчун муаррих»[4] масоили таърихию адабии нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри XVI Мовароуннаҳру Хуросонро матраҳ кардааст. Муаллиф дар ибтидо омӯзиши ин масъаларо аз ҷониби таърихнигорон ва шарқшиносони маъруф, аз ҷумла В.В.Бартолд,(1869-1930) А.А.Семёнов, (1873-1958) А.М.Беленитский, (1904-1993) И.П.Петрушевский, (1898-1977) А.Н.Болдирев, (1909-1993) А.Ю.Якубовский, (1886-1953) Б.Ғафуров,(1909-1977) Е.А.Давидович,(1922-2013) Е.Э. Бертелс (1890-1957) ва дигарон таъкид намуда,[5] ҳангоми нигориши ҷараёни зиндагии Биноӣ авзои сиёсии Мовароуннаҳрро баъд аз вафоти Шоҳрух ва Улуғбег баррасӣ мекунад. Баъд аз вафоти Шоҳрух (1405-1447) ҳамчуноне ки интизораш мерафт, ноороміҳо ва беназмиҳо умурии идории давлати Темуриёнро(1370-1507) дар Хуросону Мовароуннаҳр халалдор кард. Пас аз Шоҳрух писари ӯ Улуғбек(1409-1449) натавонист дар низоми

---

[1] Мирзоев А. Биноӣ. Сталинобод, 1957. -491 с.; Мирзоев А.М. Камал-ад-Дин Бинаи. Москва: Наука, 1976
[2] Ҳамон ҷо. С.9-56.
[3] Ҳамон ҷо. С.90-140.
[4] Ҳамон ҷо. С.357-375.
[5] Ҳамон ҷо. С.9-17.

давлатдорӣ аз худ шоистагӣ нишон диҳад ва дар асари мухолифатҳо бо писараш Абдуллалтиф (1449-1450) 27 октябри соли 1449 ба қатл расид.[1] А.Мирзоев менависад, ки задухӯрдҳои сиёсӣ, ҷангҳои дохилии феодалии баъд аз соли 1449, пас аз марги Улуғбек бавуҷудомада, то солҳои 1469 дар байни авлоди Темур ва дигар феодалони маҳаллӣ давом намуданд[2] ва шаҳри Самарқанд пас аз ин ҳамчун як маркази сиёсӣ ва илмию мадании Мовароуннаҳру Хуросон «аҳамияти худро гум кард».[3]

Академик А.Мирзоев бо таҳқиқи осори таърихӣ ва баррасии осори илмии бахшида ба авзои Мовароуннаҳри баъди солҳои 40-уми асри XV ба хулосае мерасад, ки аз соли 1451, яъне аз замони бо кӯмаки Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор Абуллохонро (1450-1451) ба қатл расонда ҳукуматро дар Самарқанд соҳиб шудани Абӯсаид (1451-1469) вазъият тағйир хӯрда, «Хоҷа Аҳрор ва наздикони ӯ дар замони ин ҳукумрони Темурӣ ва фарзандони ӯ на фақат дар ҳаёти хоҷагӣ-иқтисодӣ, балки дар ҳаёти сиёсии мамлакат низ нуфузи калоне пайдо намуданд».[4]

Хоҷа Аҳрор(1404-1489)аз сарватмандтарин шахсиятҳои замони худ ба ҳисоб мерафт ва худи Хоҷа Аҳрор низ ин матлабро ошкоро гуфтааст, ки аз заминҳои дар Самарқанд будааш ҳамасола ба девони Аҳамад мирзо 80000 мани Самарқанд гандум ба сифати ушр ворид мекунад.[5]

Далели асосие, ки ҳокимони темурии Мовароуннаҳрро зери нуфузи хонадони Хоҷа Аҳрор қарор дода буд, соҳиби мулкҳои ободи ва сарвати беандоза будани онон буд: «Ба ӯ [Хоҷа Аҳрор] 1300 қитъа замин (ҳудуди 35 ҳазор гектар замин)[6] дар вилоятҳои мухталифи Осиёи Миёна таъаллуқ доштанд. Ушронае (молиёти замин ба миқдори 0,1 ҳисса аз ҳосил), ки Хоҷа Аҳрор аз заминҳои дар вилояти Самарқанд доштаи худ

[1] История таджикского народа. Т III. Душанбе: Дониш. 2013. С.456-458.
[2] Мирзоев А. Биноӣ. С.32.
[3] Ҳамон ҷо. С.115.
[4] Ҳамон ҷо. С.32.
[5] Иванов П.П. Хозяйство Джуйбарских шейхов. Москва-Ленинград, 1954. С.13.
[6] Ҳамон ҷо. С.13.

ба давлат мепардохт, баробари 80 ҳазор ман [баробар 1600 тонн] буд»[1]. Дар аҳди охирин намояндагони сулолаи темурии Мовароуннаҳр – Абӯсаъид (1451-1469) ва Аҳмад мирзо (1469-1494) ба Хоҷа Аҳрор пазируфтани тахти хонӣ пешниҳод гардид ва ӯ аз сари хашм рад намуд, вале ҳамчуноне, ки аз асноди таърихӣ ба исбот расидааст, Хоҷа Аҳрор то охирин лаҳзоти зиндагии хеш аз ҳукумати мутлақи сиёсӣ бархӯрдор буд.[2] «Далели аз сари хашм рад намудани сарири хонӣ аз ҷониби Хоҷа Аҳрор на ин будааст, ки ӯ кадом ихтилофе бо ҳукамои вақт дошт ва ё бо таваҷҷуҳ ба вазъи риққатбори зиндагии мардум аз сари эътироз аз тахти салтанат даст кашидааст, балки намехост норизоятие, ки мардум дар он аҳд аз ҳукамо доштанд бо муҳаббате, ки миёни мардум касб карда буд, таъвиз кунад ва бо ин амал ҳам ҳукаморо ризоятманд медошт ва ҳам ба эътибори хеш миёни мардум афзунӣ мебахшид».[3]

Дар идомаи ин мавзӯъ А.Мирзоев менависад, ки дар натиҷаи таъсири Ҳоҷа Убайдуллоҳи Аҳрорӣ хурофоти динӣ қувват гирифта, дар замони салтанати султон Аҳмад (1469-1494) вазъияти мавҷуда дар Мовароуннаҳр беҳтар намегардад.[1] Соли 1494 ҳокими Самарқанд Аҳмад мирзо вафот кард ва ӯ бо унвони «султон» танҳо ҳокимият дар Мовароуннаҳр дошт. Чун Аҳмад мирзо писар надошт ва ҳама фарзандонаш духтар буданд, бинобар ин ҳокимият дар Мовароуннаҳр ба дасти бародари ӯ – Маҳмуд ибни Абӯсаид (1494) , ки ҳокими Ҳисори Шодмон, Қундуз, Бағлон, Хутталон ва Бадахшон буд, мегузарад. Аммо ҳукумати ӯ низ дер давом накард. Дар ҳамин сол Маҳмуд ибни Абӯсаид вафот кард ва писари ӯ Бойсанғур мирзо (1494-1497) ҳокими Самарқанд интихоб шуд, ки Мовароуннаҳрро ба гирдоби шадиди буҳрони сиёсӣ андохт. А.Мирзоев сабабҳои гирифтори ноорomiҳо гаштани Мовароуннаҳро дар замони ба қудрат расидани Бойсанғур аз қарори зайл мебинад: «Баъд аз марги султон Маҳмуд мирзо ибни султон Абӯсаъид, ки дар моҳи муҳаррами соли 900 ҳиҷрӣ (октябри соли 1494)

---

[1] Ғафуров Б. Тоҷикон. -Ҷ.1. -Душанбе, 1983. С.663.
[2] Иванов П.П. Хозяйство Джуйбарских шейхов. С.8.
[3] Камол Ҳ. Хоҷа Аҳрор сархайли силсилаи эшонҳо // Фарҳанг. -№3. 2006. С.12.

дар Самарқанд воқеъ гардида, ба ҷои ӯ писараш Бойсанғур мирзо ба тахт нишаст, Мовароуннаҳр ба майдони кашмакашҳои тоҷутахтталабии авлоди султон Абӯсаъид табдил ёфт. Ба ҳаёти сиёсии ин мамлакат мудохалат карда исдодани бодиянишинони саҳроӣ, аз як тараф ва дар аввалҳои соли 901 ҳиҷрӣ ба болои водии Ҷағониён, Ҳисорот, Хатлон ва шимолу шарқии хоки имрӯзаи Афғонистон лашкар кашидани султон Ҳусейн мирзо вазъияти мамлакатро бештар нооором намуд. Табаддулоти сиёсии феодалӣ, ки дар аввалҳои соли 1496 дар Самарқанд ба вуҷуд омад, вазъияти мавҷударо боз бадтар кард. Мовароуннаҳр, махсусан водии Самарқанд, аз нав ба саҳнаи муборизаҳои хунии феодалӣ мубаддал гардид. Бобур мирзо аз Андиҷон ва султон Али мирзо аз Бухоро омада шаҳри Самарқандро муҳосира намуданд. Наздикони Шайбонихон бо мақсадҳои ба даст даровардани Самарқанд низ бо баҳонаи кӯмак расонидан ба Бойсанғур мирзо машғули мудохала гардиданд».[1]

Илова ба сабабҳои зикрнамудаи А.Мирзоев дар буҳрони сиёсии Мовароуннаҳр омилҳои дигаре низ буданд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо омили дигари ихтилофҳо ва муборизоти шадид миёни охирин намояндагони сулолаи Темурӣ дар Мовароуннаҳр низ дар он будааст, ки Бойсанғур мирзо дар идораи мамлакат ҳаққи афзалиятро ба ашрофзодагони Ҳисор медиҳад (ӯ дар соли 1477 дар Ҳисор таваллуд шудааст) ва ба ин далел аъёну ашрофи Самарқанд худро таҳқиршуда ҳисобида, дар дастабандиҳои хатарнок дар атрофи бародари Бойсанғур – султон Алӣ мирзо бар зидди Бойсанғур муттаҳид мешаванд. Ин буд, ки яке аз шахсиятҳои маъруфи Самарқанд бо номи Дарвешмуҳаммади тархони Самарқандӣ бо кӯмаки тарафдорони худ аз Қаршӣ султон Алиро ба Самарқанд даъват карда, ӯро ҳокими Самарқанд эълон кард. Аммо Бойсанғур бо ҷонибдории рӯҳонии маъруф Хоҷа Мукаррим ҳукуматро дубора ба даст гирифта, Дарвешмуҳаммади тархонро ба қатл расонид ва амр дод то чашмони бародараш султон Алӣ мирзоро

[1] Мирзоев А. Биноӣ. С. 115-116.

бо оҳани тофта сӯзонанд. Аммо султон Алӣ фирор кард ва ба манзили Хоҷа Муҳаммад Яҳё – писари Хоҷа Аҳрор паноҳ бурд.[2] Бо кӯмаки Хоҷа Яҳё султон Алӣ ба Бухоро фирор кард ва аз ҷониби ҳокимон ва аъёну ашрофи Бухоро хуш пазируфта шуд. Бо дарёфти ин хабар Бойсанғур ба ҷониби Бухоро лашкар кашид, аммо дар ин набард лашкари Бойсанғур аз ҷониби лашкари султон Алӣ шикаст хӯрд ва Бойсанғур ба Самарқанд ақибнишинӣ кард. Султон Алӣ дар атрофи Самарқанд пайдо шуд ва дерзамоне Самарқандро дар ҳалқаи муҳосира гирифт.

А.Мирзоев менависад, ки дар асари ин кашмакашиҳо «вазъияти аҳолии Самарқанд, бинобар аз атроф нарасидани хӯрокворӣ ниҳоят дараҷа вазнин гашт. Камолиддин Биноӣ (1453-1512) шоҳиди зиндаи ин ҳама воқеот мебошад. Ӯ дар ин вақт дар ҳузури Хоҷа Яҳё будааст. Хоҷа Яҳё барои ин ки фатҳи Самарқандро барои султон Алӣ осон гардонида, зудтар ба рондани Бойсанғур мирзо муваффақ гардад, дар моҳи июни соли 1496 бо рафоқати Биноӣ ва Муҳаммад Солеҳ ба истгоҳи Бобур мирзо омада, масъалаи дар фатҳи Самарқанд иттифоқ бастани султон Алӣ ва Бобур мирзоро ба миён мегузорад… Дар натиҷа Бобур мирзо ва султон Алӣ шахсан бо ҳамдигар мулоқот намуда, иттифоқ ташкил месозанд».[3]

А. Мирзоев идомаи буҳрони сиёсии Мовароуннаҳрро бар асоси асарҳои Камолиддин Биноӣ «Шайбонинома» ва «Футӯҳоти хонӣ», инчунин «Бобурнома»-и Заҳириддин Муҳаммади Бобур баррасӣ карда, менависад, ки «соли 1497 вазъият барои Бойсанғур мирзо хеле вазнин гардид. Агарчанде дар ин вақт худи Шайбонихон, (1451-1510)бинобар даъвати Бойсанғур мирзо ба Самарқанд наздик шуд, лекин аз чӣ сабаб бошад, Бойсанғур бо ӯ дуруст ихтилот накард, аз ин сабаб Муҳаммад Шайбонӣ бисёр таваққуф накарда, фавран ба Туркистон баргашт».[4]

А.Мирзоев сабаби таваққуф накардани Шайбонихон дар

---

[1] Мирзоев А. Биноӣ. С 127-128.
[2] Камол Х. История вторжения кочевых племен Дашт-и Кипчака в Мавераннахр и Хорасан. (XVI в.). Душанбе: Дониш, 2012. С.53.
[3] Мирзоев А. Биноӣ. С. 128.
[4] Мирзоев А. Биноӣ. 58.

Мовароуннаҳр ва ё ба таъбири олим «ихтилол накардан» бо Бойсанғурро номаълум гузоштааст. Мувофиқи пажӯҳишҳои охир ин аз он сабаб буд, ки Шайбонихон соли 1497 ба баҳонаи кӯмак ба Бойсанғур, аммо дар асл барои тасхири Самарқанд ба шаҳр наздик шуда буд ва чун Бойсанғур мирзо гӯё ба ӯ таваҷҷуҳи хоссе накарда аст, бинобар ин ба Туркистон бармегардад. Ин омадани Шайбонихон ба Самарқанд амали кашшофӣ буд, то бидонад, ки авзоъ дар гирду атрофии Самарқанд чӣ гуна аст ва чӣ тавр метавонад пойтахти Мовароуннаҳр – Самарқандро бо осонӣ ишғол кунад.[1]

Вазъи Самарқанди муҳосирагашта рӯз аз рӯз мушкил мегашт ва Бойсанғур чун эҳсос намуд, ки дигар бо рақибони хокимияташ муқовимат карда наметавонад, дар моҳи ноябри соли 1497 ба ҷониби Қундуз ақибнишинӣ кард,- менависад А.Мирзоев ва идома медиҳад, ки «Бобур мирзо(1483-1530) ин хабарро шунида, фавран ба ҳаракат даромад ва пеш аз дигар даъвогарони пойтахти Мовароуннаҳр ба Самарқанд соҳиб шуд. Лекин вақти зиёд Самарқандро ба дасти худ нигоҳ дошта натавониста, дар моҳи марти соли 1498, яъне баъд аз сад рӯз пойтахти мамлакатро тарк намуд».[2]

А.Мирзоев менависад, ки Камолиддин Биноӣ сабаби аз Самарқанд берун рафтани Бобурро гирифтори бемории ҳасба шудани ӯ медонад:

Шоҳ бемор шуд дар он фурсат,
Ҳасба шуд ёр бо таби навбат.
То ду маҳ монд бар сари бистар,
З-он сабаб шуд футур дар лашкар.
Ҳар кас аз гӯшае фаро рафтанд,
Кас наёмад ба ҳар куҷо рафтанд.
Шоҳро кас намонд аз лашкар,
Бар дари хона ҷуз дувист нафар…[1]

Бобур худ менависад, ки дар асари ин беморӣ чаҳор рӯз аз сухан

---

[1] Камол Х. История вторжения кочевых племен Дашт-и Кипчака в Мавераннахр и Хорасан. С.54-55.
[2] Мирзоев А. Биноӣ. С. 128-129.

кардан боз мондааст ва ба гулӯяш бо пахта об мерехтаанд.[2] Аммо ин ягона сабаби ақибнишинии Бобур аз Самарқанд набуд. Дар асари муҳосираи тӯлонӣ ва кашмакашиҳои Темуриён Самарқанд дар панҷаи гуруснагӣ ва бадбахтӣ ранҷ мекашид ва тамоми шукӯҳу шаҳомати қаблиашро аз даст дода буд. Чун имкони бо ғизо таъмин намудани лашкари Бобур намонда буд, иловатан лашкариёни ӯ рӯ ба фирор мениҳоданд ва муҳимтар аз ҳама шахсе бо номи Ҳасанбек аз бемории Бобур хабар ёфта, шаҳри Андиҷон – зодгоҳи Бобурро ишғол карда, хешовандони ӯро ба асорат гирифта буд, боис мегардад Бобур ба ҷониби Андиҷон ақибнишинӣ кунад. Илова бар ин мушкилотҳо лашкари султон Алӣ мирзо ба Самарқанд наздик мешуд ва ин ҳама сабабҳои дар боло зикршуда боиси дар моҳи раҷаби соли 903 ҳ.қ./ феврали соли 1498 ба ҷониби Фарғона рӯй овардани Бобур мегардад.[3]

А.Мирзоев идомаи кашмакашиҳо барои ҳукумат дар Мовароуннаҳрро тавзеҳ дода, менависад, ки «султон Алӣ мирзо (1498-1500) пас аз ба Фарғона равон шудани «иттифоқчии» худ (Бобур мирзо) вақтро зоеъ накарда, дар худи ҳамон моҳ ба Самарқанд дохил шуда, ихтиёри мамлакатро ба дасти худ гирифт».[4] Он чи ки дар бораи замони ҳукумати султон Алӣ дар Мовароуннаҳр А.Мирзоев мегӯяд, ба зиндагии Камолиддин Биноӣ иртибот мепазирад. «Камолиддин Биноӣ-, менависад А.Мирзоев,- дар ҳол султон Алӣ мирзоро истиқбол кард ё каме баъдтар маълум нест. Он чизе ки дар ин бора аз сарчашмаҳо ба даст медарояд, аз ҳамин иборат аст, ки Биноӣ дар Самарқанд, пас аз ба сари ҳукумат нишастани султон Алӣ мирзо, яке аз иштирокчиёни маҷлиси ӯ гардида, то соли 1500 дар пеши ӯ мемонад»[5] ва идома медиҳад, ки «шоир аз ин давраи зиндагии худ розӣ нест».[6]

Бояд зикр кард, ки ин замон авзоъ дар Мовароуннаҳр боз

---

[1] Ҳамон ҷо. С.82-83.
[2] Захир ад-Дин Мухаммад Бабур. Бабурнаме. Перевод М.Салье.Ташкент, 1958. С.67.
[3] Камол Х. История вторжения кочевых племен Дашт-и Кипчака в Мавераннахр и Хорасан. С.56.
[4] Мирзоев А. Биноӣ. С. 131.
[5] Ҳамон ҷо. С. 131.
[6] Ҳамон ҷо. С.131.

ноороміар ва мухолифатҳо миёни намояндагони хонадони Темурӣ дар Мовароуннаҳр шадидтар мегардад. Соли 1500 Шайбонихон бо кӯмаки ҳокими Тошканд Маҳмудхони муғул, ки 5000 сарбозро дар ихтиёраш гузошта буд, ба ҷониби Самарқанд лашкар кашид ва шаҳрро муҳосира кард. Аъёну ашрофи Самарқанд бо эҳос намудани хатари бузурге сокинони шаҳрро ба муҳофизати он бармехезонанд ва ҳокими Бухоро Муҳаммад Боқӣ тархон бо 10 ҳазор лашкар[1] ба Самарқанди муҳосирагашта ба кумак меояд. Ин хабар Шайбонихонро маҷбур сохт, ки аз муҳосираи Самарқанд даст кашад ва ба ҷанги Муҳаммад Боқӣ тархон равад. Дар наздикии қалъаи Дабусия миёни Муҳаммад Боқӣ тархон ва Шайбонихон ҷанге ба вуқӯъ пайваст, ки дар натиҷа лашкари Муҳаммад Боқӣ тархон шикаст хурд. Ин пирӯзӣ боис гашт то Шайбонихон ба ҷониби пойтахти дуюми Мовароуннаҳр – шаҳри Бухоро лашкар кашад ва онро ишғол намояд.[2]

Таслими Бухоро аз ҷониби рӯҳониён ва аъёну ашроф ба Шайбонихон ба рӯҳияи муҳофизини Самарқанд таъсири манфӣ расонд. Илова бар ин ихтилофҳои дохилӣ ва қасд ба ҷони ҳамдигар намудан миёни аъёну ашрофи Самарқанд бо ин хотима наёфт. Миёни султон Алӣ мирзо аз як тараф ва Бобуру Хоҷа Қутбуддин Муҳаммад Яҳё – муршиди силсилаи нақшбандия аз тарафи дигар душманиҳо ба вуҷуд омад. Султон Алӣ мирзо аз он ҳарос дошт, ки бо он таваҷҷуҳе, ки Хоҷа Қутбуддин Муҳаммад Яҳё ба Бобур дорад, имкони он шояд фароҳам шавад, ки Бобурро ба тахти Самарқанд бинишонад.[3] Бинобар ин султон Алӣ мирзо аз тарси рафтани ҳукумат пинҳонӣ бо Шайбонихон иртибот ҳосил карда, тавассути нома аз таслими шаҳр ба ӯ хабар медиҳад. Шайбонихон ин хабарро бо хушӣ мепазирад ва намояндаи худ Сайид Ҷалолуддин Хованди Бухориро ба Самарқанд ба назди султон Алӣ ба музокира мефиристад.[4] Муаллифи «Ҷаҳонкушои хоқон» дар ин

---

[1] Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. Ҷ.4, нашри. 4. Теҳрон: Хайём, 1380. С.276.
[2] Ҳамон ҷо. С.276.
[3] История таджикского народа. Т.IV. Душанбе: Дониш, 2010. С.36-38.
[4] Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. С.277.

бора чунин менависад: «Чун Шайбакхон аз бартарии Хоҷа Яҳё бар султон Алӣ мирзо хабар ёфт, аз дари макр омада, султон Али мирзоро фирефт ва пайғом дода буд, ки ба ин ҷониб таваҷҷуҳ намояд ва (Шайбонихон) аз барои модари султон Алӣ мирзо (Зуҳрабеги-оғо) номаи муҳаббатомез фиристод ва ӯро ба издивоҷ ба хеш навид дод ва шоҳзода (султон Алӣ) ҳамроҳи он зани содадил ба он афсона фирефта шуд ва азми мулозимати Шайбакхон ҷазм намуд ва дар рӯзи ҷумъа бо сесад савор ба урдӯи Шайбакхон рафт, аммо Шайбакхон аҳдашро шикаст ва ӯро (султон Алиро) кушт ва Хоҷа Яҳё ва бузургони Самарқанд ба ғайр аз итоат чорае надоштанд ва мамолики Самарқанд ва Бухоро ва атрофи онҳо ба тасарруфи Шайбакхон даромад ва узбакон даст ба зулми мардум дароз карданд ва ситам аз ҳад гузашт».[1]

Чуноне ки маълум аст, ин ғалабаи Шайбонихон дер давом накард. А.Мирзоев аз ҳодисаҳои дубора ба дасти Бобур мирзо гузаштани ҳукумат дар Самарқандро бино бар матолиби «Бобурнома» зикр карда, сабаби ғалабаи Бобурро чунин менигорад: «Муҳаммад Шайбонӣ баъд аз фатҳи Самарқанд Ҷонвафо мирзо ном саркардаи худро бо 500-600 нафар аскария дар Қалъаи Самарқанд гузошта, худаш дар Кони гил ном мавзеи беруни Самарқанд қарор мегирад. Бобур мирзо, ки дар ин вақт худашро дар водии Ҳисор гирифта буд, дар мавсими тирамоҳ бо дусад нафар отряди худ бо роҳи Фон ва Киштут ба водии Самарқанд мегузарад ва ба умеди ин ки аҳли Самарқанд, бинобар қадршиносии дерина ӯро ҳимоя хоҳанд кард, шабона бо нардбон аз рӯи девори қалъа ба шаҳр дохил шуда, шабохун мезанад. Дар ҳақиқат аҳли шаҳр, дар навбати аввал Хоҷа  Абулмакорим ба ӯ кӯмак мерасонанд. Дастаи Бобур мирзо бо аҳолӣ як шуда, қувваи ҳарбии дар қӯрғони Самарқанд гузоштаи Шайбонихонро торумор мекунанд. Шайбонихон, вақто ки ин хабарро мешунавад, то таҳти дарвозаи шаҳр расида меояд, вале бинобар кам будани қувваи ҳарбиаш ба муқобили рақиби худ коре карда натавониста, ба муносибати наздик расидани фасли зимистон ба

[1] Ҷаҳонкушои хоқон. Маркази таҳқиқоти форсии Эрон ва Покистон. Исломобод, 1986. С.323.

Туркистон бармегардад ва Самарқанд дафъаи дуюм ба тасарруфи Бобур мирзо медарояд».[1]

Моҳи апрели соли 1501 Шайбонихон бо лашкари зиёде дар атрофи Самарқанд пайдо шуд ва чаҳор моҳ шаҳрро дар муҳосира гирифт. Шаҳриён барои дифои шаҳр захираи хӯрок ва яроқу аслиҳа надоштанд. Бино ба ахбори Бобур ибтидо сокинони шаҳр, аз ҷумлаи пешаварону косибон дар муҳофизати шаҳр фаъолона иштирок доштаанд, ҷасорат ва қаҳрамонӣ нишон дода, нақшаҳои ҳуҷуми Шайбонихонро барбод медоданд. Аммо хиёнат ва суиқасдҳои аъёну ашроф ба ҷони ҳамдигар идома дошт. Аз даст ба даст гузаштани шаҳр боиси ғорат, қатлу куштор ва қаҳтиву гуруснагӣ дар шаҳр гардид. Дар шаҳри муҳосирашуда гуруснагӣ ҳукумфармоӣ мекард. «Вақти гандумпаз расида буд, вале касе ҳосили нав намеовард. Рӯзҳои муҳосира тӯл кашид, мардум ба маҳрумиятҳои зиёде дучор гардиданд, кор ба ҷое расид, ки бенавоён ва муҳтоҷон гӯшти сагу харро мехӯрдагӣ шуданд. Чун еми асп камёб шуд, одамон ба ҷои он барги дарахтро медоданд», -менависад Бобур.[2] Бобур барои кӯмак ба ҳокимони гуногун муроҷиат намуд, вале имдоде нарасид. Ӯ чунин хислати Темуриёнро, ки манфиати умум барояшон бегона буд, хеле аниқ ва дақиқ хотирнишон намудааст: «Мо ба кӯмак ва пуштубонии моликони ҳамсоя ва атрофу акноф умед баста будем, лекин ҳар яки онҳо нақшаҳои худро дошт».[3] Кӯтоҳандешии ҳокими Хуросон султон Ҳусайн, ки на фақат ба Бобур дасти ёрӣ дароз накард, балки ҳатто ба Шайбонихон чоплусӣ намуд, ӯро дар ҳайрат гузошт.[4]

А.Мирзоев шикасти дубораи Бобурро аз Шайбонихон бо он хулоса мекунад, ки бо вуҷуди ин, ки Бобур бо ҷонибдории шаҳриёни Самарқанд ва иддае аз рӯҳониён шаҳрро аз Шайбонихон пас гирифт, аммо бар асари талаву тороҷи лашкари Шайбониён Самарқанд дар

---

[1] Мирзоев А. Биноӣ. С. 133.
[2] Захир ад-Дин Мухаммад Бабур. Бабурнаме. С.109.
[3] Ҳамон ҷо. С.109.
[4] Б.Ғ.Ғафуров. Тоҷикон. Қ.2. Нашриёти: Наука, 1985. С.7.

ҳолати ниҳоят бухронӣ қарор дошт. Ин буд, ки Бобур натавонист дар баробари ҳуҷуми дигари Шайбонихон дар моҳи апрели 1501, ки дар мавзеи Сари Пул рух дод ва Самарқанд чаҳор моҳ дар ҳалқаи муҳосира қарор гирифт, аз ин шаҳр дифоъ кунад ва ӯ «бо як даста отряди хеле ночизе шабона аз шаҳр баромада, роҳи Тошкентро пеш мегирад ва Самарқанд дубора ба тасарруфи Шайбонихон дохил мешавад».[1]

А.Мирзоев бо такя ба ахбори «Шайбонинома» ва «Футуҳоти хонӣ»-и Камолиддин Биноӣ менависад, ки дар раванди аз «тарафи Шайбонихон забт шудани Мовароуннаҳр ва Хуросон, вай аз тарафи султонҳои 15 қабилаи бодиянишини ӯзбек ҳимоя карда шуда будааст».[2] Тибқи ахбори «Маҷмау-т-таворих»-и Ахсикентӣ Муҳаммади Шайбонӣ аз Дашти Қипчоқ бо 92 қабила, ки баъдар дар Мовароуннаҳр бо номи «қабоили элотия» маъруф гаштанд,[3] ба сарзамини Мовароуннаҳр ҳуҷум мекунад ва ин қабилаҳо пас аз шикасти Темуриҳо дар ноҳияҳои марказии Мовароуннаҳр ва шимоли Хуросон сокин мешаванд. Ин равандро Ҳ.Камол «воруди дастаҷамъии қабилаҳои Дашти Қипчоқ ба Мовароуннахр» унвон карда, бо донишманди узбекистонӣ Р.Г.Мукминова,(1922-2007) ки теъдоди қабилаҳои воридшуда ҳамроҳи Шайбонихон ба Мовароуннаҳро чандон зиёд намедонад, баҳс намуда, аз манобеи таърихӣ ва осори илмӣ далели зиёде бар воруди дастаҷамъии қабилаҳои Дашти Қипчоқ бо ҳамроҳии Шайбонихон ба Мовароуннаҳрро меорад.[4]

Баъди таҳлили рисолаҳои «Шайбонинома» ва «Футуҳоти хонӣ»-и Биноӣ сабабҳои шикасти Темуриҳо аз Шайбониён дар Мовароуннаҳрро А.Мирзоев мушаххас карда, бо оҳанги таъйид назари Биноӣ, ки «бетакаллуф сабаби фатҳи Самарқанд аз ин нифоқ (байни Темуриён) шуд»[5] дар ин замина меорад: «Камолиддин Биноӣ сабаби

---

[1] Мирзоев А. Биноӣ. С. 135.
[2] Мирзоев А. Биноӣ. С. 364-365.
[3] Ахсикентӣ С. Маҷмау-т-таворих. Муқаддима, тавзеҳот ва аксбардории пораҳое аз дастхат А.Т.Тагирджанов. Ленинград, 1960. С. 22.
[4] Камол Х. История вторжения кочевых племен Дашт-и Кипчака в Мавераннахр и Хорасан. С.91-93.
[5] Мирзоев А. Биноӣ. С. 366.

фатҳ шудани ин маркази сиёсии давлати Темуриён (Самарқанд)-ро на ба иқтидори ҳарбӣ ва маҳорати кишваркушоии Шайбонихон вобаста мегардонад, балки сабаби асосии онро, чи навъе ки дида шуд, бар хилофи майл ва рағбати Шайбонихон, аз нифоқ ва муқобилияти намояндагони табақаи ҳокими ин шаҳр ҷустуҷӯ мекунад».[1]

Бояд гуфт, ки омилҳое, ки дар ибтидои садаи XVI боиси суқути давлати Темуриёни Мовароуннаҳр гашт, илова ба сабаби дар боло баёншуда, яъне бухрони сиёсӣ, таҷзияталабӣ ва марказгурезӣ, инчунин аз ҳам фосила гирифтани табақаҳои ҷомеа, бетафовут гаштани мардум дар иваз гаштани ҳокимон, ҷонибдории рӯҳоният аз ҳокимони нав барои ҳифзи вазъи иҷтимоии худ ва ғайра низ мебошанд.[2]

Баъди ишғоли шаҳру вилоёти Мовароуннаҳр Муҳаммади Шайбонӣ рӯй ба Хуросон овард, ки ин замон султон Ҳусайн Бойқаро (1469-1507) дар ин сарзамин ҳукумат мекард. Бояд қайд кард, ки баъди марги Темур (1405) пойтахти Темуриҳо аз Самарқанд ба Ҳирот кӯчид ва то вафоти Шоҳрух (1447) Ҳирот чун маркази сиёсӣ, маъмурӣ ва фарҳангии ин давлат ба ҳисоб мерафт. Набераи Мироншоҳ (1380-1397) (писари калонии Темур) Абӯсаид соли 1451 бо кӯмаки пешвои қабилаҳои Дашти Қипчоқ – Абдулхайрхон, (1428-1468) ки домоди Улуғбек низ буд, ҳокимияти Самарқандро ба даст овард ва соли 1456 Хуросон низ тобеи ӯ гардид. Соли 1456 миёни Абӯсаид ва Ҷаҳоншоҳ(1436-1467) - намояндаи қабилаи туркмани Қароқуйюнлу қарордоде баста шуд, ки тибқи он Хуросон дар итоати Абусаид монда, ғарби Эрон ба тобеияти Ҷаҳоншоҳ мемонад. Баъди марги Ҷаҳоншоҳ дар соли 1467 Абӯсаид дар орзуи барқарории ҳукуматаш дар сарзаминҳои аз дастрафтаи Темуриҳо дар ғарби Эрон гашт ва соли 1469 ба ғарби Эрон лашкар кашид. Аммо дар наздикии Табрез дар набард бо амир Узун Ҳасани Оққуйюнлу(1467-1478) кушта мешавад ва ҳукумати Хуросон ба дасти ворисони Умаршайх(1376-1394) – султон Ҳусайн Бойқаро мегузарад. Ҳамин тавр, дар Хуросон бо

[1] Ҳамон ҷо. С. 366-367
[2] История таджикского народа. Т. IV. С. 32-34.

пойтахтии Ҳирот султон Ҳусайн Бойқаро давлатеро таъсис дод, ки то соли 1507 давом ёфт ва бе шакк сабқатро дар сиёсат ва фарҳанг аз Самарқанд рабуд.[1]

Академик А.Мирзоев осори таърихнигории ба нимаи дуюми садаи XV ихтисосдодаи донишмандон роҷеъ ба Хуросонро баррасӣ карда, бар асоси манобеи таърихӣ ба ин натиҷа расидааст: «Дар асарҳое, ки ба масъалаҳои умумии ҳаёти ҷамъиятии ин давр – ҳаёти сиёсӣ ва мадании нимаи дуюми асри XV бахшида шудаанд, чунин ҳолат мушоҳида карда мешавад, ки муаллифони онҳо ба муваффақиятҳои мадании ин давра мафтун шуда истода, нуқсоноти ҳаёти ҷамъиятии онро дуруст дарк карда натавонистаанд, дар натиҷа давраи ҳукумронии султон Ҳусейн мирзо ҳамчун як асри тиллоии маданияти халкҳои Осиёи Миёна тасвир ёфта, худи ӯ монанди як шоири забардаст ва яке аз ташаббускорони асосии муваффақиятҳои илмӣ ва мадании ин давра нишон дода шудааст. Илова бар ин ҳамин тариқа нишон дода мешавад, ки гӯё дар давраи ҳукумронии ин намояндаи хонадони Темуриён муқобилиятҳои дохилии синфӣ, ҷабру зулми феодалӣ ва ниҳоят разилии ахлоқ тақрибан вуҷуд надошта, он чизе ки дар ин соҳа мавҷуд буд, хеле ба майнӯшӣ дода шудани худи султон Ҳусейн мирзо будааст».[2]

Дар солҳои ахир тадқиқотҳое дар бораи баррасии замони ҳукумати султон Ҳусейн Бойқаро анҷом ёфтанд, ки дурустии назари А.Мирзоевро тасдиқ мекунанд. Қаламрави ҳукумати султон Ҳусейн Бойқаро фарогири сарзаминҳои Хоразм дар шимол то Қандаҳору Сиистон дар ҷануб, Балху Ғазнӣ дар шарқ ва Домуғону Бистом дар ғарб буд. Идораи ин сарзамини густурда осон набуд. Султон Ҳусейн ҳар доим ба ғарбу шарқ ва шимолу ҷануби қаламраваш барои ором кардани саркашиҳо ва ҷудоиталабиҳо лашкар мекашид. Илова бар ин миёни султон Ҳусайн ва писаронаш, аз ҷумла писари калониаш

---

[1] История таджикского народа. Т.III. С.459; Камол Ҳ. Авзоъи сиёсии Хуросон бар мабнои нигоштаи В.В.Бартолд «Мир Али-шир и политическая жизнь» // Нақши В.В.Бартолд дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик. Душанбе, 2010. С.28-36.

[2] Мирзоев А. Биноӣ. С.17-18.

Бадеъуззамон (1506-1507) ихтилофҳои ҷиддӣ вуҷуд дошт. Сабаби ин мухолифатҳо дар он буд, ки Бадеъуззамон бо хоҳиши падар аз Астаробод ба ҷанги ҳокими Ҳисор ва Кундуз –Хусравшоҳ омад ва ба ҷойи худ писараш Муҳаммад Муъминро дар он ҷо гузошт. Баъд аз ҷанг Бадеъуззамон ҳокими Балх (1497-1503) таъин шуд ва бар хилофи интизории ӯ писараш ба вазифаии ҳокими Астаробод таъйин нагардида, султон Ҳусайн ба писари дигараш Музаффар Ҳусейн (1497-1507) ҳокимии Астарободро медиҳад. Бадеъуззамон ба писараш фармон медиҳад, ки Музаффар Ҳусейнро иҷозати ворид шудан ба Астарободро надиҳад ва 2 майи соли 1497 Бадеъуззамон бар зидди падар исён мекунад, аммо шикаст мехӯрад. Дар Астаробод Муҳаммад Муъмин ба дасти Музаффар Ҳусейн асир афтода, ба Ҳирот фиристода мешавад ва моҳи сентябри 1497 ӯро дар қалъаи Ихтиёруддин ба ҳабс мегиранд. Дар ҳолати мастии султон Ҳусейн модари Музаффар Ҳусейн – Хадиҷа бики тавассути вазир Низомулмулк аз ӯ фармони қатли набераашро – Муҳаммад Муъминро мегирад. Замоне ки султон Ҳусейн ба худ омад, иштибоҳашро фаҳмида, расуле фиристод, то дастури қатли Муҳаммад Муъминро бекор намояд. Аммо дер шуда буд. Ин ҳодиса боис шуд то миёни Бадеъуззамон ва падараш султон Ҳусейн душманиҳо ба вуҷуд ояд.[1]

Бо истифода аз вазъи нобасомони сиёсӣ, ихтилоф миёни султон Ҳусейн ва писаронаш, инчунин ба идораи давлат дар асари бемории фалаҷ комилан тасаллут надоштани султон Ҳусейн боиси ба Хуросон ҳуҷум овардани Шайбонихон мегардад. Дар тирамоҳи соли 1503 Шайбонихон ба ҷониби Балх лашкар кашид, ки Бадеуззамон – писари калонии Хусейн Бойқаро ҳокими он буд. Бадеуззамон шаҳрро тарк гуфт ва ин боиси поин омадани рӯҳияи ҷангии муҳофизони Балх гардид. Ин буҳрони амиқ боиси он гардид, ки иддае аз амирони темурии Хуросон ба Шайбонихон пайванданд. Аз он ҷумла сарчашмаҳои таърихӣ аз пайвастани бародари амир Алишер Навоӣ– амир Дарвешалӣ «ба ҳасби

---

[1] История таджикского народа. Т.III. С.467-468; Камол Ҳ. Авзоъи сиёсии Хуросон бар мабнои нигоштаи В.В.Бартолд «Мир Али-шир и политическая жизнь» // Нақши В.В.Бартолд дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик. Душанбе, 2010. С.28-36.

ихтиёр ё изтирор сулуки тариқи мулозимат ихтиёр намудани»[1] ба Шайбонихонро хабар медиҳанд.

А.Мирзоев аз лашкаркашиҳои то соли 1507 ба ҷониби Хуросон анҷомдодаи Шайбонихон зикре накарда, дар иртиботи ҷараёни зиндагии Биноӣ роҷеъ ба ҳаводиси дар соли 1507 рухдода менависад: «Биноӣ ва бародари ӯ дар ин лашкаркашӣ (соли 1507 ба Ҳирот) ҳамроҳ буданд; ҳангоме ки Шайбонихон қувваи ҳарбии писарони султон Ҳусейн мирзоро дар наздикии шаҳри Ҳирот шикаст медиҳад, аҳолии шаҳри Ҳирот дарвозаҳои шаҳрро ба рӯи лашкари тарафи муқобил мебанданд. Шайбонихон аз Бодғис истода ба шайхулисломи Ҳирот ва Қозӣ Ихтиёриддин нома мефиристонад, ки ба мулозимати ӯ баромада, шаҳрро таслим намояд. Он қосиде, ки ин номаи Шайбонихонро ба Ҳирот расонида, ҷавоби онро пас меорад, бародари Биноӣ будааст. Акобир ва бузургони Ҳирот бо ҳадя ва пешкаш ба мулозимати Шайбонихон мебароянд ва хон ба ин восита ба шаҳри Ҳирот низ соҳиб мегардад».[2]

Шайбонихон дар тамоми шаҳрҳову вилоятҳои ишғолкардааш чи дар Мовароуннаҳр ва чи Хуросон бо зӯру ҷабр дороиҳои ҳокимони шикастхӯрда ва хешовандони онҳоро азони худ мекард. Ҳамин корро дар Самарқанд кард, ки онро А.Мирзоев аз қавли Биноӣ дар «Шайбонинома» зикр мекунад: «Биноӣ дар «Шайбонинома» аз тарафи Шайбонихон мусодира карда шудани амволи намояндагони сулолаи мағлуб ва тарафдорони онҳоро тасвир карда истода, дар айни ҳол маҳз барои сарватҷамъкунӣ равона карда шудани амалиёти ҳарисонаи авлоди Хоҷа Аҳрорро кушода медиҳад. «Модар, ҳарам ва фарзандони Хоҷаро,-менависад Биноӣ,-чандон рахт ва асбоб аз тилло ва ҷавоҳир баромад, ки аз ҳисоб берун».[3]

Сарватмандони Ҳирот низ дучори ин бадбахтӣ гардиданд. А.Мирзоев дар иртиботи ба ин маъракаи сарватҷамъкунии

[1] Хондамир. Ҳабибу-с-сияр. Ҷ.4. С.298.
[2] Мирзоев А. Биноӣ. С 137.
[3] Мирзоев А. Биноӣ. С. 368.

Шайбонихон шомил шудани Биноӣ бар асоси матолиби «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд, «Бобурнома»-и Заҳириддин Бобур ва «Туҳфату-с-сурур»-и Дарвешалии Чангӣ менависад: «Камолиддин Биноӣ баъд аз ин воқеа аз ранҷи ғурбат халосӣ ёфта, ба ватани маҳбуби худ (Ҳирот) дохил мегардад. Лекин мутаассифона, ин дафъа ҳам кори шоир дар ин ҷо ба дурустӣ пеш нарафта, ба бемуваффақиятии ҷиддӣ дучор гардид. Сабаби рӯй додани ин ҳолат ин шуд: Шайбонихон дар ҷамъ кардани сарват хеле ҳарис буд. Бинобар он дар шаҳрҳои забткардаи худ бо роҳҳои гуногун сарвати намояндагони сулолаи мағлуб ва тарафдорони онҳоро маҷбуран кашида мегирифт. Масалан, ӯ дар Самарқанд ҳамин гуна рафтор карда буд. Дар шаҳри Ҳирот бошад ин амалиёти худро хеле қувват дод. Ӯ илова ба рӯёнидани сарват ва дороии гурӯҳҳои зикршуда, ба дороии намояндагони илму адаб низ чашм дӯхт, бо тасаввуроти ин ки гӯё шоирони Ҳирот дар вақти Темуриён ба воситаи гирифтани ҳадия ва инъомҳо сарвати зиёде ба даст даровардаанд, Муҳаммад Солеҳ (шоири маддоҳи туркзабон)-ро маъмур гардонид, ки тилло ва дороии пурқимати аҳли адабро рӯёнида ба хазинаи хонӣ супорад. Муҳаммад Солеҳ ин хизматро ба Камолиддин Биноӣ мефармояд… Аҳли илм ва адабиёт он қадар дороие надоштанд, ки Биноӣ ба рӯёнидани он муваффақ гардад».[1] Аммо Соммирзои Сафавӣ – шоҳиди воқеаҳои ин давр пешниҳоди ин корро бо ташаббуси худи Биноӣ марбут медонад: «…умури номарзия аз ӯ дар Ҳирот зоҳир гашт, аз ҷумла он ки моли шоиреро ба мардум ҳавола кард…».[2]

Баъди иттилои бедодгариҳо ва ғоратгариҳои Шайбонихон дар хоки Хуросон ва Кирмон шоҳи Эрон Исмоили Сафавӣ (1501-1524) моҳи октябри соли 1510 ба Хуросон лашкар мекашад ва дар ҷанге, ки дар наздикии Марв сурат мегирад, 2 декабри соли 1510 Шайбонихон ба қатл мерасад.[3] Роҷеъ ба ин ҳодиса А.Мирзоев як ишорае дорад, ки «Биноӣ

---

[1] Ҳамон ҷо. С.137-138.
[2] Соммирзои Сафавӣ. Тухфаи Сомӣ. Ба эҳтимоми Рукнуддини Хумоюнфаррух. Теҳрон. С.169.
[3] Камол Х. История вторжения кочевых племен Дашт-и Кипчака в Мавераннахр и Хорасан. С.165.

баъд аз қатли Шайбонихон дигар дар Ҳирот истода натавонист. Дар арафаи ба Ҳирот омадани шоҳ Исмоили Сафавӣ, яъне дар ҳудуди ҳамон соли 1510 бо ҳамроҳии аҳлу аёли хони мақтул аз Хуросон ба Мовароуннаҳр гузашта, дар Қаршӣ истиқомат ихтиёр мекунад».[1]

Аз ҳодисаи лашкаркашии Начми Сонӣ (1450/60-1512) сипаҳсолори Эрон дар тирамоҳи соли 1512 ба Мовароуннаҳр, ки Камолиддин Биноӣ дар асари куштори умумӣ дар Қаршӣ ба қатл мерасад, А.Мирзоев тавзеҳи зиёде намедиҳад ва танҳо менависад, ки «дар тирамоҳи соли 1512 лашкари Эрони Сафавӣ бо сардории Начми Сонӣ барои забти Мовароуннаҳр ба Ҷайҳун гузашт ва аввалин ваҳшонияте, ки ин сардори мутаассиб дар ин сарзамин анҷом дод, қатли оми 15-16 ҳазор мардуми бегуноҳи Қаршӣ буд. Дар ин куштор Камолиддин Биноӣ, ки дар синни 59-солагӣ буд,... низ аз байн рафт».[2]

Дар иртиботи ин воқеа бояд гуфт, ки Бобур мирзо - ҳокими Андиҷон борҳо кӯшидааст, ки ҳокимияти аз дастрафтаашро дар Мовароуннаҳр дубора ба даст орад ва аз ду талоши ӯ мо қаблан зикр кардем. Бобур мирзо аз тарафдорони Сафавиён буд ва ба Исмоили Сафавӣ ваъда дод, ки баъди гирифтани ҳукумат дар Мовароуннаҳр дар хутбаи намоз номи ӯро зикр мекунад ва ба номаш дар Самарқанд сикка мезанад. Ин буд, ки бо лашкари дар ихтиёраш гузоштаи Исмоили Сафавӣ Бобур соли 1512 Амударёро гузашта, ба Ҳисор омада, хонҳои Шайбониро шикаст дода, ба тарафи Самарқанд ҳаракат кард ва дар ҳамон сол ҳукумати Самарқандро ба даст гирифт. Аммо ҳукумати Бобур ба далели тарафдори Сафавиён буданаш ва ба мазҳаби шиа таваҷҷуҳ доштанаш, дар миёни мардум устувор нагашт. Бо истифода аз ин соли 1512 Убайдуллохон (1533-1539) ва Муҳаммад Темури Шайбонӣ ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карданд. Исмоили Сафавӣ барои наҷоти Бобур ба кӯмаки ӯ сипоҳеро бо сарварии яке аз амирони маъруфаш бо номи амир Ёраҳмади Хузонӣ, ки бо тахаллуси Начми Сонӣ машҳур буд,

[1] Мирзоев А. Биноӣ. С.138.
[2] Ҳамонҷо с. 139.

равонаи Самарқанд кард. Дар наздикии Қаршӣ сипоҳи Наҷми Сонӣ бо лашкари Бобур ҳамроҳ шуда, ба ҷониби Қаршӣ ҳаракат карданд. Баъди се рӯзи муҳосира Қаршӣ таслим гардид ва ба дастури Наҷми Сонӣ қатли оми мардум сурат пазируфт, ки дар миёни он ҳама кушташудагон шоирон Камолуддини Биноӣ ва Сайид Ҳасани Оғлақчӣ низ буданд. Наҷми Сонӣ аз Қаршӣ ба ҷониби Бухоро лашкар кашид ва дар наздикии Ғиждувон лашкари Наҷми Сонӣ аз ҷониби лашкари Убайдуллохон ва Муҳаммад Темури Шайбонӣ тору мор шуда, Наҷми Сонӣ асир афтод ва ба қатл расид. Ин ҳодиса сабаби фирори дигарбораи Бобур аз Мовароуннаҳр ба Кобул мегардад, ки баъдан ӯ дар Ҳиндустон давлати Бобуриёни Ҳиндро асос мегузорад.[1]

А.Мирзоев дар боби «Биноӣ ҳамчун муаррих»-и рисолааш нақши Камолиддин Биноиро дар тавсифи воқеаҳои ибтидои асри XVI бузург арзёбӣ намуда, зикр мекунад, ки ӯ «ҳамчун муаррих, ҳанӯз аз нимаҳои асри XIX сар карда, дар адабиёти илмӣ намудор мешавад. Соли 1910 дар китобхонаи хони Хева аввалин дафъа кашф гардидани «Шайбонинома»-и Биноӣ ӯро дар ин соҳа дар шарқшиносӣ бештар маълум гардонид».[2] Академик А.Мирзоев ҳақ ба ҷониб аст, ки вазъияти дохилии ибтидои асри XVI дар Самарқанд ва сабабҳои ба осонӣ ишғол гардидани ин маркази сиёсии Мовароуннаҳр аз ҷониби Шайбониён дар «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»,[3] «Таърихи халҳои Ӯзбекистон»[4] ва асарҳои А.А.Семёнов[5],, (1873-1958) ки «ба масъалаҳои насаб, ва ҳайати узбекони Шайбонӣ ва протсесси аз тарафи Шайбонихон забт карда шудани империяи Темуриён бахшида шудаанд, ахбороти дар ин бора дар «Шайбонинома»-и худ додаи Биноӣ, ҳамчун материали сарчашмаи

---

[1] Камол Х. История вторжения кочевых племен Дашт-и Кипчака в Мавераннахр и Хорасан. С.170-182.
[2] Мирзоев А. Биноӣ. С.138.
[3] Гафуров. Б. История таджикского народа. Москва, 1952. С.327-345.
[4] История народов Узбекистана. Т.II. Ташкент, 1947. С.31-32.
[5] Семёнов А.А. Шейбани-хан и завоевание им империи Тимуридов //Материалы по истории таджиков и узбеков Средней Азии. Труды АН Тад ССР, XII, вып. I. Сталинабад, 1954; Семёнов А.А. К вопросу о происхождении и составе узбеков Шейбани-хана // Труды АН Тадж ССР, XII. Сталинабад, 1954; Семёнов А.А. Первые Шейбаниды и борьба за Мавераннахр // Материалы по истории таджиков и узбеков Средней Азии. Вып.I. Сталинабад, 1954.

асосӣ истифода бурда мешавад».[1]

Асарҳои Камолиддин Биноӣ «Шайбонинома» ва «Футӯҳоти хонӣ» воқеан асарҳои таърихии дасти аввали охири асри XV ва ибтидои асри XVI Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳисоб меранд, зеро муаллифи он шоҳиди бевоситаи воқеаҳои ба вуҷудомада дар ин минтақа мебошад. Ба ин далел А.Мирзоев менависад, ки Камолиддин Биноӣ бо ин ду асари таърихиаш, ки ба кишваркушоиҳои Шайбонихон бахшида шудааст, ба «қатори таърихнависони асри XVI –и халқҳои Осиёи Миёна дохил мешавад».[2] Муаллиф умумиятҳо ва фарқиятҳои ин ду асари таърихии Биноиро баён карда, муайян кардааст, ки ҳар ду ин асар дар замони зиндагии Шайбонихон таълиф шуда, «Шайбонинома» аз замони кӯдакии Шайбонихон ҳодисаҳоро фаро гирифта, ба воқеаҳои сиёсии солҳои 1502-1503 ба охир мерасад. «Футӯҳоти хонӣ» бошад, бо вуҷуди бузургии ҳаҷми худ аз замони кӯдакии Шайбонихон оғоз шуда, ба воқеаи аввалин дафъа аз тарафи Шайбонихон ишғол гардидани Самарқанд дар соли 1500 хотима меёбад.[3]

Иттилои муҳими таърихие, ки аз баррасиҳои таърихии рисолаи «Шайбонинома»-и Биноӣ А.Мирзоев ба даст овардааст, ин дар болои дарёи Кӯҳак (Зарафшон) ба тариқи равоқбандӣ пул сохтани Шайбонихон мебошад. «Аҳамияти таърихии ин маълумот, - менависад А.Мирзоев, - аз ҳамин иборат аст: он равоқи кӯҳнаи хиштин, ки дар даромадгоҳи Самарқанд, дар тарафи рости Зарафшон, дар паҳлуи роҳи оҳан мавҷуд аст, то вақтҳои охир ба осори Темур(1370-1405) ва гоҳо Абдуллохони I (1539-1559) нисбат дода мешуд. Чунин тасаввурот дар адабиёти таърихӣ низ роҳ ёфта буд. «Шайбонинома»-и Биноӣ ҳақиқати ин масъаларо тарзи дигар ҷилвагар намуд. То солҳои 1502, ҳамон навъе ки аз тарзи баёни муаллифи китоб маълум мегардад, дар назди Самарқанд аз рӯи дарёи Зарафшон гузаргоҳе мавҷуд набудааст. Аз ин ҷиҳат дар вақтҳои обхези алоқаи байни шаҳр ва районҳои он тарафи

[1] Мирзоев А. Биноӣ. С.357.
[2] Мирзоев А. Биноӣ. С.360.
[3] Ҳамон ҷо. С.360-363.

Зарафшон бисёр вақтҳо бурида шуда, ҳатто сабаби талафоти ҷонии мардум мегардида аст. Шайбонихон ҳангоме ки дар таърихи зикршуда, аз Бухоро ба Самарқанд меояд, барои барқарор намудани алоқаи доимии шаҳр ва районҳои зикршуда, дар фикри пул сохтан афтода, бо қувваи якҷояи аҳолӣ ва аскарияи худ ин пулро бо равоқбандиҳояш дар муддати як моҳ, дар охири моҳи рабеъу-л-аввали соли 908-и ҳиҷрӣ (ноябри соли 1502) ба охир мерасонад».[1]

Роҷеъ ба ҳодисаҳои асри XVI-и Мовароуннаҳр А.Мирзоев дар мақолаи «Тазкираи Малеҳо ва баъзе масъалаҳои таърих»[2] масъалаи муҳимеро оиди аз ҷониби Шайбониён вайрон кардани ёдгориҳои таърихии давраи Темуриён матраҳ кардааст.

Муҳаммад Бадеъ Малеҳои Самарқандӣ (таваллуд 1650 - вафот аввалҳои асри XVIII) муаллифи тазкираи «Музаккиру-л-асҳоб» аст ва дар тазкирааш дар бораи 165 шоирони Мовароуннаҳру Хуросону Эрон, ки муаллиф бо иддаи зиёде аз онҳо шахсан вохӯрда, ҳамсуҳбат шудааст, маълумот додааст. «Малеҳо,-менависад А.Мирзоев,- зоҳиран бо таърихи асри худ сахт алоқаманд будани ҳаёти адабиро ҳис карда буд, аз инҷост, ки ӯ аз як тараф усули тазкиранависиро аз ҷиҳати мазмун то ба охирин дараҷаи такомулоти он сайр дод ва аз тарафи дигар ба масъалаҳои таърихии замони худ низ дахл накарда натавонист ва бо ин принсипи маъмулии тазкиранависиро, ки то замони ӯ давом дошт, тағйир дод».[3]

Академик А.Мирзоев аз ду хусусияти ин тазкира, ки аҳамияти муҳими таърихиро доро мебошанд, ёд карда, менависад, ки нахуст ин ки Малеҳо ба ҳангоми тасвири аҳволу осори теъдоде аз шоирон онро бо ҳаёти сиёсии замон сахт вобаста кардааст ва дуюм ин ки муаллиф тавонистааст ба иртиботи баёни ин ва ё он матлабе «қайдҳои таърихиро дар асари худ ҷо диҳад. Ин қайдҳои таърихӣ аз ин сабаб

[1] Ҳамон ҷо. С.367.
[2] Мирзоев А. Тазкираи Малеҳо ва баъзе масъалаҳои таърих // Шарқи сурх. 1946. №1. С.29-35.
[3] Ҳамонҷо с 29.

характерноканд, ки онҳо воқеаҳое ҳастанд, ки ё муаллиф ба чашми худ дидааст ва ё онҳо дар байни халқ, ҳамчун фактҳои барҷастаи таърихӣ нақл шуда омада, дар сарчашмаҳои доир ба таърих дида намешуданд».[1] Дар иртибот ба ин масъала А.Мирзоев аз се воқеияти таърихӣ, ки дар тазкираи Малеҳо зикри онҳо рафтааст ва он ба харобкунии осори меъмории аҳди Темур ва Темуриён аз ҷониби Шайбониён иртибот мегирад, таваққуф мекунад. Темур баъди фатҳи Ҳиндустон дар муддати кӯтоҳе як масҷиди ҷомеъ бино мекунад, ки бо номи Масҷиди Хоним маъруф буд. Бо суқути давлати Темуриён дар Мовароуннаҳр Самарқанд низ рӯ ба таназзул намуда, осори меъмории Темур ва Темуриён ҳам зуд рӯ ба харобӣ мениҳад. «Пештоқ ва гунбазҳои харобе, ки ҳоло дар Самарқанд ба исми «Мадрасаи Хоним» шуҳрат ёфта аст ва ба азамати як бинои олии гузашта шаҳодат медиҳад, боқимондаи ҳамон масчиди Темур мебошад», -менависад А.Мирзоев. Дар зимн А.Мирзоев саволе матраҳ мекунад, ки «чаро осори Темур ва авлоди ӯ зуд рӯ ба вайронӣ ниҳод?».[2] Ба назри А.Мирзоев ин муаммое буд, ки дар бораи он таърихнигорони асрҳои баъди Темуриён барои ҳалли вай баҳсҳо кардаанд.

Бо такя ба ахбори «Таърихи Саид Роқим» А.Мирзоев харобии мадрасаи Улуғбекро, ки соли 1420 бино ёфта, аз ёдгориҳои меъмории асри XV-и Самарқанд ба ҳисоб мерафт ва сабаби вайрониашро Саид Роқим нагуфтааст, ба соли 1113 ҳ.қ/1701 медонад, ки аз он мадраса ҷуз тоқе боқӣ намонда буд. Аммо А.Мирзоев посухи онро дар асари «Самария»-и Абӯтоҳирхоҷаи Самарқандӣ пайдо мекунад, ки бино ба ахбори ин сарчашмаи таърихӣ мадрасаи Улуғбек дар вақти харобии ин шаҳр ба дасти ҳокимони Шайбонӣ вайрон шудаанд. Мадрасаи Улуғбек ду ошёна будааст, вале дар аёми харобии Самарқанд ошёнаи болои он мадрасаро вайрон кардаанд, алҳол як ошёна мебошад.[3]

А.Мирзоев назари академик А.А.Семёновро, ки андешаи

[1] Мирзоев А. Тазкираи Малеҳо ва баъзе масъалаҳои таърих. С.29.
[2] Ҳамон ҷо. С.30.
[3] Ҳамон ҷо. С.30.

муаллифи «Самария» дар бораи сабаби хароб шудани ошёнаи дуюми ин мадраса баён кардааст, тасдиқ мекунад ва эҳтимол дорад қабати болои мадраса дар аввалҳои асри XVII аз тарафи намояндагони сулолаи ӯзбекон хароб карда шуда бошад, мегӯяд, ба ҳақиқат наздик медонад. Ба тақвияти ин назар менависад, ки «воқеаи аз байн рафтани ошиёнаи дуюми мадрасаи Улуғбек пас аз соли 1028 ҳиҷрӣ (1618 милодӣ) рӯй дода наметавонад, зеро агар дар ин вақт ошёнаи дуюми ин мадрасаро аз сабаби «саркӯби арки олӣ буданаш» (яъне аз арки олӣ баланд будан), хароб карда шуда бошад, ошёнаи дуюми мадрасаи «Шердор», ки аз тарафи Ялангтуш (1578-1656)баҳодур ном умарои Имомқулихони Аштархонӣ (1611-1642) дар соли 1028 ҳиҷрӣ, дар муқобили мадрасаи Улуғбек сохта шудааст, низ бояд хароб карда мешуд».[1]Аммо А.Мирзоев дар зимн бо назари профессор Н.И.Веселовский, (1848-1918) ки пешгуфторе ба муносибати ба чоп тайёркардани рисолаи «Самария» навишта, андешаи Абӯтоҳирхоҷаи Самарқандиро дар заминаи харобии Самарқанд дур аз ҳақиқат медонад, муқобил аст. Ба андешаи Н.И.Веселовский харобии Самарқанд дар замони Абдулфайзхон рух додааст. Зеро соли 1134 ҳ.қ./1721-22 Раҷабхон ном қазоқ худро хон эълон карда, қабилаҳои қалмиқ ва қазоқро дар атрофи худ муттаҳид намуда, 7 сол атрофи Самарқандро дар ихтиёри худ нигаҳ дошта ва шаҳри Самарқандро вайрон намуд. А.Мирзоев менависад, ки Н.И.Веселовский ба ин хулоса аз ахбори рисолаи «Туҳфату-л-хонӣ»-и Муҳаммад Вафои Карминагӣ расидааст ва идома медиҳад, ки «мо дар ин ҷо аз ду сабаб ба фикри Муҳаммад Вафои Карминагӣ ва профессор Веселовский ҳамроҳ шуда наметавонем. Аввал ин ки муаллифи «Таърихи Роқим» менависад, ки дар соли 1701, яъне 20 сол пештар аз воқеаи Раҷабхон, ҳамчун мадрасаи Улуғбек, осори Темуриён рӯ ба инҳидом ниҳода буданд. Дуюм ин ки воқеаи Раҷабхон, мумкин аст ба харобии Самарқанд таъсири зиёде карда бошад, лекин қатъи назар аз дигар сарчашмаҳо сабаби харобии

[1]Мирзоев А. Тазкираи Малеҳо ва баъзе масъалаҳои таърих. С. 30.

Самарқандро танҳо аз ин воқеа ҷустуҷӯ кардан хатост».[1] Бинобар ин А.Мирзоев аз тазкираи Малеҳои Самарқандӣ далел оварда, оғози харобии осори меъмории аҳди Темур ва Темуриёнро на ба замони воқеаи Раҷабхон, балки 137 сол ақибтар бурда, онро ба аҳди ҳукумати Абдуллоҳхони Шайбони мусодиф медонад ва дар зимн чунин иқтибос аз Малеҳо меорад: «Мардуми куҳансол аз пирон шунидаанд, ки Абдуллоҳхон, ки дар тарвиҷи вилояти фохираи Бухоро кӯшид ва иморати олӣ ва буқъоти хайри мутаолӣ бино кард, бар хилофи он дар Самарқанд хиште ба ҷиҳати бинои хайр нагузоштааст. Зиёдатӣ он, ки бар хилофи хавоқини чағатой ҳар ҷо иморати олии Темурия буда дар инҳидоми он кӯшидааст. Яке аз он ҷумла масчиди ҷомеи Самарқанд аст, ки аз тарафи ҷануб ва шимол ду офоқ ва аз тарафи шарқӣ ду офоқро мунҳадим сохта аст… Дигар аз ҷумлаи кардаҳои Абдуллохон мадрасаи Хоним аст, ки дар муқобили масҷиди ҷомеи соҳибқирон, Амир Темури курагон воқеъ буд. Ӯ ин мадрасаро ба навъе вайрон кард, ки ҷуз гумбази гӯрхонаи хоним, асаре боқӣ намондааст. Умарои Абдуллохон бо дастури ӯ дар Бухоро иморатҳо бино кардаанд ва сад сол бештар аст, ки Самарқанд дар харобӣ ва Бухоро дар ободонӣ мебошад».[2]

А.Мирзоев боз ҳам ба ахбори Малеҳо эътимод карда менависад, ки Абдуллоҳхон бо хароб кардани осори дар Самарқанд гузоштаи Темуриён қаноат накарда, ба вайрон намудани дигар осори меъмории аҳди Темуриён, аз ҷумла дар Кеш низ даст зад. Муаллиф барои тасдиқи андешаи худ аз Малеҳо чунин мисол меоварад: «Вилояти Кеш, ки иборат аз Шаҳрисабз аст…аз шаҳрҳои қадим аст. Аввал пойтахти амир Темур буда, дар таърихи 1103 ҳ.қ /1691 ба дастури Самарқанд хароб аст. Дар он ҷо иморот аз салотини чағатоӣ бисёр аст: масҷиди ҷомее дорад, ки хони шаҳид Улуғбек бино кардааст. Қабри шайх Кулол дар ялии он аст ва дар ялии он мадрасаест Дору-т-тиллова ном ва мадрасаи дигар

[1] Мирзоев А. Тазкираи Малеҳо ва баъзе масъалаҳои таърих. С.31.
[2] Ҳамонҷо с 31.

буд маа гӯрхонаи амир Тарағой. Гӯрхонаи мирзо Ҷаҳонгир ибни соҳибқирон дар ҷавори мазори имом Шайбонист. Абдуллоҳхон ин мадрасаро бо ҳамроҳии гӯрхонаи Ҷаҳонгир мирзо хароб сохт. Ва аз ҷумлаи имороти амир Темур танҳо тоқи ҷилавхонаи давлатсарои ӯ боқӣ мондааст».[1]

А.Мирзоев баъди баррасии ахбори Малеҳо оид ба харобсозии осори меъмории асри XV аз ҷониби Шайбониён, хулоса мекунад, ки харобие, ки дар Самарқанд дар аҳди салтанати Абдуллоҳхони Шайбонӣ (1559-1598) шурӯъ мешавад, дар замони ҳукумронии Субҳонқулихони Аштархонӣ (1680-1702) боз бештар мегардад.[2]

Хулоса, академик А.Мирзоев бо он ошноии комиле, ки бо сарчашмаҳои таърихии асрҳои XVI ва XVII дошт, инчунин назари интиқодие, ки ба осори илмии донишмандони ин аҳдро таҳқиқкарда баён мекард, бардоштҳо ва хулосаҳояш аз рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XV ва аввали асри XVI бар пояи илмӣ устувор буда, то кунун миёни донишмандон аз арзиши илмӣ бархӯрдоранд. А.Мирзоев бо воруди қабилаҳои бодиянишини Дашти Қипчоқ бо сарварии Шайбонихон ба Мовароуннаҳр воқеияти ин замонро аз тағйир ёфтани ҷараёни маъмулии ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ба чарогоҳ табдил ёфтани заминҳои киштшаванда, хароб гардидани низоми обёрӣ дар кишвар, ба ноҳияҳои кӯҳистонӣ муҳоҷират кардани аҳолии мукимӣ ва дигар мушкилот мебинад.

---

[1] Ҳамон ҷо. С.32.
[2] Мирзоев А. Тазкираи Малеҳо ва баъзе масъалаҳои таърих. С.31-32.

## II.4. Баррасии масоили таърихии асри XVII ва нимаи авали асри XVIII дар рисолаи «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»-и академик А.Мирзоев

А.Мирзоев ба ҳангоми омӯзиши сарчашмаҳои таърихиву адабии асри XVII-и Мовароуннаҳр ба кашфи бештари маълумот дар бораи шоири ҳунарманди ин замон Сайидои Насафӣ ноил гардид. Натиҷаи ҷустуҷӯйҳои олим дар ин замина боис шуд, ки соли 1947 асари маъруфи ӯ «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик» ба вуҷуд биёяд ва нашр гардад.[1] А.Мирзоев чун ин замон аз мактаби маъруфи шарқшиносии Россия гузашта буд, дар рисолаи хеш аз усулҳои илмии татбиқии манбаъшиносӣ кор гирифта, асаре офарид, ки дар он ҳаёти таърихиву адабии ин замони Мовароуннаҳр мавриди баррасии амиқ қарор гирифтанд. Ба ин сабаб ин рисолаи муҳаққиқ на танҳо дастоварди бузурги илмӣ маҳсуб мешуд, инчунин услуби таҳқиқи А.Мирзоев, ки дар офариниши ин асар истифода кардааст, арзиши роҳнамоӣ дорад ва то ҳанӯз барои муҳаққиқони таърих ва адабиётшиносӣ чун василаи роҳнамо ба шумор меравад.

Дастоварди дигари А.Мирзоев дар ин рисола дар он зоҳир мешавад, ки ин донишманд услуби пайваста ва дар робита бо ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баррасӣ намудани аҳволу осори шоирон ва адибонро ба ҳукми анъана даровард. Хусусияти муҳими дигари ин асар дар он дида мешавад, ки А.Мирзоев бо такя ба маводи сарчашмаҳои таърихиву адабӣ дар асоси далелҳои боэътимод роҷеъ ба ҳаёти сиёсию адабии Мовароуннаҳр ва андешаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, назарияи тарбиявӣ-ахлоқӣ ва услуби бадеӣ-адабии Сайидои Насафӣ (1637-1711) хулосаҳои муҳими илмӣ мебарорад. То кунун роҷеъ ба замони зиндагии Сайидои Насафӣ ва дар маҷмӯъ дар бораи давраи

---

[1] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. -198 с.

ҳукумати Аштархониён асарҳои зиёде навишта шудаанд[1], аммо рисолаи «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик»-и академик А.Мирзоев, ки ҳанӯз 70 сол қабл навишта шуда буд, на танҳо арзиши илмии худро ҳифз кардааст, балки яке аз асарҳои бунёдӣ дар заминаи омӯзиши ҳаёти таърихӣ ва адабии асри XVII-и Мовароуннаҳр ба шумор меравад. Ин арзиши илмии рисолаи «Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик» буд, ки он соли 1954 ба забони русӣ ва соли 2001 ба хатти ниёгон зери унвони «Ганҷи сар ба муҳр» дар Теҳрон ба табъ расид.

Он чи мавриди таваҷҷуҳи мо дар ин рисола ҳаст, боби дуюми он – «Замони Сайидо»[2] мебошад, ки муаллиф муваффақ шудааст ин замони мушкил ва печидаро, ки Сайидо дар он зиндагӣ намудааст, дар асоси маводи манобеи таърихӣ баррасӣ кунад.

Дар ибтидои асри XVII Аштархониҳо ба сари ҳукумати Мовароуннаҳри ғоратшуда омаданд, ки гирифтори ҷангҳои қабилавии шадид пас аз Шайбониён буд. Дар ин давр Тошканд ва Самарқанд ба дасти султонҳои қазоқ афтода, дар Фарғона ва Андиҷон аз хешовандони Бароқхон (Наврӯзаҳмадхон – писари Суюнҷхоҷахони Шайбонӣ) – Амин султон ва дигарон ҳокимият доштанд ва сарзамини

---

[1] История народов Узбакистана. Том 2. От образования государства Шейбанидов до Великой Октябрьской Социалистической Революции. Ташкент, 1947. С. 72-113; Семенов А.А. Бухарский трактат о чинах и званиях и об обязанностях носителей их в средневековой Бухаре. СВ, V. -М.-Л., 1948; Иванов П.П..Хозяйство джуйбарских шейхов. К истории феодального землевладения в Средней Азии в XVI – XVII вв. -М.- Л., 1954; Ҳамон муаллиф. Очерки по истории Средней Азии (XVI - середины XIX в.) М., 1958; Чехович О.Д. «Документы к истории аграрных отношений в Бухарском ханстве». Вып.1. Акты феодальной собственности на землю XVII- XIX вв. Подбор док. Пер., введ.. и примеч. О.Д. Чехович. Ташкент, 1954; История таджикского народа. Поздний феодализм (XVII в. – 1917 г.). Т.2, книга вторая, М., 1964. С. 21-56; Давидович Е.А. История монетного дела Средней Азии XVII – XVIII вв. (Золотые и серебряные монеты Джанидов). Душанбе, 1964; Абдураимов М.А. Очерки аграрных отношений в Бухарском ханстве в XV11-первой половине X1X века. Т.I. Ташкент, 1966; Ҳамон муаллиф: Очерки аграрных отношений в Бухарском ханстве в XVII-первой половине X1X века. Т.2. Ташкент, 1970; История Узбекской ССР. Том I. С древнейших времён до середины XIX века, Ташкент, 1967. С. 550-589; Давидович Е.А., Мухтаров А.М. Страницы истории Гиссара. Душанбе, 1969; Мухтаров А.М. Позднесредневековый Балх. Душанбе: Дониш, 1980; Ахмедов Б.А. История Балха (XVII - первая половина XVIII в.). Ташкент, 1982; Гафуров Г.Б. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. Книга II., Душанбе, 1989. С. 308-330; Пирумшоев Х. Российско- среднеазиатские отношения XVI - середины XIX веков в русской историографии. -Душанбе, 2001 ва ғайра.

[2] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.8-28.

Ҳисор, Чағониён ва Хатлон ба дасти Муҳаммад Салим – аз хешони Ҷонибек султони Шайбонӣ гузашт. Дар Балх намояндаи Сафавиҳо Муҳаммад Иброҳим ҳокимият мекард. Шоҳи Эрон Аббоси I (1586-1628) ба воситаи Муҳаммад Иброҳим мехост Балхро зери таъсири худ оварад.[1] Аммо низоъҳои дохилӣ, тоҷутахтталабиҳои намояндагони хонадони Аштархонӣ, ҷабру зулм ба мардум қатъ нагардида, дар тамоми муддати ҳукумати Аштархониҳо дар Мовароуннаҳр гоҳе бо шиддат ва гоҳе бо коҳиши шиддат идома дошт. Дар маҷмӯъ авзои сиёсии Мовароуннаҳри асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII ба таври хулоса иборат аз ҷангҳои дохилӣ, мубориза барои касби нуфуз ва ҳокимият, низоъҳои байниқабилавӣ ва хонаҷангӣ, шӯришҳо барои ба даст овардани ҳудудҳои нав ва бесарусомониҳо буд, ки он баёнгари вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ин хонӣ дар ин марҳала тавсиф мешаванд. Шаҳру деҳот бар асари тохтутози қабилаҳои мухталифи муғулу турк хароб гашта, охирҳои аср мухолифатҳои пайвастаи дохилӣ ба бесуботӣ ва харҷу марҷи ҳаёти дохилии сиёсӣ ва таназзули низоми хоҷагидорӣ ва иқтисодӣ боис гардид. Ин вазъиятро омилҳои дигаре, чун зиддият бо давлатҳои ҳамсоя, ки аз таҷовузи онҳо мебоист ҷилавгирӣ шавад, инчунин ғайриимкон будани рушди иқтисод ва тиҷорати хориҷӣ бо давлатҳои дуру наздик буғранҷтар менамуданд.[2]

Бо шинохти ин мушкилоти Мовароуннаҳр аз манобеи таърихӣ А.Мирзоев замони Сайидои Насафиро яке аз давраҳои вазнини ин сарзамин зикр кардааст, ки дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ин кишвар беш аз пеш ақиб мемонд.[3]

Солҳои зиндагии Сайидои Насафӣ ба замони ҳокимияти Имомқулихон (1611-1642), Нодирмуҳаммадхон (1642-1645), Абдулазизхон (1645-1680), Субҳонқулихон (1680-1702) ва Убайдуллоҳхони Аштархонӣ (1702-1711) рост меояд.

---

[1] Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Ф.Саррофон. Чопи аввал. Теҳрон: маркази нашри Мероси мактуб, 1380. С. 124-125.

[2] Саидов А. Политическая история Бухарского ханства в XVII – первой половине XVIII вв. Душанбе: Ирфон, 2007 (-149 с.). С.3.

[3] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.8.

Дар замони ҳукумронии Имомқулихони Аштархонӣ (1611-1642) ба воситаи ҷангҳои хориҷӣ иқтидори давлат муваққатан ҳам бошад пурқувваттар гардид,- менависад А.Мирзоев ва идома медиҳад, ки «шаҳрҳо рӯз то рӯз, вале ба оҳистагӣ аз ҷиҳати нуфуз месабзиданд» ва иқтисоди кишвар «то андозае ба ҷон даромад».[1] Ин суханҳои А.Мирзоев дар рисолаи Муҳаммадшариф ибни Муҳаммад Нақӣ «Тоҷу-т-таворих», ки бо дастури амир Ҳайдари (1800-1826) манғит иншо мешавад, тасдиқи худро мееёбанд ва ин муаллиф ба он назар аст, ки дар даврони ҳукумронии Имомқулихон ва бародари ӯ Надирмуҳаммад оромии нисбие дар хонии Бухоро фаро мерасад.[2] Дар воқеъ ба Имомқулихон муяссар мегардад, ки то ҳадде аз нофармониҳои ашрофи дохилӣ ҷилавгирӣ кунад ва ҳокимияти хониро дар Бухоро тақвият диҳад, ки ин боиси рушди иқтисод ва саноати ҳунармандӣ мегардад.

А.Мирзоев ба ин назар аст, ки дар иддае аз манотиқи Мовароуннаҳр, ки бодиянишинон дар замони Шайбониён вориди он шуда, сокин гардиданд, бо вуҷуди ин ки ҳаёти бодиянишинӣ дар он ҷойҳо идома дошт, аммо иддае аз онҳо дар аҳди Аштархониҳо ба ҳаёти муқимӣ гузаштанд. Ин на танҳо боиси рушди хоҷагии қишлоқ, инчунин саноати ҳунармандӣ низ гардид. Зеро бо аҳолии муқимӣ дар ҳамсоягӣ зиндагӣ кардани бодиянишинон боиси таъмини эҳтиёҷоти дутарафа шуда, доду гирифти молӣ, аз он ҷумла маҳсулоти ҳунармандӣ сурат мегирифт. Ин агар аз як тараф ба ривоҷ гирифтани савдои дохилӣ сабаб мешуд, аз тарафи дигар ба васеъ шудани худи саноати ҳунармандӣ роҳ мекушод. Барои тақвияти ин назари худ олим аз «Шаҳрошӯб»-и Сайидои Насафӣ дар бораи ба вуҷуд омадани шумораи зиёди ҳунар чун заргар, ҳалвогар, бофанда, кулолӣ, кафшдӯз, камонгар, тоқидӯз, мӯзадӯз, косагар, деворзан, хаймадӯз, собунпаз, сӯзангар, дуктарош, шамшергар, хиштпаз, меъмор, қолибтарош, айнаксоз, наҷҷор, чармгар, зингар, саҳҳоф, рангрез, шамърез, коғазгустар ва

[1] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.9.
[2] Муҳаммадшариф ибни Муҳаммаднақӣ. Тоҷу-т-таворих. Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, № 2282. Вароқи 82а, 82б.

ғайра мисол меорад ва менависад, ки «мавҷуд будани тақрибан 212 хел навъҳои гуногуни ҳунарварӣ ва касбу косибиро мушоҳида мекунем, ки худи ин як мисоли барҷастаи сабзидани шаҳр ва вусъат ёфтани саноати ҳунармандӣ мебошад».[1]

Дар замони ҳукумати Имомқулихон (1611-1642) А.Мирзоев аз вусъат ёфтани муносибатҳои тиҷоратӣ байни Мовароуннаҳр ва Россия сухан карда, менависад, ки ин муносибатҳо бар пояи эҳтироми ҳамдигар сурат мегирифтанд.[2]

Бояд гуфт, ки дар замонҳои подшоҳии асосгузори сулолаи Романовҳо – Михаил Фёдорович (1613-1645) вазъияти дохилии Россия нисбатан ба низом омад, ки ин барои аз нав инкишоф додани робитаҳои дипломатӣ ва тиҷоратии Россия бо Мовароуннаҳр шароити мусоид фароҳам овард. Дар ин замон мубодилаи сафирон дар байни давлати Россия ва Аштархониҳо оғоз меёбад. А.Мирзоев аз сафорати Одамбий – намояндаи Имомқулихон ба Россия дар соли 1620 ёдрас мешавад, ки он дастур гирифта буд то дар барқарории муносибатҳои тиҷоратӣ байни ин ду давлат музокира кунад ва идома медиҳад, ки «Михаил Фёдорович низ 23 моҳи июли соли 1620 Хохловро ба сифати элчигӣ ба Мовароуннаҳр фиристонид, ки яке аз мақсадҳои асосии ӯ низ барқарор намудани муносибатҳои тиҷоратӣ буд».[3] Ҳамчуноне ки дида мешавад А.Мирзоев рисолати ин сафоратро танҳо аз барқарории муносибатҳои тиҷоратӣ мебинад Дар зимн бояд гуфт, ки Михаил Фёдорович Романов сафири худ Иван Данилович Хохловро ба Бухоро илова ба ташрифи ҷавобӣ ба сафорати Имомқулихон бо сарварии Одамбий ва моил намудани хони Бухоро ба таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ бо Россия мефиристад, инчунин дастур медиҳад то дар озод намудани асирони русе, ки дар он ҷо буданд, талош кунад. Вазифаи дигари Иван Данилович Хохлов ин муайян кардани вазъи хазинаи хонии Бухоро ва фаҳмидани он ки хони Бухоро бо кадом давлатҳо

[1] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.9-10.
[2] Ҳамон ҷо. С.10.
[3] Ҳамон ҷо. С.10.

муносибатҳои дӯстона ва бо кадоме дар ҳолати душманӣ қарор дорад, низ буд.[1]

Имомқулихон ин сафоратро хеле хуш истиқбол кард ва пеш аз баргаштан аз Бухоро аъзои сафорати Россияро бо масрафҳои сафарӣ таъмин намуда, инъому тухфаҳои фаровон пешкаш кард. Он чӣ марбут ба масъалаи хариди асирон буд, ин вазифа қисман анҷом гирифт. Имомқулихон 23 нафар асирони русро, ки дар назди дарбори ӯ буданд, озод намуд. Нисбат ба асирони дигаре, ки дар ихтиёри ашхоси дигар қарор доштанд, ваъда дод, ки баъдан озод мекунад.[2] Сафорат инчунин вазифаи дар назди онҳо гузоштаи ҳукумати худро дар мавриди муайян намудани вазъияти дохилӣ ва авзоъи байналмиллалии хонигарии Бухоро иҷро намуд. Сафорати Хохлов дар Бухоро аз охири соли 1620 то 13 сентябри соли 1622 идома дошт. Дар ин муддат худи Хохлов ду маротиба ба Самарқанд низ сафар кард.[3]

Дар даврони ҳукумронии Имомқулихон дар Бухоро оромии нисбие фаро расид. Соли 1613 Имомқулихон ба мақсади пешгирии ҳуҷумҳои ғоратгаронаи қазоқҳо, ки Тошканд дар ихтиёри онҳо буд, ба он сӯй лашкар мекашад ва Тошкандро ишғол намуда, писари худ Искандар султонро ҳокими он ҷо таъйин мекунад. Искандар бо баланд бардоштани андозҳо аҳолиро ғорат менамуд ва мардум ба ин фишорҳо тоб наоварда, ӯро ба қатл расониданд. Имомқулихон аз сокинони шаҳри Тошканд барои қатли писараш қасоси бераҳмона гирифта, куштори гӯшношуниде анҷом дод.[4] Ӯ инчунин қарақалпоқҳо, айротҳо ва қалмиқҳоро, ки ба сарҳадҳои давлати ӯ наздик мешуданд, шикаст дод ва ин пирӯзиҳо бар кӯчиён мавқеи сиёсии ӯро устувор намуд.

Ба Имомқулихон муяссар гардид, ки то замоне рушди мубориза ҳои дохилии феодалиро нигоҳ дорад ва ҳокимияти хониро дар

---

[1] Саидов А. Социально-экономическое положение Бухарского ханства в XVII –первой половине XVIII вв. Душанбе: Ирфон, 2006. С.105.
[2] Бартольд В. В., Жуковский С. В. Сношения России с Бухарой и Хивой за последнее трёхсотлетие // Сочинения. Т.II. –Ч. 2. М.: Наука, 1964. С.421.
[3] Саидов А. Социально-экономическое положение Бухарского ханства в XVII –первой половине XVIII вв. С.105.
[4] Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. С. 144-146.

Бухоро нисбатан тақвият диҳад. Дар даврони ӯ ҳатто корҳои обёрисозӣ инкишоф ёфтанд. Албатта, мардуми заҳматкаш ба сабаби худсарӣ ва зулми мансабдорони давлатӣ ва инчунин бори гарони андозҳои мухталифи мавҷуда асосан дар нодорӣ ва харобӣ зиндагӣ ба сар мебурд. Шояд дар кадом як марҳалаи кӯтоҳмудати муайян сокинони баъзе аз маҳалҳо аз ғоратгарӣ ва зӯроварӣ дар амон буданд. Бо раванди рушди муносибатҳои феодалӣ, мулкҳои васеъу паҳновар дар дасти ҳокимони маҳаллӣ мутамарказ мешуданд, ки онҳо аз рӯи унсурҳои қабилавӣ таъйин мегардиданд. Ин ба болоравии қувваҳои марказгурез мусоидат менамуд.[1]

А.Мирзоев ба ин назар аст, ки баъд аз марги Имомқулихон бародараш Надирмуҳаммадхон ба тахт нишаст. Аммо тибқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ Имомқулихон дар охири ҳаёташ ба дарди чашм мубтало шуда, нобино мегардад ва ба нафъи бародари худ, ҳокими Балх Надирмуҳаммадхон аз тахт даст мекашад.[2] Пас ба зиёрати каъба рафта, дар сини 62-солагӣ аз олам чашм мепӯшад. Ҷасади ӯро дар шаҳри Мадина дар гӯристони Бақийъ ба хок супориданд.[3]

Ворили Имомқулихон Нодирмуҳаммад (1642-1645) ҳамагӣ се сол ҳукумронӣ намуд. Ба номи ӯ тангаҳои нуқрагин мавҷуданд, ки дар Бухоро ва Балх зарб шудаанд.[4] Нодирмуҳаммад сиёсати ҷабру ситамро пеша карда, ба манфиатҳои феодалҳо даxолат намуданро оғоз кард, ки он боиси зиддияту норизогии умумӣ ба муқобили ӯ гардид. Дар натиҷа авзои сиёсӣ нооpом гардид. А.Мирзоев ин зиддияти пешомадаро миёни тарафдорони ҳукумати марказӣ ва феодалони ҷудогона мебинад, ки пас аз соли 1643, яъне баъд аз ба тахт нишастани Нодирмуҳаммадхон бештар қувват гирифт ва муаллиф онро яке аз унсурҳои муқобилияти

[1] История народов Узбекистана. Т.2. 1947. С.85; Абдураимов М.А. Очерки аграрных отношений в Бухарском ханстве в XVII-первой половине XIX века. Т.I. Ташкент, 1966. С. 267-268.
[2] Муҳаммадюсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. С. 154; Муҳаммаднақӣ. Тоҷу-т-таворих. Вараки 84 а,б.
[3] Муҳаммадюсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. С. 155.
[4] Давидович Е.А. История монетного дела Средней Азии XVII-XVIII вв. (Золотые и серебряные монеты Джанидов). Душанбе, 1964. С. 20-34; 245-263.

дохилии давлати Аштархониён дар Мовароуннаҳр ҳисобида, ин ҳолати пешомадаро чунин баён мекунад: «Вазъияти сиёсие, ки аз охирҳои нимаи авали асри XVII сар карда, хеле шиддатнок шуда буд, на ин, ки ба вусъат ёфтани муносибатҳои тиҷоратӣ ва сабзиши истеҳсолоти ҳунармандӣ, чи навъе ки лозим буд, имконият надод, балки иқтидори иқтисодӣ-хоҷагии Мовароуннаҳр ва умуман сабзиши қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакатро аз нав ба зарбаи калоне дучор кард».[1]

Идомаи бухрони сиёсӣ дар давлати Аштархониёнро А.Мирзоев тавзеҳ дода, менависад, ки аз ин ихтилофҳо истифода карда, бодиянишинони қазоқ то шаҳри Хуҷанд пеш омаданд ва «ҳангоми дар водии Қаршӣ машғули кор будани Нодирмуҳаммад, феодалони маҳаллӣ-дарборӣ писари ӯ Абдулазизро, ки ба баҳонаи ҷанги зидди қазоқҳо ба Хуҷанд рафта буд, хон бардоштанд».[2]

Муаллифони «Матлабу-т-толибин» ва «Тазкираи Муқимхонӣ» менависанд, ки аъёну ашроф бо сарварии Боқибий, аз қабилаи юз, бо истифода аз набудани Нодирмуҳаммад дар Бухоро бар зидди ӯ сӯиқасд ташкил намуда, ба тахти Бухоро писараш – Абдулазиз (1645-1680)-ро менишонанд.[3] Нодирмуҳаммад аз Қаршӣ ба Балх фирор мекунад.

Нодирмуҳаммад ба мақсади ба даст овардани тахти хонӣ ва устувор сохтани мавқеи худ, ба писаронаш ноҳияҳои алоҳидаи Балхро ба таври амлокӣ тақсим кард ва ба баъзе амирони наздики худ супориш дод, ки идораи дигар вилоятҳоро ба ихтиёри худ гиранд.[4] Нодирмуҳаммад вилояти Ғурро - ба Хусрав султон, Кӯлобро - ба Баҳром султон, Санучаҳорякро – ба Субҳонқулӣ султон дод, Қутлуқ султонро ба Қундуз равон кард ва ба ихтиёри Қосим султон Маймана ва Андхуйро дод. «Ин тарзи идоракунӣ ба раванди парокандакунии сиёсӣ тақвият бахшида, мавқеъи сиёсии Нодирмуҳаммадро мустаҳкам

---

[1] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.10.
[2]Ҳамон ҷо. С.10-11.
[3]Абулаббос Муҳаммадтолиб ибни Ҳоҷӣ Тоҷиддин. Матлабу-т-толибин. Дастхати Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ. № 80. Вароқи 129-130; Тазкираи Муқимхонӣ. С.156.
[4] Тазкираи Муқимхонӣ. С. 157.

насохт. Барои ҳокимият дар байни писарони ӯ муборизаҳо сар шуд ва ин мӯҷиби он шуд, ки писаронаш аз фармони ӯ саркашӣ кунанд».[1]

А.Мирзоев дар тафсири бештари парокандагии сиёсии давлати Аштархониён, ки Нодирмуҳаммад бо тақсими вилоятҳо байни писаронаш ба ҷангҳои дохилӣ доман зад ва қаламрави давлати онҳо ба ду тақсим шуд менависад: «Ба ин тариқа, чи навъе ки дида шуд, хоки давлати хонӣ ба ду ҳисса тақсим гардида, ба зиддиятҳои дохилии феодалӣ муқобилият ва душмании байнихудии намояндагони хонадони Аштархонӣ илова гардид: аз писарони Нодирмуҳаммад Қутлуқ султон, ки аз тарафи ӯ ба ҳукумронии Қундуз таъйин карда шуда буд, бо бародараш Абдулазизхон гап дода, ба муқобили падараш сар бардошт ва худашро хони Балх ва Бадахшон эълон кард Писари дигари Нодирмуҳаммад Субҳонқулӣ аз Балх (Санучаҳоряк) лашкар кашида, Кундузро забт кард ва бародари худ – Қутлуқ султонро ба қатл расонид ва ба Бухоро рафта ба Абдулазизхон пайваст. Нодирмуҳаммадхон дид, ки ба умеди писарони итоатнопазири худ ва қувваи Балх тахти Бухороро дубора ба даст дароварда наметавонад, бинобар он, барои кӯмак ба Шоҳиҷаҳон (1627-1658) муроҷиат намуд».[2]

А.Мирзоев бо такя ба ахбори нусхаҳои дастхати «Таърихи Муқимхонӣ»-и Муҳаммад Юсуфи Муншӣ ва дигар осори илмию таърихӣ ин нуқтаи назарро дорад, ки Шоҳиҷаҳон монанди гузаштагони худ (манзури олим Бобур мирзост) ҳадафи ишғоли шимоли Хуросон ва Мовароуннаҳрро дар сар мепарварид ва дар ҷустуҷӯи лаҳзаи мувофиқ буд.[3] Аммо назари дигар низ мавҷуд аст, ки Шоҳиҷаҳон аз ин фурсати муносиб истифода бурда, хост аз Нодирмуҳаммад барои тохтутозҳои ғоратгаронааш ба Кобул, ки зери ҳукумати Бобуриёни Ҳинд буд, қасоси худро гирад ва дар сурати пирӯзӣ Балху Бадахшонро ба

[1] Саидов А., Камол Ҳ. Вазъи сиёсии Мовароуннахр дар садаи XVII ва нимаи аввали садаи XVIII // Миробид Сайидои Насафӣ ва таҳаввулоти фарҳангию адабии Мовароуннаҳр. Душанбе, 2018 (-660 с.). С.135.
[2] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.11.
[3] Ҳамон ҷо. С.11.

ҷаламрави худ ҳамроҳ намояд.[1] Ин ду назар бо ҳамдигар мухолиф нестанд, баръакс ҳамдигарро пурра мекунанд.

Дар идомаи ин қазия бояд гуфт, ки Шоҳиҷаҳон бо ин мақсадҳо лашкареро бо фармондеҳии ду писараш – Муродбахш ва Аврангзеб ба ҷониби Балх равон намуд. Нодирмуҳаммад аз ин нияти Шоҳиҷаҳон огоҳӣ ёфта, ба ҷанги ӯ бархост, аммо шикат хӯрда, ба Эрон, ба назди шоҳ Аббоси II (1641-1666) фирор кард. Лашкари Ҳинд вилояти Балхро ба даст оварда, беш аз ду сол Бобуриҳо дар ин сарзамин ҳукумронӣ намуда, бар дӯши сокинони он хироҷҳои вазнин ниҳода, аҳолиро бераҳмона ғорат карданд. «Дар натиҷаи ҳаракати ғоратгаронаи аскарони Ҳинд, менависад А.Мирзоев, - хоҷагии воҳаи Балх тақрибан хароб гардид ва халқи маҳаллӣ ба ҷон омада, гурӯҳ-гурӯҳ бо оилаҳои худ аз дарё (Ому) гузаштан гирифтанд».[2]

Ин ҳодисаи мудҳишро Муҳаммад Юсуфи Муншӣ дар асараш хеле густурда тавзеҳ додааст. Мувофиқи ахбори ӯ дар асари ғорати бераҳмонаи лашкари Ҳинд вилояти Балхро гароннархӣ ва гуруснагии саросарӣ фаро гирифт. Миёни сипоҳи Бобуриён ва фармондеҳони онҳо носозгорӣ ба вуҷуд омад ва Муродбахш дар чунин шароит Балхро тарк гуфт. Шоҳҷаҳон барои барқарор намудани ҳукумати хеш ба он ҷо Аврангзебро фиристод, ки ӯ низ натавонист кореро анҷом диҳад. Дар чунин вазъият Абдулазизхон аз Мовароуннаҳр ба Балх лашкар кашида, Аврангзебро мағлуб сохт.[3]

Сабаби дигари шикасти лашкари Ҳиндро А.Мирзоев дар сармои зимистон ва аз пойгоҳи худ дур афтодан ва кумак нагирифтани ин лашкар мебинад.[4]

Қабл аз ақибнишинӣ ба Ҳиндустон Аврангзеб Балхро дубора ба Нодирмуҳаммад дод. Аммо писарони Нодирмуҳаммад бар муқобили ӯ бархостанд. Абдулазизхон бар зидди Нодирмуҳаммад бародари худ

---

[1] Саидов А. Политическая история Бухарского ханства в XVII – первой половине XVIII вв. С.62-63.
[2] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.11.
[3] Тазкираи Муқимхонӣ. С. 157-171.
[4] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.11.

Субҳонқулиро, ки ӯ ворисси тахт эълон шуда буд, фиристод. Бар асари муҳосираи думоҳаи Балх сокинони он ба вазъияти мушкиле гирифтор шуданд. «Субҳонқулихон, -менависад А.Мирзоев,- дар соли 1651 падарашро аз Балх ронда, ҳукуматро ба дасти худ гирифт».[1] Бино ба ахбори Муҳаммад Юсуфи Мунши̅ барои раҳоии Балх аз ин вазъияти мушкил аъёну ашрофи он бо Субҳонқули̅ қарордоди ошти̅ баста, ӯро ба шаҳр дохил намуданд. Ба Нодирмуҳаммад иҷозат дода шуд, то барои зиёрат равонаи Макка шавад, аммо дар роҳ вафот кард.[2]

Бо гирифтани ҳукумати Балх аз ҷониби Субҳонқули̅, ки ба кумаки Абдулазихон онро ба даст овард, муносибат байни Бухоро ва Балх осоишта нашуд ва чуноне ки А.Мирзоев таъкид мекунад муносибати душманонаи ду маркази хони̅ – Балх ва Бухоро аз миён нарафт ва баръакс, баъди муддате Абдулазизхон аз бародари худ Субҳонқули̅ бадгумон шуда, ба Балх лашкар кашид ва чиҳил рӯз шаҳрро ба муҳосира гирифта, атрофи онро ғорат кард, вале ба мақсад нарасид ва «маҷбур гардид, ки Субҳонқулихонро ворисси тоҷу тахти Бухоро ва ҳукумрони Балх эълон намуда»[3], бенатиҷа ба Бухоро баргардад.

Дар натиҷаи ин мухолифатҳо миёни намояндагони хонадони Аштархони̅ давлати онҳо аз нигоҳи сиёсию низоми̅ заъифтар гардид. Бо истифода аз ихтилофҳо миёни Абдулазизхон ва Субҳонқули̅ хивагиҳо бо сардории Абулғозихон (1643-1664) борҳо ба Самарқанду Бухоро ҳуҷумҳои ғоратгарона намуда, асирони зиёдеро бо худ мебурданд. А.Мирзоев менависад, ки «Абдулғозихони Урганҷи̅ қабилаҳои узбеки он ҷоро муттаҳид намуда, тавобиоти Хоразмро ба атрофи як марказ муттаҳид кунонид, элҳои туркманро бо худ гирифта, борҳо ба Самарқанд ва Бухоро ҳуҷум овард. Махсусан тохтутозе, ки дар солҳои 1655, 1657, 1658 ва 1662 ба амал овард, барои аҳолии воҳаҳои зироатии давлати хонии Бухоро хеле гарон тамом шуд» ва аз қавли Муҳаммад Юсуфи Мунши̅ менависад, ки Абдулғози̅ 18 маротиба ба Бухоро тохту

[1] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.11.
[2] Тазкираи Муқимхони̅. С. 157-171.
[3] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.11-12.

тоз кардааст.[1]

А.Мирзоев сабаби бо Абдулғозихони Урганҷӣ муоҳидаи сулҳ бастани хони Аштархонӣ Абдулазизро дар заъфи низомии ӯ, шиддати мухолифатҳои дохилӣ ва андаке аз ҳуҷуми хоразмиён эмин нигаҳ доштани кишвар мебинад.[2]

Пас аз марги Абулғозихон писар ва вориси ӯ – Анӯшахон (1664-1685) тохтутозҳоро ба ноҳияҳои Самарқанду Бухоро аз сар гирифт. Дар яке аз ҳуҷумҳои худ, ҳангоме ки Абдулазизхон дар Кармина буд, Анӯшахон Ҷӯйбор ном маҳалли наздики Бухороро ишғол намуд ва ҳамаро ғорат кард,[3] вале Абдулазизхон бо мадади шаҳриён хивагиҳоро аз шаҳр берун намуд.[4] Ғоратгариҳои онҳо дар атрофи Бухоро ва Самарқанд минбаъд ҳам қатъ нагаштанд, ки дар натиҷа ба вазъи умумии иқтисодии давлат таъсири манфӣ расонида, зиддиятҳои дохилии онро боз ҳам бештар намуд.Дар мубориза҇ҳои дохилӣ Аштархониҳо ҳатто аз хивагиҳо бар зидди ҳамдигар истифода мекарданд. Барои мисол, Абдулазизхон дар мубориза бар зидди бародараш, ҳокими Балх Субҳонқулӣ, аз хивагиҳо, ки ҳар замон қаламрави ӯро мавриди ҳуҷумҳои ғоратгарона қарор медоданд, мадад пурсид. Абдулазизхон ба муқобили Субҳонқулӣ дар ҳамдастӣ бо Анӯшахон вориди Балх гардид. Баъдан Субҳонқулӣ бо кумаки Анӯшахон ба муқобили Абдулазизхон бархост.[5]

Соли 1680 Абдулазизхон ба манфиати бародараш Субҳонқулӣ (1680-1702) аз тахт даст кашид. А.Мирзоев сабаби аз тахт даст кашидани Абдулазизхонро аз куҳансолӣ идора карда натавонистани давлат ва ҳуҷумҳои пай дар пайи хоразмиён мебинад.[6]

Бояд гуфт, ки сабаби дигаре низ боис шуд, ки Абдулазизхон аз тахт

---

[1] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.12.
[2] Ҳамон ҷо. С.12.
[3] Ҳамон ҷо. С.12.
[4] Ходжа Самандар Тирмизи. Дастур ал-мулук. Факсимиле старейшей рукописи, перевод с персидского, предисловие, примечания и указатели М.А. Салахетдиновой, М., 1971. С. 77-85; Муҳаммад Юсуфи Муншӣ. Тазкираи Муқимхонӣ. С. 172-184.
[5] Саидов А. Политическая история Бухарского ханства в XVII – первой половине XVIII вв. С.65.
[6] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.12.

даст кашад. Ин замон аксари амирони Мовароуннаҳр, Балх, Бадахшон ва Қундуз дар мубоszármazаҳои дарборӣ аз Субҳонқулӣ пуштибонӣ намуданд. Ин боис шуд то соли 1680 Абдулазизхон ноилоҷ аз тахт даст кашад ва баъдан ӯ равонаи Макка шуда, дар он ҷо вафот кард.[1]

Дар Мовароуннаҳр баъд аз ба тахт нишастани Субҳонқулихон, - менависад А.Мирзоев, - вазъиятро беҳтар накард ва баръакс буҳрони сиёсӣ шиддати бештар гирифт. «Анӯшахон агар дар вақти Абдулазиз қисман ба иғвои Субҳонқулихон ба хоки Бухоро ҳуҷум карда бошад, акнун амалиёти худро бевосита бар зидди Субҳонқулихон давом медод».[2]

Анӯшахон на танҳо бо лашкари сершумор ба Бухоро ҳамла карда, гирду атрофи онро ғорат намуда, шумораи зиёди аҳолиро ба қатл расонид, инчунин ба сӯи Самарқанду Шаҳрисабз низ лашкар кашид. Қабилаҳои хитой-қипчоқҳо, ки дар Миёнколд зиндагӣ мекарданд, ба тарафи ӯ гузаштанд. Шахсиятҳои бонуфузи шаҳр ба таври ихтиёрӣ Анӯшахонро эътироф карданд ва ба номи ӯ сикка зарб заданд.[3]

Пешвоёни қабилаҳо, ки аз сиёсати Субҳонқулихон норизо буданд, аз Бухоро ба тарафи қабилаҳои худ, ба Балху Ҳисор ва Хуҷанд равона шуда, мардумро бар зидди ҳукумати хонӣ тарғиб намуда, ба муқобили ӯ исён бардоштанд. «Дар тавобеи Балх,- зикр мекунад А.Мирзоев, - дар Маймана, Шибурғон ва Тирмиз қабилаҳои минг, қунғурот ва қавчин сар бардоштанд».[4]

А.Мирзоев аз фалаҷ шудани ҳукумати марказии хонӣ сухан ронда, зикр мекунад, ки Субҳонқулихон ҳатто аз уҳдаи пешгирӣ кардани тохтутози хоразмиён набаромад ва маҷбур шуд, ки барои кумак ба Маҳмудбий атолиқи Кундузӣ муроҷиат кунад,[5] ки ӯ аз қабилаи қатаған ва ҳокими Бадахшон буд. Субҳонқулихон бо кумаки Маҳмудбий атолиқ тавонист хивагиҳоро аз Самарқанд берун кунад. Пас аз рондани

---

[1] Тазкираи Муқимхонӣ. С. 184.
[2] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.12.
[3] История таджикского народа. Т.IV. Душанбе, 2010. С.167.
[4] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.12.
[5] Ҳамон ҷо. С.12.

хивагиҳо аз Самарқанд Субҳонқулихон бо аҳолии шаҳр ваҳшиёна бархӯрд карда, аз онҳо товони зиёдеро ситонд. Инчунин исён дар Ҳисор ва Хуҷанд низ пахш карда шуд.[1]

Ин замон байни писарони Субҳонқулихон дар Балх барои ҳокимият мубориҳо шиддат ёфт. Яке аз писарони ӯ бо номи Сиддиқ Муҳаммад ду бародари худро ба қатл расонида ҳокимияти Балхро соҳиб шуда, худро хон эълон кард. «Ин ҳаракати Сиддиқ Муҳаммад,- менависад А.Мирзоев,- барои ҳокимияти хонӣ хеле хафнок буд. Аз ин ҷост, ки Субҳонқулихон фавран бо ёрии Маҳмудбий атолиқ ба муқобили Балх лашкар кашид. Ва кор ба ҷое расид, ки Сиддиқ Муҳаммад дар ҷанг асир гардида, пас дар зиндон аз тарафи падараш кушта шуд ва ҳукумати Балх ба ихтиёри Маҳмудбий гузашт».[2]

Дар заминаи лашкар кашидани Субҳонқулихон ба Балх ахбори Муҳаммад Юсуфи Муншӣ ҳаст, ки тибқи он ба Субҳонқулихон хабар расид, ки ҳокими Балх Сиддиқ Муҳаммад ният дорад ба муқобили падари худ исён кунад ва Субҳонқулихон ба сӯи Балх лашкар кашид. Сиддиқ Муҳаммад бар зидди падар ба ҷанг бархост. Субҳонқулихон ба ӯ итминонннома фиристод, ки ӯро хоҳад бахшид бинобар ин ва ӯ ба пешвози падараш баромад. Пас аз ворид шудан ба Балх ба дастури Субҳонқулихон Сиддиқ Муҳаммадро ба ҳабс гирифта, занҷирбанд карданд, ки баъдан аз беморӣ вафот кард. Идораи Балх ба амири қабилаи юз Муҳаммадҷон Хоҷа атолиқ вогузир шуд.[3] Ин ҳоким ба сокинони Балх зулмро раво дид, ки дар натиҷа халқ бар зидди ӯ бархост. Бо мақсади фурӯ нишондани шӯриш ва ором намудани сокинон Субҳонқулихон озими Балх шуда, Муҳаммадҷонхоҷа атоликро барканор намуда, Ҷавимбий атоликро ба вазифаи ҳокими Балх, ки то соли 1688 дар ин ҷо ҳукумат дошт, дубора таъйин кард. [1]

Ин замони ҳукумати Аштархониҳоро, ки рӯй ба завол оварда буд, академик А.Мирзоев бисёр мушаххас баён карда аст. Ба назари олим

---

[1] История таджикского народа. Т.IV. Душанбе, 2010. С.168.
[2] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.13.
[3] Тазкираи Муқимхонӣ. С. 213, 215.

дар натиҷаи бӯҳрони сиёсӣ иқтисоди кишвар фалач гардида, хоҷагии мамлакат хароб шуда, хазинаи давлат холӣ гардида, федалони маҳаллӣ иқтидори сиёсии ҳукумати марказиро заиф карданд ва хулоса мекунад, ки «Бо ин тариқа, ҳаракати тоҷутахтталабии намояндагони хонадони Аштархонӣ, ки дар навбати худ ин хонадонро ба дараҷаи завол ва нестӣ оварда расонида буд, якҷоя бо исёнҳои пай дар пайи феодалони ҷудогона ва ҷангҳои хориҷӣ ба талафоти аз ҳад афзуни молӣ ва ҷонии халқ сабаб гардид».[2]

Субҳонқулихон барои неруманд гардидани ҳокимияти марказӣ талошҳо мекард ва барои халосӣ ёфтан аз ин вазъияти бӯҳронӣ як қатор тадбирҳо андешид. Яке аз ин тадбирҳо, чуноне ки А.Мирзоев бо такя ба ахбори Малеҳои Самарқандӣ қайд мекунад, ин ба ивази гирифтани ришва таъйин намудани одамон аз як мансаб ба мансаби дигар буд, ки ба ин восита сарвати онҳоро соҳиб мешуданд. Дар идомаи ин матлаб олим боз ҳам аз қавли Малеҳои Самарқандӣ менависад, ки: «Ришвагирӣ то дараҷае аҳамият пайдо кард, ки душманони ҳукумати хонӣ низ ба воситаи ришва аз марг халосӣ меёфтанд. Аз ҷумла, Қозӣ Бадеъ ном касе, ки дар вақти аз тарафи Анӯшахон забт шудани Самарқанд аз Субҳонқулӣ рӯй гардонида, урганҷиёнро ба Қаршӣ даъват карда буд, низ бо ин роҳ халосӣ ёфт».[3]

Ба Субҳонқулихон дар давоми ҳукуматаш муяссар нагардид, ки зиндагии осоиштаро барои мардум таъмин намояд. Баръакс дар натиҷаи сиёсати пешгирифтаи ӯ зулм ва истисмори табақаи ҳукумрон ниҳоят афзуд. Вазъи иқтисодии табақаи заҳматкаши кишвар боз бештар хароб гардид. А.Мирзоев дар бораи андозбандиҳои худсаронаи ҳокимони маҳаллӣ бо такя ба ахбори Малеҳои Самарқандӣ зикр мекунад, ки дар замони Субҳонқулихон илова ба андозҳои муқарраршуда, андозҳои иловагӣ ба нафъи лашкари хонӣ ҷамъ мекарданд, хироҷи яксолаи пулӣ ва молӣ ба андозаи ҳафткарата

---

[1] Тазкираи Муқимхонӣ. С. 234.
[2] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.13.
[3] Ҳамон ҷо. С.14-15.

ситонида мешуд. Яъне агар андози як нафар дар як сол як танга бошад, он гоҳ аз ӯ 7 танга меситониданд. Харҷ барои нигоҳдории соҳибмансабони девон ва арбобон 7-10 баробар афзоиш ёфт. Аз заминҳои шахсӣ чунон андозе ситонда мешуд, ки соҳибони замин онро бепул медоданд ва ҳеҷ кас заминро барои истифода намегирифт.[1]

Дар охири ҳукумати Субҳонқулихон сарлашкароне, ки хони Аштархонӣ ба онҳо такя менамуд, мехостанд аз зери итоати ӯ бароянд. Яке аз чунин ҳокимон Маҳмудбий аталиқ буд, ки дар ҷангҳои хоразмиён ба ӯ кумак менамуд. Бино ба гуфтаи А.Мирзоев ҳукумати Балх- маркази дуюми Аштархониҳо бозичаи дасти Маҳмудбий аталиқ шуд. «Агар ӯ дар охирҳои асри XVII як чанд вақт Солеҳхоҷаро ба рӯи ҳукумат оварда, асосан худи ӯ гоҳо ниммустақил ва гоҳо мустақилона кор бурда бошад, дар замони Убайдуллохон (1702-1711) Муҳаммад Муқимхонро кушта, худашро хон эълон кард».[2]

Баъд аз Субҳонқулихон писараш Убайдуллоҳхон соли 1702 ба тахт нишаст. Убайдуллохон менависад А. Мирзоев барои раҳои ёфтан аз бухрони иқтисодӣ ба тағйир додани пули маъмули шурӯъ кард. Бо амри ӯ миқдори нуқраи ба як тангаи муқаррарӣ таъиншударо ҳатто ба чаҳор танга тақсим намуда сикка зада баровард. Дар натиҷаи ин амал норозигии аҳолӣ зиёд гардида аҳли касаба ва дигарон дӯконҳои худро баста хариду фурӯшро нигоҳ медоранд. Дар натиҷа озуқа ва хӯрокворӣ барои одамони қамбизоат, фуқаро ва мискинҳо, ки таъминоти ҳар-рӯзаашонро ҳар рӯз аз бозор пайдо мекарданд, ёфт нашуда мемонад. Ҳатто баъзе одамоне, ки аз гуруснагӣ мурда буданд барои дафни онҳо кафан ҳам ёфт намешавад. Дар натиҷа мардум бар зиддиислоҳоти гузаронидаи пулии Убайдуллохон эътироз намуда ба ҷониби арки хон равона шуда дарвозаҳои аркро сангборон мекунанд. Бо фармони Убайдуллохон як қисми эътирозкунандагон ба қатл мерасанд.[3]

Ҳангоми ҳукмронии Убайдуллоҳхон мубориза байни ҳокимияти

---

[1]Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.13.
[2] Ҳамонҷо С.16.
[3] Ҳамонҷо С.18.

марказӣ ва заминдорони калон беш аз пеш қувват гирифта, парокандагии феодалӣ ба авҷи худ расида буд. Дар давлати Аштархониён низоми амлокӣ вуҷуд дошт, ки тамоми кишвар тақрибан байни қабилаҳои бонуфуз ё аъзои хонаводаи хонӣ тақсим шуда буд. Қабилаҳои кӯчие, ки ба ҳайати хонии Бухоро дохил мешуданд, ба дараҷаи кофӣ нирӯмандии худро дар баробари ҳокимияти марказӣ ҳифз мекарданд, то дар низоми давлатдорӣ ширкат намоянд ва аз нигоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ комилҳуқуқ бошанд. Раванди таҷаммӯи заминҳо ва сарватҳои аз дигарон харидоришуда, ғоратгардида ё ба сифати бахшиш аз ҳокимияти марказӣ дарёфтшуда дар дасти ашрофи қабилавӣ, ки ҳанӯз дар асри XVII оғоз ёфта буд, боз ҳам бештар гардид. Ин яке аз омилҳои заъиф гардидани давлат ба шумор мерафт. Убайдуллоҳхон кӯшиш намуд ашрофи қабилавиро заъиф намуда, идораи давлатро мутамарказ намояд, вале ин ба ӯ муяссар нашуд, зеро барои анҷоми ин кор заминаҳои воқеӣ вуҷуд надоштанд. Амирон ва пешвоёни қабилаҳои кӯчӣ, ки дорои сарват ва мулкҳои калон буданд, худро соҳибистиқлол меҳисобиданд ва ба нерӯи қабилаҳои худ такя намуда, аз тобеъият ба ҳукумати марказӣ саркашӣ мекарданд, ки дар натиҷаи ин муқобилиятҳо соли 1711 Убайдуллохони Аштархонӣ кушта мешавад.

Академик А.Мирзоев дар хулосаи баррасии таърихии ин давр менависад, ки  дар замони охирин намояндаи сулолаи Аштархонӣ – Абдулфайзхон (1711-1747) бинобар пурқувват будани муқобилиятҳои дохилӣ, набудани нируи муттаҳидкунандаи давлат Нодиршоҳи Афшор (1688-1747) бе ҷанг ин давлатро ба итоати худ даровард ва идома медиҳад. ки «давраи ҳукумронии Аштархониён, махсусан нимаи дуюми асри XVII  ва нимаи аввали асри XVIII на танҳо аз вазнинтарин, балки нисбат ба халқи меҳнатӣ аз даҳшатноктарин давраҳои таърихи Осиёи Миёна будааст».[1]

Ба ҳангоми баррасии эҷодиёти Сайидо, бахусус ашъори иҷтимоии шоир А.Мирзоев дубора ба вазъи буҳронии Мовароуннаҳр назар

---

[1] Ҳамон ҷо. С.16.

мекунад. Маснавиҳои таърихии Сайидоро олим таҳлил карда, ба хулосае омадааст, ки шоир исёни хитой-қипчоқҳо дар Миёнколд ва ҳуҷумҳои ғоратгаронаи урганҷиёнро сарзаниш карда, аз тадбирҳои давлат бар зидди онҳо тарафдорӣ намуда, шоир ба ваҷҳе хосгори парокандагии мамлакат нест. Бинобар ин, шоир «ҳаракати Назарбӣ ном ҳокими Қаршӣ ва бо иғвои ӯ ба тамаи тахти хонии Бухоро (ҳангоми ҳукумати Абдулазизхон) аз дарёи Ому гузаштани Субҳонқулихонро таҳқиромезона қайд карда истода, дар ин ҷо ҳам ғалабаи қушуни ҳукумати хониро тарафдорона тасвир кардааст»[1], - таъкид мекунад А.Мирзоев.

Сайидо асоси давлатро дар нерӯи халқ мебинад, ки он на танҳо қувваи азим, балки қувваи муқаддасест, ки муқобилони вай худ аз худ маҳв мешаванд ва дар тасдиқи ин назар А.Мирзоев байти маъруфи Сайидоро:

Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст чу баҳр,

Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад, - мисол меорад.[2]

Вазъи давлати Аштархониён дар Мовароуннаҳрро Сайидо ба «деҳаи тороҷдида» ташбеҳ дода аст,-менависад А.Мирзоев ва идома медиҳад, ки «шоир давлатмандони ба сари кор бударо ба ҷуғз, кирми даруни пилла ташбеҳ дода, шахсони харобипарвар, тамаъкор ва фиребгар будани онҳоро исбот кардааст».[3] «Сайидо менависад, - А.Мирзоев,- дар асарҳои худ, махсусан дар ғазалиёт харобии мамлакат, сахтии зиндагонии табақаҳои меҳнатӣ ва ба гадоӣ дучор шудани онҳоро бо аламу сӯзу гудоз тасвир карда истода, дар ин бора табақаи ҳоким, махсусан қисми зулмпешаи онро айбдор мекунад».[1] Сайидо ягона наҷотро аз хориву зорӣ ва бадбахтиҳо дар мубориза бар зидди золимони замони худ мебинад ва А.Мирзоев дар тақвияти ин суханҳо шеъри зерини Сайидоро, ки ба мубориза даъват мекунад, мисол меоварад:

---

[1] Ҳамон ҷо. С.82.
[2] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.82.
[3] Ҳамон ҷо. С.83.

Бо аҳли ҷоҳ нохуни зоғу паланг бош,

Дар коми шер арраи пушти наҳанг бош!

Бар рӯи мунъимон ғазаболуда кун нигоҳ,

Бо ин гурӯҳ нохуни шеру паланг бош!

Саҳрову шаҳр баски зи девона пур шудаст,

Ҳар ҷо ки по ниҳӣ бағали пур зи санг бош!

Чун каҳрабо макун ба тамаъ рӯи хеш зард,

Дар базми майкашон чу равӣ бодаранг бош![1]

Хулоса, академик А.Мирзоев бо такя ба сарчашмаҳои муътамади ин давр вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии давлати Аштархониёнро хеле мушаххас баён кардааст. Натиҷагириҳои олим роҷеъ ба вазъи сиёсии ин давраи Мовароуннаҳр ин аст, ки бар асари мубориазаҳои дохилӣ ва кашмакашҳои қудратхоҳон давлати Аштархониён дар баробари амирон заъиф гардид. Хонҳо, ки қудрате барои пешгирӣ аз тамоюли ҷудоиҳоҳии амиронро надоштанд, оҳиста-оҳиста вобастаи онҳо мегардиданд. Бе ёрии амирон онҳо наметавонистанд бо душмани хориҷӣ мубориза кунанд. Амирон, ки ҳуқуқи идораи вилоятҳоро доштанд, бо ҷонибдории қабилаҳояшон истиқлолияти онҳо тақвият меёфт ва ин боис мешуд, ки онҳо дар ин мулкҳо комилан худро мустақил ва соҳибихтиёр бинанд, бе ҳамоҳангӣ бо ҳокимияти марказӣ бар зидди ҳамсоягон ҷангу тохтутозҳо намоянд ё бо онҳо созишномаҳои сулҳ ба имзо расонанд. Баъзе аз ин амирон, масалан Ялангтушбий, ки чандин даҳсолаҳо Самарқандро идора менамуд, Маҳмудбий қатаған, аталиқ Раҳимбий ва ғайра ба нерӯи ҳарбии қабилаҳои худ такя намуда, ҳам дар корҳои идории давлат ва ҳам вилоятҳо нақши муҳим мебозиданд. Тақсими мулкҳо дар байни аъзои хонадони хонӣ ба тақсими мулкҳо дар байни қабилаҳои ҷудогона табдил мешуд ва натиҷаи ин парокандагии сиёсӣ ва заминаҳои аз байн рафтани давлати Аштархониёнро фароҳам овард.

[1] Ҳамон ҷо. С.83.

## II.5. Инъикоси воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIX-и аморати Бухоро дар осори Аҳмади Дониш ва баррасиҳои онҳо аз тарафи академик А.Мирзоев

Академик А.Мирзоев дар бораи яке аз симоҳои барҷастаи адабиву сиёсӣ, сарвари ҷараёни маорифпарварии нимаи дуюми асри XIX-и тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) ва инъикоси воқеаҳои таърихӣ, афкори фалсафӣ, масъалаҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIX дар осори ӯ таҳқиқоти зиёде анҷом додааст.

Аз мавзуоти густурда ва мубоҳисаву муҳокимаҳои дақиқи Аҳмади Дониш дар осораш эҳсос мешавад, ки ин донишманди тоҷик бо мероси бузурги таърихиву адабӣ, фалсафию ахлоқӣ, фарҳангиву ҳунарии гузаштагони худ шиносоии комил доштааст. Дар замина агар ба ахбори таърихии Аҳмади Дониш дар осораш таваҷҷӯҳ кунем, мебинем, ки ӯ воқеаҳои таърихии замонашро фақат барои таърих нақл намекунад, балки дар бораи тараққӣ ва таназзули давлатҳо дар мисоли таърихи ҳукумронии хонадони манғит андешаҳо баён намуда, суқут ва аз ҳам пошхӯрдани ин давлатро бо заковати баланд пешгӯӣ мекунад. Ба ин далел донишманди тоҷик Ҳ.Пирумшоев Аҳмади Донишро дар саргаҳи гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илмӣ мебинад ва ба хулосае мерасад, ки тарзи масъалагузорӣ, таҳлили амиқи воқеаҳо ва кӯшиши дарёфти заминаву сабабҳои воқеии онҳо дар осори Аҳмади Дониш маънии дарки воқеъбинонаи раванди таърихнигории миллиро дорад.[1]

Ин вижагиҳои шахсияти Аҳмади Дониш ва хусусиёти фарқкунандаи осораш боис мегардад, ки А.Мирзоев ба омӯзиши шахсият ва осори ин донишманд бипардозад. Соли 1948 А.Мирзоев китоби дарсии «Адабиёт»-ро таълиф намуда, дар фасли «Маълумоти мухтасар оид ба ҳаёти сиёсӣ ва адабии Мовароуннаҳр дар асри XIX»

[1] Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. С.84-85.

дар бораи Аҳмади Дониш маълумот овардааст. Муаллиф ба таври мухтасар тарҷумаи ҳоли Аҳмади Донишро баён карда, дар бораи ба дарбор даъват шудани ӯ, сафарҳояш ба Россия, андешаҳои маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Дониш, танқиди ӯ аз сохти аморати Бухоро тавзеҳот дода, аз «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» ва «Наводиру-л-вақоеъ» намунаҳо овардааст.

Дар солҳои мухталиф А.Мирзоев мақолаҳое дар бораи Аҳмади Дониш навишта, арзиши осори ӯ, мақоми иҷтимоии Дониш ва инъикоси воқеаҳои таърихии замони Донишро дар пояи осори ӯ тавзеҳ додааст. Мақолаҳои ӯ: «Аҳмад Махдуми Дониш», «Аз «Рисола» оид ба аввалин ҷанги байни Россия ва Бухоро», «Аз «Наводиру-л-вақоеъ», Порчае аз ҳикояти фаромӯшхона», «Як асари тозаи Аҳмади Дониш», «Як факти муҳимми таъсири маданияти рус дар нимаи дуюми асри XIX ва шарти асосии омӯхтани мероси адабӣ-илмии Аҳмади Дониш», Таҳрири аввалини «Наводир-ул-вақоеъ» ва вақти таълифи он», «Аҳмади Дониш ва воқеаи қатли оми қипчоққо», «Аҳмад Махдуми Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна», «Як ҳуҷҷати тоза роҷеъ ба фаромӯшхона ва баъзе аз мақсадҳои аҳли он», «Шарҳи ҳоли Аҳмади Дониш ба қалами худаш», «Дониш ва ақидаи ӯ ба шеъру шоирӣ», «Аҳмади Махдуми Дониш ва Абдураҳмони Ҷомӣ» ва «Равобити фикрии Дониш ва Биноӣ», ки дар солҳои мухталиф навишта шуда, ба чоп расидаанд, дар бораи тарҷумаи ҳоли Аҳмади Дониш, чун олим ва донишманди бузурги замони хеш шуҳрат пайдо кардани ӯ, ба дарбор даъват шудан ва ширкат дар сафоратҳои Аморати Бухоро ба Россия, шиносоияш бо ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Россия ва таъсири он ба ҷаҳонбинии Дониш, ки чун маорифпарвар ташаккул ёфта, мехоҳад ислоҳоте дар Аморати Бухорои ақибмонда ба амал оварад, таъсири Аҳмади Дониш ба адибони ин давр ва ғайра сухан

---

[1] Пирумшоев Ҳ. Аҳмади Дониш дар саргаҳи гузариш аз донишҳои таърихӣ ба илмӣ //Аҳмад Махдуми Дониш ва хориқаи таърихии фарҳанги Тоҷикистон (маҷмӯаи мақолаҳо). Душанбе: Дониш, 2017 (-556 с.). С. 312-325.

меравад. Ҳамаи ин нигоштаҳои академик А.Мирзоев роҷеъ ба аҳволу осори Аҳмади Дониш ба ибтикори донишманди тоҷик Мирзо Муллоаҳмадов ва писари академик А.Мирзоев, Масрур Мирзоев дар як маҷмӯаи мақолаҳо соли 2017 ба табъ расиданд,[1] ки ба кори пажӯҳандагони осори академик А.Мирзоев сабукӣ мебахшанд. Ин маҷмӯаи мақолот асоси баррасиҳои мо дар бораи омӯзиши воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIX-и аморати Бухоро аз тарафи академик А.Мирзоев бар асоси осори Аҳмади Дониш хоҳад гашт.

Бояд гуфт, ки пайдо кардани мақому манзалат дар ҷомеаи замони худаш ибтидо ба Аҳмади Дониш на ба эътибори дониши фарохи мадрасагиаш, балки аз ҳунари наққошиву хаттотӣ ва тарроҳияш буд, ки ин ҳама ҳунарро мустақилона омӯхта буд. Аҳмади Дониш барои дӯстон ва толибилмони мадрасаҳо девонҳои шоирони маъруфро китобат карда, онҳоро бо лавҳаю наққошиҳои зебо ороиш медод ва дар ниҳояти устодӣ хатҳои сулс, райҳон ва зулфро хаттотӣ мекард. Ин буд, ки дар ҳунари наққошиву хаттотӣ ва рассомию лаввоҳӣ роҳу салиқаи навро ҷорӣ кард ва аз забардастони замони хеш гардид. Ба эътибори ин ҳунар буд, ки ҳамасронаш ба ӯ лақаби Хаттотро дода буданд ва ӯ ба ин васила ба хизмати дарбор даъват гардид. Аммо Аҳмади Дониш дар дарбор чун фозилу донишманд, ба хусус ба сифати тасаллут дар илми нуҷум назди амиру аҳли дарбор нуфузи чашмгире пайдо кард.[2]

Бо вуҷуди эътибори баланде пайдо кардан дар аморати манғитияи Бухоро, Аҳмади Дониш аз шумори он намояндагони таърихнигории тоҷик аст, ки низоми давлатдории замонашро ошкоро танқид кардааст. А.Мирзоев бо омӯзиши мероси таърихӣ ва адабию илмии Аҳмади Дониш ва афкори сиёсиву иҷтимоии ин мутафаккири маъруф нақши ӯро дар боз ҳам бештар равшан намудани замони тираву тор ва ҷаҳолати асримиёнагии нимаи дуюми асри XIX-и аморати Бухоро барҷаста муайян намудааст.

---

[1] Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). Мураттибон М.Муллоаҳмад, М.Мирзоев. Душанбе, 2017. -140 с.
[2] Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. Душанбе: Ирфон, 1976 (-293 с.). С. 19-62.

А.Мирзоев илова ба матолиби дар «Адабиёт» баёншуда дар бораи тарҷумаи ҳол ва масири зиндагии Дониш ду мақола бо номҳои «Аҳмад Махдуми Дониш»[1] ва «Шарҳи ҳоли Аҳмади Дониш ба қалами худаш»[2] навишта, муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии Донишро дар онҳо инъикос кардааст.

Замони зиндагӣ ва фаъолияти Аҳмади Дониш дар аҳди ҳукумати амирони манғит Насруллоҳ,(1826-1860) Музаффар (1860-1885) ва Абдулаҳад(1885-1910) сипарӣ гаштааст. А.Мирзоев менависад, ки баъд аз он ки Аҳмади Дониш ҳамчун донишманди бузурги вақт шуҳрат пайдо мекунад, ӯро ба дарбор даъват мекунанд, дар баъзе сафарҳои амир ширкат мекунад ва се маротиба бо ҳамроҳии намоянда-элчии ҳукумати амирии Бухоро ба сифати маслиҳатчӣ-котиб ба пойтахти давлати Россия – шаҳри Петербург сафар мекунад.[3] Бояд зикр кард, ки таҳаввул дар андешаву афкори Аҳмади Дониш баъд аз се сафари ӯ ба Россия, ки ин сафоратҳо солҳои 1857 (барои таъзияти вафоти Николайи якум), (1825-1857) 1868 (пас аз имзои шартномаи сулҳ бо Россия) ва 1873 (ба муносибати ғалабаи ҳукумати подшоҳии Россия бар хони Хева ва муборакбодии тӯйи арусии духтари императори Россия) анҷом ёфтаанд, ба вуҷуд омадааст. Аҳмади Дониш дар муддати ин сафарҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Россия, усули давлатдорӣ ва анъанаҳои пешқадами он аз наздик шинос мешавад. Ин донишманд, ки дар кишвари ақибмонда ва муҳити ҷаҳолати асримиёнагии аморати Бухоро зиндагӣ мекард, барои худ ҷаҳони наверо кашф кард, ки он дар ҷаҳонбинӣ, ақидаҳои иҷтимоӣ ва сиёсии ӯ таъсир гузошт. Ин нуктаро А.Мирзоев таъкид карда, менависад, ки Аҳмади Дониш зиндагӣ ва пешрафти ҳаёти шаҳрҳои Россияи подшоҳиро бо ҳаёти кишвари худ муқоиса карда, дар фикри ислоҳот мешавад. «Вай дар асарҳои худ ва

---

[1] Мирзоев А. Аҳмад Махдуми Дониш // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.10-15.
[2] Мирзоев А. Шарҳи ҳоли Аҳмади Дониш ба қалами худаш // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.88-113.
[3] Мирзоев А. Аҳмад Махдуми Дониш // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.10.

дар суҳбатҳои шахсӣ нодурустӣ, ноқисии усули мамлакатдории сарзамини худ ва дигар монеаҳои тараққиёти маданиро фош карда истода, зарур будани ислоҳоти лозимаро таъкид кардан мегирад».[1] Бинобар ин ӯ ба хулосае мерасад, ки амир бояд дар корҳои идории аморати Бухоро ислоҳот ба амал оварад ва дар замина пешниҳодоти худро дар шакли рисолае тартиб дода, онро ба амир тақдим мекунад. Ин рисолаи Аҳмади Дониш «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» ном дошт. Аммо бар хилофи чашмдошти ӯ амир ва дарбориёни аморати Бухоро чунин ислоҳотро қабул накарданд. Аҳмади Дониш баъдан менависад, ки: «баъд аз итмоми ин рисола ҳеҷ касе аз он напурсид ва ҳеҷ эҳтиёҷ ба назми аскардорӣ наяфтод ва давои тақозо ба худии худ барҳам хӯрд» ва баръакс амир Абдулаҳад аз ин бебокии Дониш дар хашм шуда, ба дарбориёни худ гуфтааст: «Ман фалониро (Аҳмади Донишро) ба сафорати давлат ба ҷониби Россия ҳамроҳ кардам, дар охир ба ман насиҳатгар шуд».[2] Дар натиҷа амир ӯро аз вазифаҳои маъмурии аморат дур кардааст, ки Аҳмади Дониш дар ҷавоб менависад: «Ман ҳам ба навкарии ин кӯҳнакорон толиб нестам».[3]

Дар мақолаи «Шарҳи ҳоли Аҳмади  Дониш ба қалами худаш», ки А.Мирзоев онро аз «Баёзи мансур ва манзум»[4] овардааст, дар бораи ногузирии харобии аморати Бухороро аз қавли Аҳмади Дониш чунин менигорад: «....ман ободии мамлакатро меҷустам, аммо қазо бар харобии ин мамлакат ҷорӣ буд...»[5] Ин матлаби Донишро А.Мирзоев тафсир карда, менависад, ки Аҳмади Дониш дар ин ҷо ба ақидаи қазову қадар розӣ аст, аммо дар «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» муаллиф «ғояи қазову қадарро тамоман пушти сар

---

[1] Мирзоев А. Аҳмад Махдуми Дониш // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.11.
[2] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. Таҳия, тасҳеҳ, тавзеҳот ва шарҳи луғот Аҳмад Ҳоҷизодаи Мадрушкатӣ. Душанбе: Дониш, 2010. С.123.
[3] Ҳамон ҷо.С. 123.
[4] Баёзи мансур ва манзум. Нусхаи китобхонаи Института шарқшиносӣ. №2273. С.44-48.
[5] Мирзоев А. Аҳмад Махдуми Дониш // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.113.

гузоштааст».[1]

А.Мирзоев ба ин назар аст, ки Аҳмади Дониш на танҳо ҳамчун як маорифпарвар, ки бо усули ислоҳот мехост дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии аморати Бухоро тағйирот ба амал оварад, маъруф гашт, инчунин тавонист бо ҷуръат ҳукумати амирони манғитияи Бухороро дар нотавонбинӣ, бедонишӣ ва ҷоҳилӣ танқид кунад ва ба ин назар расид, ки намояндагони ин хонадон лаёқати давлатдориро надоранд.[2]

Муҳаққиқи осори Аҳмади Дониш Р.Ҳодизода низ ин назари А.Мирзоевро тасдиқ намуда, менависад, ки Аҳмади Дониш дигар умеде ба воситаи ислоҳоти ҷузъӣ тағйир додани низоми давлатдории манғитиёнро намекард ва ба андешае омада буд, ки «на танҳо тартиботи мавҷударо, балки худи сулолаи ҳукумрони манғития бояд сарнагун гардад ва ба ҷои он як системаи тамоман наве ба миён биёяд. Тамоми таҳлилоти таърихии муаллиф дар бораи ҳукумронии давраи амир Музаффар ва амир Абдулаҳад ба чунин хулосаи қатъӣ меорад, ки дигар ба воситаи ислоҳот ё тағйироти ҷузъӣ беназмию безабтии ин давлатро ба низоми муайяне даровардан мумкин нест».[3]

Ин таъкидоти А.Мирзоев ва Р.Ҳодизода дар «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-и Аҳмади Дониш ошкоро баён шудаанд.

А.Мирзоев аз «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» матолиби муҳимеро бо номи «Аз «Рисола» оид ба аввалин ҷанги байни Россия ва Бухоро» баргузида, ба табъ расонида аст.[4] А.Мирзоев дар ин ҷо тафсире ба суханони Аҳмади Дониш намекунад, вале матолиберо, ки аз «Рисола»-и Аҳмади Дониш баргузидааст, воқеияти талхи замони муаллифро баён мекунад.

Аҳмади Дониш дар ин асараш дар бораи амир Насруллоҳ, писари

---

[1] Ҳамон ҷо. С.113.
[2] Мирзоев А. Аҳмад Махдуми Дониш // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.11-12.
[3] Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш. С. 255.
[4] Мирзоев А. Аз «Рисола» оид ба аввалин ҷанги байни Россия ва Бухоро // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.16-21

дуюми амир Ҳайдар, ки ҳокими Қаршӣ буд ва пас аз вафоти амир Ҳайдар (6 октябри соли 1826) бародаронаш- амир Ҳусейн ва амир Умарро, ки ҳар яке на камтар аз ду моҳ дар тахти аморат нишаста буданд, аз миён бардошта, моҳи марти 1827 ба тахти аморат нишаст, менависад: «Чун амир Насруллоҳ шеваи ярғу ва мусодара бар гардани сипоҳ ниҳод, уммолу мутасаррифон ночор ба зулм даст ниҳоданд. Уламо низ аз гирифту гири ӯ битарсиданд ва бо хушомад фатвоҳои мулоим медоданд ва касеро маҷол намонд, ки ҳақиқати шаръро бар амир тавонад маълум кард».[1] Аҳмади Дониш дар бораи равиши давлатдории амир Насруллоҳ мегӯяд: «Ва бо тақозои фитрат майли ӯ бештар ба аморид ва суҳбати зебописарон афтода, аксар маносиби амoратро ба ин табақа арзонӣ медошт ва дар рикоби ӯ ҷавонони паришамоил бисёр мерафтанд ва ба суҳбати уламо ва фузало камтар руҷӯъ медошт, магар барои зарурат».[2]

Баъд аз сию панҷ соли ҳукумати амир Насруллоҳ писараш, Музаффар ҳукуматро ба даст гирифт. Дар бораи ӯ Аҳмади Дониш чунин бардошт дорад: «…баъд аз он ки амир Музаффар бар сарири давлат мутамаккин шуд, димор аз ниҳоди онон, ки ҷониби васоё рафта буданд, баровард… Алалфавр умаро ва аъёну вузаро, ки аз қибали падари ӯ бар арикаи маносиб буданд, барафканду амволашонро ба мусодара бардошт ва давлатхоҳону ходимони худро бар сари мулк баровард. Аз ин ҷиҳат сипоҳу раият аз ӯ озурда шуданд».[1] Музаффар мисли падараш Насруллоҳ аҳкоми шариатро ба қавли Аҳмади Дониш «бар тибқи раъйи худ меронд. Масалан, касе ки пашизе дуздад ба қатл мерасонид ва касе ки шахсеро қатл кунад бозхост намекард ва мардумро ба андак ҷарима ба ҳабс мефармуд ва камтарин муддати ҳабси ӯ се сол буд ва бисёртарини он ҳафт сол. Чун маҳбасҳо аз бандӣ пур мешуд, баровардa рама-рама ба қатл мерасонид. Ва аксар умарои асри падарро ба қатлу мусодара ба хок нишонид ва дунону ғуломонро

---

[1] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.34.
[2] Ҳамон ҷо. С.34.

бар сари халқ баровард, то он ки истилои Россия дар Мовароуннаҳр воқеъ шуд».[2]

Аҳмади Дониш замони ҳукумронии Музаффарро замони заиф гардидани пояҳои давлатдорӣ, аз зери итоати ӯ баромадани қисмате аз сарзаминҳои кишвар, ниматобеъ гаштани аморати Бухоро ба ҳукумати таззории Россия, ба мақомтоҳои давлатӣ нишастани бедонишону ноаҳлон, ба фасод гароидани шариат ва ғайра тасвир мекунад: «Ва билҷумла, дар замони амир Музаффар тафовуте фоҳиш дар ободии Бухоро воқеъ шуд, ки рӯй ба таназзул ниҳод ва аксар мазраъҳо ба воситаи нуқсони об хароб гашт, ки оби Бухоро дар қабзаи тасаррýфи куффор даромад..., заъфи куллӣ ва ихтилоли тамом дар миллати ислом зоҳир шуда, шариат забуни салтанат гардид ва басе дунону ғуломону ноаҳлон бар сарири аъмолу маносиби давлатӣ ҷулус фармуданд ва ҳарҷу марҷ дар маротиби назми миллату давлат афтод, ки ҳеҷ касро осудагиву фароғат муяссар набуд, на ағниёро ва на фуқароро»[3] ва бо дард менависад, ки: «Дидае ку, ки назорати чунин фачочату қабоҳати ҳазрати амирулмуслиминро бинамояд».[4]

Баъд аз вафоти Музаффар дар соли 1885 писараш Абдулаҳад ба тахти аморати Бухоро нишаст. Аҳмади Дониш дар бораи ин амир менависад, ки Абдулаҳад «вопастар аз падар рафт... ва аз фисқу фасод ҳеҷ боз наистода».[5] Давлати Россия дар замони ҳукумати ин амир мудохилаи ошкоро ба корҳои аморати Бухоро мекард ва Абдулаҳад дар тамоми корҳои давлатдорӣ бо намояндаи генерал губернатории Туркистон машварат менамуд.

Бояд гуфт, ки роҷеъ ба фисқу фасод дар дарбори хонадонҳои ҳукуматгари муғулӣ, чун Ҷониён (Аштархониён), манғитиён ва хонҳои Хуқанд ҳанӯз соли 1940 А.Мирзоев дар асари «Духтархона чист?» дар

---

[1] Ҳамон ҷо. С.36.
[2] Ҳамон ҷо. С.37.
[3] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.93, 102.
[4] Ҳамон ҷо. С.96.
[5]Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.110.

асоси сарчашмаҳои таърихӣ матолиби муҳим баён карда, як масъалаи мубрамро, ки ба ҳарамхонаҳои замони Ҷониён, манғитиён ва хонии Хуқанд таъаллуқ дошт, мавриди омӯзиш қарор додааст. Оид ба ҷалби духтарон ба ин ҳарамхонаҳо А.Мирзоев чунин менависад: «Онҳо духтарони бекас ва нотавонро бо роҳҳои гуногун дар таҳти ниқоби тарбиякунӣ ва хизматгорӣ дар ҳарами худ гирифта, ба оҳистагӣ тамоми муомилае ба каниз кардамешудагиро ба онҳо ҷорӣ мекунанд. Ва ин кор ба тавассути ҳарами онҳо ва ҳолати рӯпӯшии занон то андозае аз назари омма пинҳон шуда мемонд».[1]

Дар доираи омӯзиши ин мавзӯъ А. Мирзоев ба хулосае омадааст, ки табақаҳои ҳукумрон барои аз чашми мардум пинҳон нигоҳ доштани кирдори зишташон ин ҳарамхонаҳоро духтархона номидаанд. Дар ин ҳарамхонаҳо бисёртар духтарони ҷавонеро меоварданд, ки мувофиқи табъи дили амирони манғит, мисли амир Насруллоҳ бошанд. Онҳо канизони ҳарамсарои амир ҳисобида мешуданд ва барои онҳо либосҳои махсуси ҳарамӣ медӯхтанд. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқони рус шумораи зиёди духтархонаҳоро дар аморати Бухоро бино карда буданд. Амирони манғит қисмати зиёди вақти худро дар ҳарамхонаҳо мегузарониданд.[2]

Қобили зикр аст, ки ба асари А.Мирзоев «Духтархона чист?» устод С.Айнӣ муҳаррири масъул буд ва дар тақризе, ки барои чоп ба нашриёт аз тарафи устод С.Айнӣ пешниҳод шуда буд, ба он баҳои арзанда додаст.[1]

Дар нимаи дуюми асри XIX Россияи подшоҳӣ баъзе аз қаламрави Осиёи Миёнаро ишғол кард. Аҳмади Дониш дар рисолаи хеш аз нотавонии сиёсӣ, ноогоҳии фармондеҳони лашкари Бухоро аз қудрати низомии Россияи таззорӣ, аз ҷумла дар бораи сарфармондеҳи лашкари Бухоро Яъқуб-қушбегӣ менависад: «Ва дар он (маврид) Яъқуб-қушбегӣ, ки яке аз ғуломони амир буд, соҳибулҷайш таъйин карданд, бо он ки

[1] А.Мирзоев. Духтархона чист? Сталинобод. 1940. С. 31-32.
[2] А.Мирзоев. Духтархона чист?. С. 17-20.

дар умри хеш овози туфангро нашунида ва ҳеҷ маъракаи мубориЗонро надида, ки камтарин навкарияи эл саломи ӯро ор медонист ки ба сари гурӯҳе маъмур бошад».[2]

Россия қадам ба қадам пешрафт мекард ва шаҳру деҳоти нави Осиёи Миёнаро ба қаламрави худ ҳамроҳ менамуд. Амир Музаффар барои гирифтани пеши роҳи лашкари Россия хост Ҷиззахро ба истеҳкоми нирӯманде дар роҳи Бухоро табдил диҳад ва дар замина Аҳмади Дониш менависад: «Ва билҷумла, баъд аз ғалаба ва истилои Россия дар Тошканд, ҳифзи Диззахро, ки садди суғури Бухоро, балки дарвозаи Самарқанд аст, аз заруриёт фаҳмид, миқдори як лак танга бештар хароҷот намуда ва давру боруи онро ба девори матин истеҳком намуданд. Ва дар он миқдоре касир аз аскар ба расми илғор номзад шуданд, то омади Россияро монеъ ва дофеъ бошанд.».[3]

Охири моҳи январи соли 1866 як теъдоди маҳдуди сипоҳи Россия бо сарварии генерал Черняев (1828-1898), ки иборат аз 14 ротаи пиёдагард ва 600 нафар казакҳои рус, ки ҳамроҳ 16 адад тӯп низ доштанд, дохили хоки Ҷиззах шуданд. Дар ҷанге, ки миёни муҳофизони қалъаи Ҷиззах ва лашкари русҳо ба амал омад, русҳо шикаст хӯрданд ва генерал Черняев бо гурӯҳе аз сарбозонаш ақибнишинӣ кард.[4] Ин ғалаба амир Музаффарро рӯҳбаланд сохт ва барои ба даст овардани Тошканд бо лашкари Бухоро ба Ҷиззах дар мавзеи Сосиққӯл ҳозир шуд ва ба маҳзи расидан ба Ҷиззах на ба назму низоми лашкар ва омодагӣ ба ҷанг машғул гардид, балки чуноне ки Аҳмади Дониш менависад «дар сояи шомиёна ба лаъби шатранҷ машғул буд ва ҷамоае аз қавволон қавлу ғазал мегуфтанд».[5] Амири Бухоро дар ҳоли кайфу сафо амру дастуроте медод, ки онро Аҳмади Дониш ба истеҳзо чунин зикр мекунад: «Ва худи

---

[1] Саидмуродов С., Мальцев Ю.С. Из истории востоковедения в Таджикистане (1917-1958). Душанбе: Дониш, 1990. С.73.
[2] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.41.
[3] Ҳамон ҷо. С.41.
[4] История таджикского народа. Т.IV. Душанбе, 2010. С.489-504.
[5] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.44.

амир усули нақораро ба фахзи худ нигоҳ дошта, онан фаонан пешхидматонро мефармуд, ки рафта ба амири тӯпхона Салимбӣ ва амири аскар Шералӣ-ӯноқ таъйин кунанд, ки хазинаи Россия ба дасти навкария талаф нашавад ва бисёр мардуми Россияро нокушта, зинда оранд, ки дар зумраи сарбозони мо истода хидмат кунанд ва низомро ҷорӣ доранд».[1]

Баъд аз воқеаи шикасти генерал Черняев ӯ бозхонд мешавад ва ба ҷойи ӯ генерал Д.И. Романовский (1825-1881) таъйин гардида, амалиётҳои ҳарбии минбаъдаро дар Осиёи Миёна роҳбарӣ мекунад. Аз ҷумла, 8 майи соли 1866 дар роҳи Ҷиззах ва Хуҷанд, дар мавзеи Эрҷор миёни лашкари Россия ва Бухоро ҷанг сурат мегирад. Дар ҳоле ки лашкари аморати Бухоро пеш аз набарди Эрҷор аз 35 ҳазор бо 21 арода тӯп ва савориёни ихтиёрӣ ба 100 ҳазор лашкар бо 30 арода тӯп тақвият ёфта буд, аммо ин лашкар дар набарди Эрҷор дучори шикаст мегардад.[2] Дар бораи расидани хабари шикасти лашкари Бухоро ба амир Музаффар, ки дар ҳоли шатранҷбозӣ буд, Аҳмади Дониш менависад: «Он гоҳ хабар оварданд ба ҷаноби амир, ки аскар бевафоӣ карданду пушт доданд, амир низ саросема ба болои асби қантарӣ ва зинхолие нишаста, фурсат наёфт ки аммома бар сар кунад ё ҷома бипӯшад. Ҳамчунон аз сари шатранҷ бархоста болои зин (бар) нишаст ва асб меронд.…Ва дар он гуреза амир низ фурсати нақзи ҳоҷат наёфта ҳам ба болои зини асб бавл карда эзорро мулаввас гардонида, наздики ишо ба қишлоқе Хавос ном расида фаромад. Як-ду тан аз хидматгоронро ки бад-ӯ расиданд, амр ба татҳири ҷома фармуд, то пагоҳ вақти ишроқ (субҳ) баъзе аз умарои давлат ба даври ӯ таниданд. Боз ба либоси тоза ороиш дода ҳамчунон то ба Самарқанд мурочаат намуданд…»[3]

Сабабҳои шикасти лашкари Бухоро дар набарди Эрҷорро Аҳмади Дониш ошкоро баён мекунад: «Ваҷҳи ин парокандагӣ он аст, ки руасои

---

[1] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.44.
[2] История таджикского народа. Т.IV. Душанбе, 2010. С.509.
[3] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.45.

лашкар ҳама ғуломон буданд, ки бо амир ҳаммактаб буданд. Элу улус хидмати онҳоро нанг медонистанд ва боз мавоҷиби ин қӯшуни номураттабро, ки ҳармоҳа чанд рӯз ақиб(тар) дуздида бист танга медоданд ва аз ҷиҳати безабтӣ ӯрдабозори муайян набуд, ки арзонии қӯшунро мазбут дорад. …Сабаби эҳмоли сипоҳ дар маъракаи корзор аз он ҷиҳат буд, ки аввалан, мавоҷиб куллӣ намерасидашон ва сониян, одамҳои дун бар сари онҳо фармонфармо буд. Солисан, агар бинанд, ки касе дар маъракаи корзор мақтул шуд, авлоди ӯ зоеъ мешуд ва ин боиси адами ҷуръати эшон мегардид, зеро ҳар касе худро, ки ба ҳар балое меандозад, зану фарзанд ва осудагии худ ва онҳо(ро) манзур дорад, ки агар ин матлаб фавт шавад, ҳеҷ кас ба ҳеҷ ваҷҳ беш тараддуд накунад ва аз барои як нафси худ худро дар маҳлака наяфканад. Ваҳҷи дигар дар парокандагии ин аскар сабаб он буд ки ҳоли хасмро намедонистанд ва агар медонистанд ҳам бовар намекарданд, бад-он иллат, ки собиқан ишорат кардем, ҳоли хасмро ба мардуми билоди худ қиёс мегирифтанд. Аз ин ҷиҳат ба ҷӯби сегазӣ иктифо менамуданд, ки ба мисли он мардуми ӯзбакро аз худ дафъ тавон кард».[1]

А.Мирзоев соли 1948 як асари Аҳмади Донишро, ки бо номи «Номусу-л-аъзам» соли 1893 таълиф шудааст, пайдо мекунад, ки миёни аҳли илм маълум набуд. Дар ин рисола Аҳмади Дониш хусусиёти мазҳаби суннӣ ва шиаро баён карда, аз ихтилофу зиддиятҳои он сухан кардааст. Дар мақолаи «Як асари тозаи Аҳмади Дониш» А.Мирзоев дар бораи ин бозёфти худ сухан ронда, сохтор ва муҳтавои рисоларо мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае меояд, ки ҳарчанд ин асар дар қиёс бо «Наводиру-л-вақоеъ» ва «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» аз нуқтаи назари ғоявӣ хеле поин меистад, вале барои муайян кардани ҷаҳонбинии нависанда аҳамияти зиёд дорад.[1]

Яке аз бузургтарин асари Аҳмади Дониш ин рисолаи ӯ «Наводиру-л-вақоеъ» мебошад, ки А.Мирзоев ҳанӯз соли 1953 дар бораи ин асар

[1] Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.46-47.

мақолаеро бо номи «Таҳрири аввалини «Наводиру-л-вақоеъ» ва вақти таълифи он»[2] навишта, дар он нусхаҳои мавҷудаи ин асар дар китобхонаҳои гуногун таҳлили муқоисавӣ гардида, муаллиф ба хулосае меояд, ки ин рисола пас аз сафарҳои Аҳмади Дониш ба Россия таълиф шудааст. А.Мирзоев ба ин назар аст, ки «он сухани муаллиф, ки гӯё ӯ «Наводиру-л-вақоеъ»-ро фақат барои ёдгорӣ бо хоҳиши дӯстон мураттаб намудааст, агар хато накунам, низ то дараҷае барои рӯпӯш намудани мақсади асосии муаллиф равона карда шудааст».[3] Ҳадафи нависанда аз иншои ин рисола ва дар дохили он ҷойгир кардани асари дигараш «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» ин пеш аз ҳама «пахн кардани рисолаи сиёсӣ ва дигар фикрҳои иҷтимоии муаллиф дар маркази диққати ӯ қарор гирифта будааст».[4]

Соли 1960 А.Мирзоев зери унвони «Аҳмади Дониш ва воқеаи қатли оми қипчоқҳо дар нимаи дуюми асри XIX» мақолаеро навишта, онро соли 1962 ба табъ расонида,[5] аз воқеаи қатли оми қипчоқҳо, ки 9 октябри соли 1852 дар хонии Хуқанд рух дода буд, дар асоси ахбори Аҳмади Дониш, ки дар охири яке аз нусхаҳои «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» овардааст, ба ин ҳодиса равшании бештар меандозад.

Дар охири асри XVIII ба хонҳои Хуқанд муяссар гашт, ки баъд аз муборизаҳои тӯлонӣ давлатеро ташкил кунанд. Ин сарзамин яке аз хониҳои калонтарини Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт ва он бо аморати Бухоро(1747-1920) ва хонии Хева(1763-1920) рақобат дошт. Хонии Хуқанд(1709-1876) дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX сарзамини густурдаеро, ки шомили шаҳрҳои Хуқанд, Намангон,

---

[1] Мирзоев А. Як асари тозаи Аҳмади Дониш // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.28-30.
[2] Мирзоев А. Таҳрири аввалини «Наводиру-л-вақоеъ» ва вақти таълифи он // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.43-61.
[3] Ҳамон ҷо. С.61.
[4] Ҳамон ҷо. С.61.
[5] Мирзоев А. Аҳмади Дониш ва воқеаи қатли оми қипчоқҳо дар нимаи асри XIX // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Вып. 2 (29), 1962. С.3-6; Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.62-68.

Андиҷон, Марғелон, Ӯш (дар водии Фарғона), Тошканд ва Туркистон, ноҳияҳои ҳозираи Тоҷикистон–Исфара, Конибодом, Ашт, каме дертар – Дарвоз, Қаротегин ва Помир буданд, фаро мегирифт. Аммо хонҳои Хуқанд ҳамоно барои густариши қаламрави давлати худ лашкаркашиҳо ва хунрезиҳои зиёде кардаанд. Аз ҷумла дар замони ҳукумати Умархон (1810–1822) сарзамини паҳновари даштҳои қазоқнишин аз баҳри Арал то Ҳафтрӯд тобеи хонии Хуқанд гашт. Аз соли 1840 то соли 1866 байни хонии Хуқанд ва аморати Бухоро мубориза ҳои шадид рафтааст. Масалан, амир Насруллоҳ соли 1842 ба тарафи хонии Хуқанд лашкар кашида, пойтахти он шаҳри Хуқандро ишғол кард ва бо амри Насруллоҳ хони Хуқанд Муҳаммадалихон (1822-1842) бо писараш, модараш Нодира ва бародараш султон Маҳмуд ба қатл расиданд. Баъд аз дуним моҳи ин воқеа ҳокимияти Бухоро дар Хуқанд аз тарафи сарварони қабилаҳои қирғизу қазоқ бо иттифоқи мардуми шӯришбардоштаи шаҳри Хуқанд сарнагун гашт. Ба сари ҳокимият Шералихон (1842 – 1844) омад. Ӯ тавонист, ки ҳокимияти Хуқандро бори дигар дар Тошканд, Қурама, Хуҷанд ва ҷануби Қазоқистон барқарор намояд. Дар солҳои ҳукумронии ӯ қабилаи қипчоқ бо сарварии Мусулмонқул(1839-1852) дар Хуқанд нуфузи аз ҳад беш пайдо намуд. Мубориза барои тахти хонӣ байни ворисони Олимхону Умархон аз як тараф ва қипчоқҳо аз тарафи дигар, ба хунрезиҳои зиёде овард, ки дар натиҷа Шералихон кушта шуд. Писари ӯ Худоёрхон соли (1844-1875) тахти Хуқандро соҳиб гашт, вале дар ин сарзамин худсарии қипчоқҳо то дараҷае зиёд шуда буд, ки онҳо соҳибихтиёр амал намуда, мардуми муқимии Хуқандро таҳқир мекарданд. Дар ин кор нақши падарарӯси Худоёрхон пешвои қабилаи қипчоқ Мусулмонқул зиёд буд.

Ҳодисаи 9 октябри соли 1852, ки ба қатли оми қипчоқҳо дар Хуқанд анҷомид, дар «История народов Узбекистана» чунин тасвир ёфтааст: «Субҳи рӯзи 9 октябри соли 1852 Худоёрхон ба муносибати иди Қурбон салом қабул намуд. Баъд аз ин маросими дарборӣ, ки хеле кӯтоҳ буд, аскарони Тошканд, ки пешакӣ аз тарафи хон оварда шуда

буданд, ба қипчоқҳо ҳуҷум намуданд, сокинони мусаллаҳшудаи шаҳр низ ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Ҳар куҷое қипчоқҳоро дастгир мекарданд, хоҳ дар хона, хоҳ дар кӯча ва хоҳ дар масҷид ба қатл мерасониданд…Мусулмонқул низ ба даст афтод ва ба Хуқанд оварда шуда, ба қатл расид ва тамоми заминҳои қипчоқҳо бо баҳои нисфӣ ба аҳолии маҳаллӣ фурӯхта шуд».[1]

Ин қатли ом ҳамон навъе ки дида мешавад гӯё ба ташаббуси Худоёрхон, барои халосӣ ёфтан аз зери таъсири падарарӯсаш сурат гирифта бошад. Бояд гуфт, ки бедодгариҳои қабилаи қипчоқ бо сарварии Мусулмонқул баъд аз ба сари қудрат омадани Худоёрхон дар тӯли 13 сол шиддат гирифт, ки на танҳо амирони маҳаллии водии Фарғонаро, инчунин сокинони ин хониро низ ба ғазаб оварда буд.[2] Дар зимн Аҳмади Дониш менависад: «…Мусалмонқули қипчоқ, баъд аз қатлу ҳабс ва ихроҷи умарои Хуқанд, ба тариқи истиқлол дар арикаи салтанат нишаст. Ба ҳамаи вилоятҳои қаламрави Хуқанд, аз Тошканд ва Хуҷанду Ӯротеппа, саромади эли худро фармонфармо гардонид ва боз тараддуд дошт, ки мобақияи рууси қавми Хуқандро билкулл мустаъсал гардонида, балки фуқароро низ аз шаҳр ихроҷ фармуда, аз қипчоқ пур кунад ва бемунозаъа маъшуқаи давлатро дар канор гирад. Дар ин ҳол ман дар Ӯротеппа будам».[3]

Дар китоби «История народов Узбекистана» дар бораи шумораи қипчоқҳои бақатлрасида ахборе дода намешавад, аммо Аҳмади Дониш теъдоди қипчоқҳои кушташуда дар ин ҳодисаро чунин муайян мекунад: «Ва дар ин балво миқдори панҷ ҳазор қипчоқ дар ӯрду ба қатл расиданд ва миқдори ҳафт ҳазор дар маҳаллоту деҳот, ғайр аз зану фарзанди эшон. Ва дар саҳрову қуро ҳар ҷо ки баъд аз ин қипчоқ номе меёфтанд, медонистанд ки аз қипчоқ аст, мекуштанд ва то як моҳ рама-рама занону духтарон ва авлоди эшонро ба таҳти чоши гандуму ҷав ниҳода, ба фарқи онҳо асбу гов ронда, ба қатл мерасониданд, ки диёре дар диёр

[1] История народов Узбекистана. Том II. Ташкент, 1947. С.173.
[2] Ҳамон ҷо. С.173.
[3] Дониш А. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.132.

аз ин ҷамоа намонд. Ва бархе ки пойи гурез дошт, ба кӯҳу куталу водӣ саргардон шуда, тӯъмаи палангу гург гаштанд. То чандин гоҳ гургону сагони даштӣ, ки ба гӯшти одам муталаззазу мутаанас гашта буданд, ҳуҷумовар шуда, аз умронот мардумро мерабуданд».[1]

Дар ин ҳодисаи қатли ом пешвои қипчоқҳо Мусалмонқул низ кушта мешавад ва Аҳмади Дониш менависад, ки «Мусалмонқул низ дар ин ҳодиса дастгир шуда, дар офтоби тамуз то як моҳ доштанд, ки ба уқубатҳо ҳалок шуд».[2]

А.Мирзоев қайд мекунад, ки куштори қипчоқҳо баъд аз ин ҳам дар хонии Хуқанд идома ёфт ва «танҳо воқеаи ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ин балоро аз сари қипчоқҳои боқимонда барканор гардонида будааст».[3]

Бояд гуфт, ки ахбори Аҳмади Дониш роҷеъ ба қатли оми қипчоқҳо дар хонии Хуқанд ба василаи ин ки «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» чанд бор ба нашр расид, дастраси умум гардид. Аммо хидмати А.Мирзоев дар ин хулоса мешавад, ки ӯ бори нахуст аз ахбори манбаи дасти аввал ва шоҳиди он, ки Аҳмади Дониш аст, дар равшанӣ андохтани ин ҳодиса кӯшиш карда аст.

Аҳмади Дониш ҳамеша роҷеъ ба вазъи обёрӣ дар Мовароуннаҳр, ки аз замонҳои қадим бисёр муҳим будааст, таваҷҷуҳ карда, аз вазъи обёрӣ дар аморати Бухоро, ба хусус шаҳри Бухоро ба изтироб омада, борҳо ба ҳокимони замонаш - амир Музаффар, амир Абдулаҳад ва соҳибмансабони Россия дар бораи ҳалли ин масъала муроҷиат кардааст. «Ҳоло ба муносибати сохтмони истгоҳи электрикии Норак, ки дар иҷрои мақсади зикршуда дар РССТоҷикистон роли ҳалкунанда хоҳад бозид- менависад А.Мирзоев,- мехоҳам хонандагони муҳтарамро бо хотираҳои дар ин боб аз худ боқӣ гузоштаи Аҳмади Махдуми Дониш шиносо

[1] Дониш А. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития. С.136.
[2] Ҳамон ҷо. С.135.
[3] Мирзоев А. Аҳмади Дониш ва воқеаи қатли оми қипчоқҳо дар нимаи асри XIX // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.67.

намоем».[1] А.Мирзоев ин номаҳои Аҳмади Донишро баррасӣ карда, нодидагирифтани пешниҳодоти Аҳмади Донишро аз ҷониби амирони манғития тасдиқ кардааст. Муаллиф дар мақолаи худ «Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи истифода бурда шудани оби дарёи Ому»[2], ки он ба забони русӣ бо номи «Ахмади Дониш о проблеме воды для Бухары»[3] нашр шудааст ва ҳамчунин ин мақола зери унвони «Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна» дар маҷмӯаи мақолаҳои «Аҳмади Дониш»-и А.Мирзоев шомил гардидааст,[4] зикр мекунад, ки Аҳмади Дониш ин ҳақиқатро беш аз дигар ҳамасронаш дарк намуда, сабабҳои камобӣ, роҳҳои аз манбаъҳои асосии обӣ истифода бурда, обёрӣ кардани заминҳои зироатӣ ва аз кӯшишҳои ӯ дар рафъи ин масъала дар Бухоро ва ҳангоми сафарҳояш ба Россияро тавзеҳ медиҳад. Бояд гуфт, ки бори нахуст ин масъалаи мавриди таваҷҷуҳи Аҳмади Дониш аз ҷониби донишманди маъруф Е.Э.Бертелс (1890-1957) ҳанӯз соли 1936 мавриди таҳқиқ қарор гирифта буд.[5]

Масъалаи обёрии заминҳои зироатӣ он вақт таваҷҷуҳи Аҳмади Донишро ба худ ҷалб мекунад, ки хафи ба киштзорҳои Бухоро ва ноҳияҳои атрофи он кифоя накардани оби дарёи Зарафшон бештар мегардад. Баъд аз он ки Самарқанд ва ноҳияҳои атрофи он ба Россия ҳамроҳ карда мешаванд, дар даштҳои беоби ин вилоят аз дарёи Зарафшон ҷӯйборҳо баровindependent, масоҳати киштзорҳои он зиёд мегардад. «Табиист, ки агар миқдори кишти обӣ дар тавобеи Самарқанд ҳартарафа вусъат меёфт, -менависад А.Мирзоев,- оби Зарафшон, махсусан дар тобистон киштзорони туманҳои Бухоро, ки аз маҳалҳои хеле обод ва ҳосилхези Мовароуннаҳр ҳисоб мешуд, таъмин

[1] Мирзоев А. Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.70.
[2] Мирзоев А. Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи истифода бурда шудани оби дарёи Ому //Шарқи Сурх. -№5, Душанбе, 1962. С.137-141.
[3] Мирзоев А. Ахмади Дониш о проблеме воды для Бухары // Краткие сообщение Института народов Азии АН СССР. -№65, Москва, 1964. С.109-113.
[4] Мирзоев А. Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.69-77.
[5] Бертельс Е.Э. Рукописи произведений Ахмеда Кале // Труды Таджикской базы АН СССР. Т.III. Ленингард, 1936.

карда наметавонист»,[1] бинобар ин Аҳмади Дониш дар фикри дарёфти манбаи нави об, истифода бурдани оби Ому афтода, ба амир Музаффар муроҷиат мекунад. Амир Музаффар ба ивази ин ки ин пешниҳоди Аҳмади Донишро таҳқиқ кунад ва бо мутахассисон машварат намояд, дар ҷавоби номаи Дониш менависад, ки «подшоҳони гузаштаи Бухоро-ку об аз Омун нагирифтанд, ё даҳанаи онро бастаанд. Сабаб он аст, ки мабодо бо саъйи душмане ё ғалаби обхезии дарёи Бухоро бо об хароб нагардад. Аз Омуя об талабидан хилофи маслиҳат аст».[2]

Баъд аз вафоти амир Музаффар ва ба сари тахт омадани амир Абдулаҳад Аҳмади Дониш бо вуҷуди мамониатҳои зиёд масъалаи обёрии Бухороро канор намегузорад. Ин замон амир Абдулаҳад барои мулоқоти императори Россия ба Петербург меравад ва Аҳмади Дониш бо истифода аз ин фурсат ҳамчуноне ки А.Мирзоев зикр мекунад, «ӯ дар панҷ банд мусаввадаи илтимосномаи ба император тақдим мекардагии амирро навишта, дар арафаи сафар ба дарбор мефиристад...Ҳамон навъе ки Аҳмади Дониш мегӯяд, яке аз котибҳои амир Абдулаҳад ба ӯ хабар дода аст, ки амир аз ваҳми ин ки мабодо император аз вай биранҷад, ҳеҷ яке аз масъалаҳои дар мусаввадаи илтимоснома навишташударо дар Петербург изҳор накард».[3]

Дар фароварди ин мақола А.Мирзоев ба хулосаи мантиқие мерасад, ки иқдомҳое, ки Аҳмади Дониш барои обшор намудани аморати Бухоро дар замони амирони манғит Музаффар ва Абдулаҳад намуд, аз белаёқатӣ ва ҳамоқати ин ду амир татбиқ нашуд.

Соли 1967 дар Эрон асари Маҳмуди Катероӣ бо номи «Фармосунрӣ дар Эрон», ки дар бораи яке аз созмонҳои махфии Эрон – фаромӯшхонаҳо баҳс мекунад, нашр мешавад. Ин китоб дастраси А.Мирзоев гашта, баъд аз мутолиаи он ӯ соли 1972 бинобар хоҳиши

---

[1] Мирзоев А. Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.70.
[2] Мирзоев А. Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.71.
[3] Ҳамон ҷо. С.76-77.

Бунёди фарҳанги Эрон мақолаеро бо номи «Як ҳуҷҷати тоза роҷеъ ба фаромӯшхона ва баъзе мақсадҳои аҳли он»[1] менависад ва матни форсии онро соли 1973 ба Эрон мефиристад.

Масъалаи фаромӯшхонаҳо баъд аз мутолиаи асари муаллифи эронӣ таваҷҷуҳи А.Мирзоевро ба худ кашида, дар зимн олим хостаст бидонад, ки оё чунин фаромӯшхонаҳои Эрон ба Мовароуннаҳр, ки то садаи XVI гузаштаи муштараки таърихӣ доштанд, таъсиргузор будааст ё не. Ба ин манзур А.Мирзоев сарчашмаҳои таърихии асрҳои XVII-XIX-и дар Мовароуннаҳр навишташударо омӯхта, дар асари «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш роҷеъ ба фаромӯшхонаҳо ахбори муҳиме пайдо мекунад. Дар мақолаи худ А.Мирзоев муфассал аз «Наводиру-л-вақоеъ» ин ахборро айнан иқтибос карда, дар охир саволе мегузорад, ки оё дар ҳамон таърих дар Мовароуннаҳр фаромӯшхонаҳо ва ё ташкилотҳои ба он монанд мавҷуд будааст ё не? Дар ҷавоб менависад, ки чунин созмонҳо дар Мовароуннаҳр мавҷуд набудааст, зеро «ҳуҷҷати қотеъе, ки мавҷудияти чунин ҷамъомадеро дар он таърих дар Мовароуннаҳр таъкид мекарда бошад, дар даст надорем... ва дар Мовароуннаҳри асри XIX ҳанӯз заминаи иҷтимоӣ барои ташкили ин гуна ташкилотҳо фароҳам нашуда буд».[2] Олим дар хулосаи ин мақола ба ин натиҷа мерасад, ки шояд Аҳмади Дониш аз мусофиратҳои худ ба Петербург дар бораи ин ташкилот маълумоте ба даст оварда бошад ва баъдан онро мувофиқи сатҳи тафаккур ва дониши ҳамватанонаш ба он шакле, ки дар «Наводиру-л-вақоеъ» меояд, тасвир карда бошад.[3]

Хулоса, аз баррасии мақолоти ба Аҳмади Дониш бахшидаи А.Мирзоев маълум мешавад, ки ин донишманд таваҷҷуҳи зиёде ба сарвари ислоҳотталабон ва маорифпарварони Осиёи Миёна – Аҳмади Дониш доштааст. Дар мақолаҳояш А.Мирзоев кӯшидааст воқеаҳои таърихии замони Аҳмади Донишро дар пояи осори ин шахсияти

---

[1] Мирзоев А. Як ҳуҷҷати тоза роҷеъ ба фаромӯшхона ва баъзе мақсадҳои аҳли он // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.78-87.
[2] Мирзоев А. Як ҳуҷҷати тоза роҷеъ ба фаромӯшхона ва баъзе мақсадҳои аҳли он // Мирзоев А. Аҳмади Дониш (маҷмӯаи мақолаҳо). С.86.
[3] Ҳамон ҷо. С.87.

барҷаста инъикос намояд. Бино ба ахбори писари академик А.Мирзоев – Масрур Мирзоев олим дар солҳои охири умр асосан ба таҳқиқи аҳволу осори Аҳмади Дониш машғул буд ва ният дошт роҷеъ ба Аҳмади Дониш ва осораш рисолаи муфассале иншо намояд, ки мутаассифона умр ба олим вафо накард. Хидмати академик А.Мирзоев на танҳо дар бозёфти нусхаҳои асарҳои Аҳмади Дониш, инчунин дар таҳия ва нашри ин асарҳо хеле бузург аст. Аз ҷумла соли 1960 бори аввал матни илмиву интиқодии «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-ро ба хатти ниёгон нашр намуд. Бо ҳидоятҳои ӯ пораҳои «Наводиру-л-вақоеъ» ба табъ расиданд ва ба ин васила А.Мирзоев ҷомеаи илмӣ ва фарҳангии на танҳо Тоҷикистон ва берун аз онро низ бо симои ин шахсияти барҷастаи нимаи дуюми асри XIX-и тоҷик шиносо кард.

# ХУЛОСА

## 1. НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Ҳаёт ва фаъолияти илмии академик Абдулғанӣ Мирзоев барои ононе, ки ба роҳи илм мераванд, мактаби бузурги ибрат аст. Ин ангезае барои омӯзиши осори ин олим гардид, ки саҳми беназири ӯро дар пешрафти илмҳои гуманитарӣ, ба хусус таъриху адабиёти тоҷик нишон хоҳад дод. Академик Абдулғанӣ Мирзоев тамоми зиндагии огоҳонаи худро барои пешрафти илм дар Тоҷикистон бахшид. Фаъолияти меҳнатии олим аз сини 16-солагиаш оғоз шуда, дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ кор карда, пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Ленинград рӯй ба илм меоварад. Баъд аз адои вазифаи масъули дипломатӣ дар Эрон (1942-1944), дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуда, дар ин боргоҳи илм беш аз 31 сол, то дами вопасини зиндагӣ (1976) фаъолият мекунад.

